**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи САДРИДДИН АЙНӢ**

**ТДУ 016:39 (575.3)**
**ТКБ Я 2 65.5 92 (2 Тоҷик)**
**Д – 23**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ДАРВОЗИЕВА ҲАНИФА ШОДИБЕКОВНА**

# ҶАШНУ МАРОСИМҲОИ АНЪАНАВӢ - ТАҚВИМИИ ТОҶИКОНИ РУШОН

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси
07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои таърих, дотсент
Сайнаков Сайнак Парпишоевич

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** .................................................. 3

**БОБИ I. ҲИСОБИ ВАҚТ ВА ИДҲОИ ТАҚВИМӢ-АНЪАНАВӢ** .............. 18

1.1. Маълумоти таърихӣ - ҷуғрофӣ оид ба Рушон .............. 18

1.2. Тақвими тоҷикони Рушон .............. 34

1.3. Ҷашну идҳои анъанавӣ ва хусусиятҳои онҳо .............. 44

**БОБИ II. ҶАШНУ МАРОСИМҲО ВОБАСТА БА ХОҶАГИДОРӢ** .............. 74

2.1. Ҷашну маросимҳои кишоварзӣ .............. 74

2.2. Ҷашнҳо, урфу одат ва маросимҳои чорводорӣ .............. 94

**БОБИ III. МАРОСИМҲОИ ДОИРАИ ҲАЁТИИ МАРДУМИ РУШОН** .... 108

3.1. Ҷашну маросимҳо дар алоқамандӣ бо таваллуд ва тарбияи кӯдак ......... 108

3.2. Маросимҳо вобаста ба никоҳ ва тӯй .............. 120

3.3. Маросимҳои марг ва азодорӣ .............. 134

**ХУЛОСА** .............. 150

**НОМГӮИ МАЪХАЗҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** .............. 157

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҷашну маросимҳои мардумӣ баробари дигар унсурҳо муаррифгари фарҳанги маънавии ҳар халқу миллат ба ҳисоб мераванд. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ зикр менамояд, ки «миллати тоҷик соҳиби ойину суннатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадима буда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштааст. Суннату ойинҳои нек ва ҷашнҳои миллии мо мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада дар тӯли таърих барои тарғиби ахлоқу маънавиёти созанда хизмат кардаанд»[1].

Бештаре аз ҷашнҳои миллии мо хусусияти тақвимӣ-анъанавӣ доранд, аз ин лиҳоз таҳқиқи тақвими тоҷикони Рушон ва ҷашну маросимҳои онҳо, ки баробари дигар тоҷикони кӯҳистон маданияти моддӣ ва маънавии архаистии миллиро бисёртар ҳифз кардаанд, рӯзмарра мебошад. Имрӯз дар партави сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми илми мардумшиносии тоҷик таҳқиқи ҷашну маросимҳои мардумӣ ба шумор меравад. Зеро Президенти мамлакат қайд менамояд, ки “мо на танҳо Наврӯз, балки ҷашнҳои Меҳргон ва Садаро низ эҳё кардем, вале омӯзиши ин ҷашнҳои миллӣ васеъ ба роҳ монда нашуда, ҷанбаҳои мардумии онҳо пурра таҳқиқ ва муаррифӣ нагардидааст. Вақти он расидааст, ки муҳаққиқон доир ба ин се ҷашн ва дигар маросиму ойинҳои миллиамон “Донишномаи ҷашнҳои миллии тоҷикон”- ро таҳия карда, ба нашр расонанд ва суннату арзишҳои мардуми моро ба оламиён муаррифӣ намоянд”[2].

---

[1]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017. Душанбе: Шарқи озод, 2017. С. 8.; Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.17 с.// http://www.president.tj/node/16771. Санаи муроҷиат 20.09.2022 с.

[2]Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Точикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Зафар Шералӣ Сайидзода.- Душанбе, 2017. - С. 403 – 404.

Дар Рушон ҷашнҳои тақвимӣ-мардумии тоҷикон дорои хусусияти хоси маҳаллӣ буда, вобаста ба зарурияти воқеии таҳқиқот мубрамияти мавзуъ аз инҳо иборат мебошад:

***якум,*** то имрӯз дар илм роҷеъ ба хусусиятҳои хоси этнографии тоҷикони рушонӣ, хусусан оид ба ҷашну маросимҳои онҳо таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Ҳамин сабаб асоси мубрамияти мавзуъро муайян менамояд;

***дуюм,*** мубрамии мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки эҳё намудани ҷашну маросимҳо, анъанаҳо, урфу одатҳои миллӣ ба яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилии Ҳукумати Тоҷикистон табдил ёфтааст, аз ин лиҳоз таҳқиқоти илмии мо мутобиқи талаботи сиёсати ҳокимияти мамлакат мебошад;

***сеюм,*** дар солҳои охир баъзе муҳаққиқони хориҷӣ ва сиёсатмадорон нисбати сокинони Кӯҳистони Бадахшон консепсияҳои ғайриилмиро (хусусан, дар самти этногенез) истифода мебаранд ва мехоҳанд ба онҳо этноними алоҳида диҳанд, ки ин хилофи ҳақиқати таърихӣ мебошанд, аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуъ имконият медиҳад, ки ба назарияҳои ин гуна сиёсатшиносон, олимону таърихнависони навбаромад ҷавоби аниқ дода шавад, инчунин роҳи ҷавонон аз гаравидан ба фарҳанги маънавии бегона гирифта шавад;

***чорум,*** таҳқиқ намудани масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки он ҷашну маросим, урфу одатҳои мардуми Рушон, ки аз байн рафтаанд ва ё дар зинаи азбайнравӣ мебошанд, мавриди барқарору ҳифозат қарор дода шаванд;

***панҷум,*** натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди эҳё ва барқарор намудани хусусиятҳои муҳимми этнофарҳангии миллати тоҷик мавриди истифодаи амалӣ қарор меёбанд.

Ҳамин тавр, омӯзиши ҷашну маросимҳои тақвимӣ - анъанавии тоҷикони Рушон мавзуи мубрам мебошад ва он имконият медиҳад, ки

тамоми сарчашмаву маводи илмӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар доираи як диссертатсия ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шаванд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Оид ба масъалаи ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии рушониён дар таърихнигории тоҷик то имрӯз таҳқиқоти махсуси этнографӣ анҷом дода нашудааст. Масъалаи мазкур танҳо дар шакли мухтасару умумӣ дар адабиёти таърихӣ, этнографӣ, фарҳангшиносӣ ва филологӣ оварда шудааст, ки онҳоро мо тибқи равияи проблемавӣ ба шакли зерин гурӯҳбандӣ кардем:

**Ба гурӯҳи якум** асарҳои муҳаққиқони таърихи Кӯҳистони Бадахшон – Б. И. Искандаров, Р. М. Масов, Н. А. Халфин, Г. А. Абаева, М. Назаршоев, О. Боқиев, Ҳ. Пирумшоев ва дигарон шомил мешаванд, ки дар онҳо масъалаҳои муҳимми таърихи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҳқиқ гардида, вобаста ба зарурият ба ҷашну маросимҳои анъанавии сокинон низ ишора шудааст[1].

[1]Искандаров Б. И. Восточная Бухара и Памир в период присоединения Средней Азии к России. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1960. - 214 с.; Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX в. Ч. I. - Душанбе: АН Таджикской ССР, 1962. - 546 с.; Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX в. Ч. 2. - Душанбе: Таджикской ССР, 1963. - 352 с.; История Памира. - Хорог: Мерос, 1995. - 185 с.; Социально-экономические аспекты истории памирских княжеств (X в. – первая половина XIX в.). - Душанбе: Дониш, 1983. - 160 с.; Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX в. (Издание третье). - Душанбе: Андалеб Р, 2015. - 644 с.; Масов Р. М. Историография Советского Таджикистана. - Душанбе: Дониш, 1978. – 201 с.; К истории Ванчской долины // Мероси ниёгон (Наследие предков). -№ 4.- 1999.- С. 20 – 30.; Файзи истиқлол дар “Боми Ҷаҳон”.-Душанбе: Дониш, 2011. - 412 с. Дар ҳаммуаллифӣ бо Ҳ. Пирумшоев.; Исторические значение доброволного присоединения Горного Бадахшана к России // Муаррих (Историк).-№ 4.-2015.-С. 3-11. (соавт В. В. Дубовицкий.).; Халфин Н.А. Россия и Бухарский эмират на Западном Памире (конец XX – начало XX в.). - М., 1975.; Абаева Т. Г. Очерки истории Бадахшана. Ташкент: Наука, 1964. 164 с.; Назаршоев М. Социально - экономическое положение дореволюционного Памира (Для служебного пользование). - Душанбе: Ирфон, 1975. - 296 с.; Бокиев О. О вкладе А. А. Семёнова в изучении истории Памира // - Памир. 1982. № 9. - С. 66 – 69.; Освещение истории таджиков и Таджикистана в трудах русских дореволюционных исследователей. - Душанбе, 1991. - 168 с.; Пирумшоев Х. Вклад Русского географического общества в историко-этнографическое изучение Таджикистана // Вклад Русского географического общества в исследование Средней Азии (Материалы научно – практической конференции). - Душанбе, 2006. - С. 36 – 43.; Помиру Бадахшон: назаре ба ҷуғрофиё ватаърихи сиёсӣ (аҳди қадим, асрҳои миёна ва давраи нав). - Душанбе: Ганҷи хирад, 2021. - 64 с.

**Ба гурӯҳи дуюм** асарҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ дохил мешаванд, ки дар онҳо ба таври алоҳида таърихи ноҳияи Рушон инъикос гардида, роҷеъ ба ҷашну маросимҳои рушониён низ маълумот дода мешавад[1].

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳои мардумшиносон ва фарҳангшиносон тааллуқ доранд, ки дар онҳо масъалаҳои муҳимми этнографӣ, аз он ҷумла ба таври умумӣ тақвимҳо, ҷашнҳо, расму русум, маросимҳо ва анъанаҳои тоҷикони Бадахшон, аз ҷумла рушониён омӯхта шудааст. Ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама асарҳои П. Майский[2], Н. А. Кисляков[3], Ф. Кароматов, Н. Нурҷонов, Б. Қабилова[4], А. Раҷабов[5], Л. Моногарова[6], З. А. Широкова[7], А. З. Розенфелд[8], М. Раҳимов[1], Н. О. Турсунов[2], Л. Бахтоваршоева[3], Р.

---

[1]Рушон – диёри равшандилон. Мураттибон Лутфишои Қиматшоҳ ва Маҳмадалии Бахтиёр. -Душанбе, 2002. - 110 с.; Бахтиёров М. Таърихи Рушон (аз соли 1918 то имрӯз). - Душанбе, 2013.; Таъбири номи деҳоти Рӯшон. - Душанбе, 2023. - 66 с.; Неруи ботин. - Душанбе: Ашуриён, 2023. - 320 с.; Даргилмодак (Намунаи фолклор ва адабиёти забони рушонӣ). Мураттиб Лутфишоҳ Қиматшоев. - Душанбе, 2015. - 140 с.; Султонайдаров Н. Х. Хушае аз гӯшаи Рушонзамин. - Душанбе, 2015. - 72 с.; Нуриддинов Б. Бадахшон дар масири таърих. - Душанбе, 2022. - 105 с.

[2]Майский П.П. Исчисление полевого сельксохозяйственный работ у горцев Памира и Верхнего Ванджа // Советская этнография. № 4. 1934. - С. 103 – 107.

[3]Кисляков Н. А. Очерки по истории семьи и брака у народов Средней Азии, и Казахстана. - Л., 1969.- 241 с.

[4]Кароматов Ф., Нурджанов Н. Музыкальное искусство Памира Кн. 1. - Бишкек: ОсОО «V.R.S. Company», 2010. - 184 с.; Кн. 2. - Бишкек: ОсОО «V.R.S. Company», 2010. - 297 с.; Кароматов Ф., Нурджанов Н., Кабилова Б. Музыкальное искусство Памира. Кн. 3. - Бишкек: ОсОО «V.R.S. Company», 2010. - 616 с.; Нурджанов Н., Кабилова Б. Музыкальное искусство Памира Кн. 4. - Бишкек: ОсОО «V.R.S. Company», 2014. - 397 с.; Кн. 5. - Бишкек: ОсОО «V.R.S. Company», 2014. - 294с.

[5]Раджабов А. Таджикская музыка в XVIII – XIX и начало XX вв. – Душанбе: Дониш, 2015.- 352 с.; Актуальные проблемы истории и теории таджикской музыкальной культуры. - Душанбе: Дониш, 2017. – 566 с. (текст на англ. яз.)

[6]Моногарова Л. Ф. Памирицы // Вопросы истории. № 2. - М., 1973. - С. 213 – 219.; Преобразования в быту и культуре припамирских народностей. М., 1972. 175 с.; Архаичный элемент похоронного обряда у памирских таджиков (ритуальный танец) // Полевые исследования Института этнографии 1979 г. - М., 1983. - С. 155 – 164.

[7]Широкова З. А. Традиционная и современная одежда женщин горного Таджикистана. - Душанбе, 1976. 206 с.; Таджикский костюм конца XIX - XX вв. - Душанбе: Дониш, 1993. - 199 с., ил.

[8]Розенфельд А. З. Материалы по этнографии и пережиткам древних верований таджикоязычного населения Советского Бадахшана // Советская этнография. 1970, № 3.; «Гавораи ноз» - древний погребальный обряд на Вандже (Тадж. ССР) и траурное рубои // Фольклор и этнография. - Л., 1974. - С. 251 – 254.; Материалы по языку и этнографии припамирских таджиков. Лексика бадахшанских говоров таджикского языка // Страны и народы Востока. Выпуск XVI. Памир. - М., 1975. - С. 214.; Личный фонд профессора И.И. Зарубина // Страны и Народы Востока. Вып. 16. - М., 1975. - С. 289 – 297.;

Одилбекова[4], М. Забирзода[5], В. Н. Басилов[6], И. Муҳиддинов[7], С. Юсупова[8], Л. Додхудоева[9], Б. Қабилова[10], Р. Абдулвоҳидов[11], У. Ҷаҳонов[12], З. Мадамидҷонова[13], З. Юсуфбекова[14], А. С. Давидов[1], А. Э. Негматӣ[2], М.

---

[1]Рахимов, М. Некоторые обычаи и обряды, связанные со скотоводством, у таджиков Каратегина и Дарваза // Труды АН Таджикской ССР. Институт истории, археологии и этнографии. Т. CXX. - Душанбе, 1960. - С. 181 – 187.

[2]Турсунов Н. О. Сложение и пути развития городского и сельского населения Северного Таджикистана XIX – начало XX вв. Историко-этнографический очерк. - Душанбе: Ирфон, 1976. 304+4 карты.

[3]Бахтоваршоева Л. Ткани кустарного производства в Припамирье в XIX – начале XX в. (Материалы к «Историко-этнографическому атласу народов Средней Азии и Казахстана») // Советская этнография. № 3. - М., 1973. - С. 118 – 125.; Саван таджиков Шугнана и Хуфа // Тезис докладов Сессии, посвященные итогам полевых этнографических и антропологических вследствие в 1974 – 1975 гг. - Душанбе, 1976. - С. 130.; Платья традиционного покроя таджичек Памира // Памироведение. - Душанбе: Дониш, 1984. - С. 145-152.

[4]Одилбекова, Р. Социально-экономическая и культурная жизнь западных районов Памира (Рушан, Шугнан, Вахан) в конце XIX – начале XX в. Диссертация на соискание ученой степени кандидата наук. - Душанбе, 1989. - 218 с.

[5]Забирзода М. Солшумории халқӣ // Шарқи Сурх. № 12. – Душанбе, 1957. - С.118 – 125.

[6]Басилов В. Н. Культ святых в исламе. - М., 1970. -144 с.

[7]Мухиддинов И. Земледелие памирских таджиков Вахана и Ишкашима. М., 1975.; Обряды и обычаи, связанные с земледелием, у памирских таджиков Вахана и Ишкашима в XIX – начале XX в. // Советская этнография. № 3. 1973.; Особенности традиционного земледельческого хозяёства припамирских народностей в XX – начале XX века. - Душанбе, 1984.

[8]Юсупова Ш. И. И. Зарубин на Памире // Памироведение. Выпуск 2. - Душанбе, 1985. - С. 34 – 49.; Юсупова С. Народная инструментальная музыка Горного Бадахшана (по материалам памирских экпедиций 1975 – 1977 и 1979 гг.) // Памироведение. Выпуск 1. - Душанбе, 1984. - С. 197 – 204.

[9]Додхудоева Л. Навруз в Таджикистане / Л. Додхудоева, А. Раджабов, М. Каримов. Душанбе: Дониш, 2017. 75 с.; К дебатам о визуальной культуре Памира начала XIX в. // Очерки истории и теории искусств таджикского народа. - Душанбе: Дониш, 2017. - С. 69 – 78.; Памирский костюм с крыши мира // «Дискавери». - Алматы, 2017. № 1. - С. 78 – 83.

[10]Кабилова Б. История музыкальной культуры Таджикистана в 1917 – 1957 годы. Автореферат диссертации доктора исторических наук. - Душанбе, 2016. - 54 с.; Женские песни в народной культуре Бадахшана. Бишкек: УЦА. Отдел культурного наследия и гуманитарных наук. Научный доклад № 11. 2020.- 24 с.

[11]Абдулвахидов Р. Хозяйственно-культурные и социально-экономические проблемы скотоводства у таджиков в конце XIX – начале XX вв. - Душанбе, 2011.- 297 с.

[12]Ҷаҳонов У., Ҷумъаев С. Очерки этнографии тоҷикони Фалғар. - Хуҷанд, 2009. - 60 с.

[13]Мадамиджанова З. Традиция и современность в этнографических исследованиях в Таджикистане // Историк (научно-теоретический журнал). № 3 (19). 2019. С. 101 – 112.; Становление и развитие этнографической школы в Таджикистане // Историк (научно-теоретический журнал). № 1 (29). 2022. - С. 143 – 155.

[14]Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX – начало XX в.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. Л., 1989. – 28 с.; Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX – начало XX в.). – Душанбе: Шарки озод, 2001. - 184 с.

Ф. Иброҳимов[3], Д. Худоназаров[4], М. Шовалиева[5], М. Холов[6], Д. Раҳимов[7], Т. Қаландаров[8], А. Шоинбеков[9], А. З. Лашкариев[10], Х. А. Қаюмова[11], Х. Маҳмадамонов[12], монографияҳои коллективонаи "Тоҷикон"[13], "Этногенез и этническая история таджикского народа"[14] ва дигарон шомил мешаванд.

**Ба гурӯҳи чорум** асарҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо таърихнигории масъалаи мардумшиносии тоҷикон таҳлил гардидааст. Дар байни онҳо асарҳои Н. А. Кисляков[15], Д. Е. Хайтун ва Ю. А. Шибаева[1], А. К.

---

[1]Давыдов А. С. Этническая принадлежность коренного населения Горного Бадахшана (Памира). - Душанбе, 2005.- 152 с.

[2]Негмати А. Э. Земледельческие календарные праздники древних таджиков и их предков. - Душанбе: Дониш, 1989. - 128 с.

[3]Иброхимов М. Ф. История традиционного ткачества таджиков. Автореферат диссертации кандидата исторических наук. Душанбе, 2003. 28 с.; История текстильного производства таджиков. Автореферат диссертации доктора исторических наук. - Душанбе, 2013. - 43 с.

[4]Худоназаров Д. Н. Памирские экспедиции графа А. А. Бобринской 1895 – 1901 годов: этнографический альбом: фотографии Н. В. Богоявленского.- М., 2013. - 324 с.

[5]Шовалиева М. История кулинарной культуры Таджикского народа. - Душанбе, 2015. - 168 с.; Наврузбеков, М. Шовалиева М. Отчет о Памирской этнографической экспедиции 2016 года (г. Хорог, Рошткалъа) // Историк. 2016. - № 3. - С. 81-87.

[6]Холов Ш.М. Тақвимҳои кишоварзии тоҷикони кӯҳистон. - Душанбе: «Ирфон», 2006. 132.; Метрология и хронология Восточной Бухары и западного Памира (вторая половина XVIII – начала XX вв.). - Душанбе, 2013. 212 с. Дар ҳаммуаллифӣ.

[7]Раҳимов, Д. Касбу хунарҳои анъанавии тоҷикон (маълумоти мухтасари этнографӣ). – Душанбе: «Адабиёти бачагона», 2014. - 160 с.; Раҳимов, Д. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойинҳои суннатии тоҷикон. - Душанбе: Истеъдод, 2011. – 96 с.; Тиргон – ҷашни об. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 144 с.; Сада – ҷашни гармию нур. – Душанбе: Аржанг, 2020. – 160 с.; Меҳргон – ҷашни баракату фаровонӣ. - Душанбе: Аржанг, 2020. - 128 с.; Наврӯз – ҷашни замину офариниш. – Душанбе: Аржанг, 2021. – 240 с.

[8]Каландаров Т. Шугнанцы (историко - этнографическое исследование). - М., 2004. - 478 с.

[9]Шоинбеков А. А. Традиционная погребально - поминальная обрядность исмаилитов Западного Памира (конец XIX – начало XXI вв.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - СПб., 2007. - 17 с.

[10]Лашкариев А. З. Похоронно - поминальная обрядность бартангцев (конец XIX – XX вв.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - М., 2007. - 33 с.

[11]Каюмова Х. А. Народная метрология и хронология таджиков Каратегина, Дарваза и Западного Памира. Автореферат диссертации кандидата исторических наук. - Душанбе, 2009. - 25 с.

[12]Маҳмадамонов Х. Созҳои мусиқии Бадахшон. - Душанбе, 2013. - 128 с.

[13]Таджики. Ответственные редакторы Н. А. Дубова, Н. К. Убайдулло, З. М. Мадамиджанова. - М.: Наука, 2020. - 632 с.

[14]Этногенез и этническая история таджикского народа. Т. 1. Главные редакторы Р. М. Масов, Н. К. Убайдулло. - Душанбе: Дониш, 2021. - 989 с.

[15]Кисляков Н. А. Этнографическое изучение Таджикистана // Труды таджикского филиала Академии наук СССР. Т. XXIX. История, археология, этнография, язык и литература. - Сталинабад, 1951. - С. 53 – 65.

Писарчик[2], Н. М. Акрамов[3], Л. Моногарова ва И. Муҳиддинов[4], Л. Н. Додхудоева[5], Н. Давлатбеков[6], А. Валиев[7], В. В. Дубовитский[8], Н. Маҳмудова[9], М. Пирумшоев[1], С. П. Сайнаков[2], Р. У. Боқиев[3], М. М. Ақризоев[4] ва дигарон мақоми назаррасро ишғол менамоянд.

---

[1] Хайтун Д. Е., Шибаева Ю. А. Вклад русских ученых в изучение археологии, этнографии и истории Памира (краткий очерк) // Ученые Записки Таджикского госуниверситета. Т. VIII. Труды историко-филологического факультета. - Сталинабад, 1955. - С. 47 – 66.

[2]Писарчик А. К. Михаил Степанович Андреев (1873 - 1948) – исследователь культуры и быта народов Средней Азии // Труды Института этнографии имени Н. Н. Миклухо - Маклая АН СССР. Т. 140. - М., 1977. - С. 126 – 132.; Этнографическая наука в Таджикистане (1920 – 1990 гг.). - Душанбе, 2002. - 172 с.

[3]Акрамов Н. М. Вопросы истории, археологии и этнографии народов Памира и Припамирья в трудах Б. Л. Громбчевского. – Душанбе: Дониш, 1975. - 131 с.; Акрамов Н. М. Русские исследователи и их вклад в изучение истории, археологии и этнографии народов Памира и Припамирья. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора исторических наук. Душанбе - М., 1975. - 38 с.; Акрамов Н. М., Акрамова Х. Ф., М. С. Андреев – тадқиқотчии таърихи тоҷикони қадим. - Душанбе, 1977. – 56 с.; Акрамова Х. Ф. Жизнь и деятельность члена - корреспондента АН СССР Михаила Степановича Андреева. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. – Душанбе, 1969. - 25 с.; Акрамова Х. Ф., Акрамова Н. М. Востоковед Михаил Степанович Андреев (научно – биографический очерк). - Душанбе, 1973. - 224 с.

[4]Моногарова Л., Мухиддинов И. Этнографического изучение Советского Бадахшна // Очерки по истории Советского Бадахшана. Выпуск 1. - Душанбе, 1981. - С. 309 – 342.; Выпуск 2. - Душанбе, 1985. - С. 352 – 384.

[5]Додхудоева, Л. Н. Научное наследие А. А. Семенова и М. С. Андреева (архивные документы). Душанбе, 2013. 226 с.; Жизнь и научная деятельность М.С. Андреева в фотодокументах // Научный вклад Михаил Степановича Андреева в изучение истории и этнографии таджикского народа: Материалы международной научно - практической конференции, (Душанбе, 22 октября 2013 г.). - Душанбе, 2014. - С. 18 – 29.; Выдающийся российский путешественник, этнограф и искусствовед: (К 150-летию со дня рождения графа А. А. Бобринского) // Наследие предков. - Душанбе, 2012. - С. 160 – 166.

[6]Давлатбеков Н. Освещение религии и верований населения верховьев реки Пянджа в трудах русских исследователей. Автореферат диссертации кандидата исторических наук. Душанбе, 1986. 26 с.; Доисламские верование население Западного Памира. - Душанбе, 1995. - 78 с.; Освещение исмаилизма на Памире в трудах русских дореволюционных исседователей. Душанбе, 1995. 57 с.; Исследователи дореволюционного Таджикистана. - Душанбе, 2023. - 142 с.

[7]Валиев А. Освещение этнографии таджикского народа в трудах русских дореволюционных исследователей (второй половина XIX – начало XX вв.). Душанбе: РТСУ, 2013. 229 с.; Этнографическое изучение таджиков Центральной Азии в новейшей время (1920 – 2017 гг.). - Душанбе: РТСУ, 2018. - 207 с.

[8]Дубовицкий В. В. Этнографическое наследие М. С. Андреева в фондах архива Академии наук республики Таджикистан // Наследие предков. Научно - популярное и культурно-просветительское издание. № 16. - Душанбе, 2013. - С. 34 – 39.

[9]Махмудова Н. С. Отражение духовной культуры народов Горного Бадахшана, Дарваза и Каратегина в трудах дореволюционных русских востоковедов. Худжанд, 1999. 60 с.; Культура и быт населения Памира и Припамирья в последней четверти XIX – начале XX вв. (по материалам русских востоковедов). - Худжанд, 2010. - 166 с.

**Гурӯҳи панҷумро** осори илмии забоншиносони тоҷик ташкил медиҳанд, ки баробари масъалаҳои филологӣ дар онҳо хусусияти этнолингвистии рушониён таҳқиқ гардидааст[5]. Хусусан, маълумоти ҷамъоваринамудаи муҳаққиқ С. Мирзабдинова оид ба "Батаём" маъхази дасти аввал ба ҳисоб мераванд.

**Гурӯҳи шашумро** асарҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масъалаҳои эътиқоди мардуми Помир оварда шудааст, ки ҳангоми иҷрои ҷашну маросимҳои мардумию динӣ нақши муҳимро бозӣ мекарданд[6].

Барои донистани тақвиму ҷашнҳои қадимаи аҷдодони тоҷик асари академик Юсуфшо Яъқубов[7] ва барои таҳлили муқоисавии маросимҳои рушониён бо сарикулиҳо асарҳои доктори илмҳои таърих, профессор А.

---

[1]Пирумшоев М. Х. Памир в русской историографии второй половины XIX – начала XX вв. - Душанбе, 2012. - 198 с.

[2]Сайнаков С. П. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение этнографии Горного Бадахшана (Памира). Автореферат диссертации на соискание кандидата исторических наук. - Душанбе, 2015. - 25 с.

[3]Бокиев Р. У. Вклад Н. А. Кислякова в изучение истории и этнографии Таджикистана. Автореферат диссертации на соискание кандидата исторических наук. - Душанбе, 2016. - 26 с.

[4]Акризоев М. М. Алексей Алексеевич Бобринской – муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон. Автореферати диссертатсияи доктори фалсафа (PhD). - Душанбе, 2022. - 32 с.

[5]Писарчик А. К. Рушанские тексты. - Сталинабад Л., 1954. - 90 с.; Файзов М. Язык рушанцев Советского Памира. - Душанбе, 1966. - 228 с.; Мирзабдинова С. Шеваи хуфии забони рушонӣ. - Душанбе, 1983. - 248 с.; Курбонов Х. Рошорвский язык. - Душанбе, 1976.; Шакармамадов Н. Назми халқии Бадахшон. - Душанбе, 1975. - 128 с.; Оинҳои Наврӯзӣ дар Бадахшон. - Хоруғ, 2011.; Юсуфбеков Ш., Шоинбеков А. Шогуни баҳор. - Душанбе: Эр - Граф, 2019. 216 с.; Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - 18 с.; Кабиров Х. Ш. Этнолингвистическое исследование бытовой лексики языка таджиков Китая (на материале этнической группы сарыкольцев). Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. - 50 с.; Матробов С. К. Этнолингвистическое исследование языковой картины мира таджиков. Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2022. - 348 с.

[6]Толстов С. П. Исмаилизм // Религия народностей СССР. Т. 1. - М., 1931. - С. 364 – 375.; Ходжибеков Э. Исмаилитские духовные наставники (пиры) и их роль в общественно-политической и культурной жизни Шугнана (вторая половина XIX – 30 - е годы XX вв.). - Душанбе: Бухоро, 2015. - 283 с.; Махмудов О. А. Исмаилизм в Центральной Азии: сущность особенности развития и формы существования (средина XIX – начало XX века). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - Ташкент, 2011. - 30 с.

[7]Яъқубов Ю. Гоҳномаи авастоӣ. - Душанбе: Деваштич, 2003. - 96 с.

Саидов арзиши баланди илмӣ доранд[1]. Инчунин, дар баррасии масъалаи мазкур мақолаи М. А. Бубнова ва Н. А. Коновалова низ аҳаммияти муҳим дорад[2].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили адабиёти мавҷуда бармеояд, ки роҷеъ ба ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии мардуми Рушон дар таърихнигорӣ ва этнография то кунун таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин таҳқиқоте мебошад, ки дар он муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси маъхазҳо, таҳқиқоти олимони соҳа ва маводи ҳангоми таҳқиқоти саҳроӣ ҷамъоварӣ намуда, масъалаи мазкурро баррасӣ намояд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи панҷсолаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон бо номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст, ки яке аз бандҳои он мавзӯи мазкур мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ** таҳлил ва омӯзиши ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон, назар ба гузаштаи масъала ва муқоисаи он бо ҳолати имрӯза, муайян намудани сатҳи трансформатсия (дигаргуншавӣ) дар қайдкунии ҷашнҳо ва гузарондани маросимҳои мардумии рушониён аз охири асри XIX то замони муосир мебошад.

Вобаста ба мақсади мазкур дар диссертатсия ҳалли **вазифаҳои навбатӣ** гузошта шудаанд:

- инъикос намудани маълумоти таърихӣ-ҷуғрофӣ оид ба Рушон;
- таҳлил ва баррасии тақвимҳои анъанавии мавсимию кишоварзӣ;
- мавриди омӯзиш қарор додани идҳои тақвимӣ- анъанавии мардумӣ;

---

[1]Саидов А. Ишораҳое ба таърих ва оинҳои тоҷикони Хитой. - Душанбе, 2006. - 94 с.; К истории и этнографии сарыкольцев и ваханцев Китая (по материалам экспедиции МИЦАИ в Синьцзян-Уйгурский автономный район КНР) // Расы и народы. - М.: Наука, 2009. - С. 342 – 375.

[2]Бубнова М. А., Коновалова Н. А. Древние солнечные календари Памира // Памирская экспедиция (статьи и материалы полевых исследований). - М., 2006. - С. 170 – 209.

- баррасӣ намудани ҷашну маросимҳои тақвимии кишоварзӣ;
- нишон додани ҷашну маросимҳо вобаста ба соҳаи чорводории анъанавӣ;
- инъикос намудани ҷашну маросимҳо оид ба таваллуд ва тарбияи кӯдак;
- баррасӣ намудани маросимҳои никоҳ ва сури арусӣ ва нақши ҳисоби вақт дар он;
- инъикос намудани маросимҳо вобаста ба марг ва азодории тоҷикони Рушон.

**Объекти таҳқиқ** масъалаи ҷашну маросимҳои миллӣ-этникии тоҷикон ҳамчун меҳвари асосӣ дар муҳтавои диссертатсия ҷой гирифтааст.

**Предмети таҳқиқро** таҳлили ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқ.** Доираи ҳудудии таҳқиқро қаламрави ноҳияи Рушони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Давраи таҳқиқро охири асри XIX ва ибтидои асри XXI фаро мегирад.

**Асосҳои назарявии таҳқиқи диссертатсияро** асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, нашрияҳои матбуоти даврӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Асоси методологии таҳқиқи мазкурро таҳлили маълумоти этнографӣ ташкил медиҳанд, ки дар ҷашнҳо ва расму маросимҳои тақвимии тоҷикони Рушон инъикос ёфтаанд. Дар рафти таҳқиқи мавзуъ аз усулҳои этнографӣ, махсусан, усули статсионарӣ, мушоҳидавӣ, пурсуҷӯйӣ, усули таҳқиқи саҳроӣ, муқоисавӣ-функсионалӣ васеъ истифода гардиданд.

Мо ҳангоми навиштани диссертатсия усулҳои умумитаърихӣ: проблемавӣ-хронологӣ, таърихӣ-генетикӣ, таърихӣ-муқоисавиро низ истифода намуда, принсипи таърихият ва принсипи этнографии *“de visu”*-ро риоя намудаем. Усули проблемавӣ-хронологӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои таҳқиқшуда, тибқи тартиби хронологӣ пай дар пай баррасӣ шаванд, усули таърихӣ-генетикӣ бошад, сабабҳои асосии таърихан зуҳур ва

рушди ҷашну маросимҳоро муайян менамояд, усули таърихӣ-муқоисавӣ бошад, имконият медиҳад, ки масъалаи маросимҳои рушониёнро бо дигар тоҷикон муқоиса намуд.

Инчунин, дар диссертатсия аз методҳои таҳлили структуравӣ ва синтез, методи таҳлил барои тартиб ва муқоиса кардани факту рақамҳо ва хулосабарорӣ истифода гардидааст. Мафҳуму вожаҳои забони рушонӣ дар диссертатсия бо транскрипсияи эроншиносии байналмилалӣ оварда шудаанд.

**Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқ.** Дар навиштани диссертатсия аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои таърихӣ ва этнографӣ истифода шуда, аз рӯйи хусусият онҳоро дар шакли зерин гурӯҳбандӣ намудем:

- суханрониҳо, маърузаҳо ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, ки дар онҳо оид ба ҷашну маросимҳои миллии тоҷикон таъкид карда шудааст;
- санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо анъана ва ҷашну маросимҳо ба танзим дароварда шудааст;
- маводи бойгонӣ аз Бойгонии давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, инчунин маҷмуаи ҳуҷҷатҳои бойгонии “Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов”;
- маъхазҳои хаттӣ, ба монанди «Бундаҳиш», «Таърихи Бухоро» - и А. Наршахӣ, «Осор - ул - боқия» - и А. Берунӣ, «Наврӯзнома» - и Умари Хайём, «Зайну - л - ахбор» - и Гардезӣ ва дигарон;
- асарҳо ва гузоришҳои ҳарбиён, мардумшиносон, муҳаққиқони рус ва англис, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба Помир сафар ва хизмати ҳарбиро адо намуда, роҷеъ ба ҷашну маросимҳои тоҷикон аз худ мероси хаттиро боқӣ гузоштаанд;
- маводи матбуоти даврӣ, аз қабили «Ҷумҳурият», «Бонувони Тоҷикистон», «Бадахшон», «Пайғоми Рушон», «Оинаи Сафо» ва ғайра, инчунин, маводи сомонаҳои интернетӣ;

- маводе, ки аз ҷониби диссертант дар натиҷаи гузарондани таҳқиқоти саҳроӣ ҷамъоварӣ шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки бори аввал дар шакли мукаммал масъалаҳои ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии рушониён таҳқиқ гардидаанд. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд, ки нахустин иқдом дар самти шиносоии бештар бо ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои тоҷикони Рушон маҳсуб мешаванд. **Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар инҳо ифода меёбад:

- бори нахуст оид ба Рушон маълумоти пурраи таърихӣ-ҷуғрофӣ дода шудааст;
- тақвимҳои анъанавии мавсимию кишоварзӣ ва хусусияти он баррасӣ гардидаанд;
- идҳои анъанавӣ-мардумӣ ва динӣ аз нигоҳи илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд;
- ҷашну маросимҳои тақвимии кишоварзӣ таҳқиқ гардидаанд;
- ҷашну маросимҳо вобаста ба соҳаи чорводории анъанавӣ инъикос гардидаанд;
- ҷашну маросимҳо оид ба таваллуд ва тарбияи кӯдак омӯхта шудаанд;
- маросимҳои никоҳ ва сури арусӣ таҳқиқ шудаанд;
- маросимҳои марг ва азодории мардуми Рушон баррасӣ гардидаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Маълумоти таърихӣ - ҷуғрофӣ оид ба Рушон дар як қатор маъхазҳои таърихӣ оварда шуда, барои муайян намудани ҳудуди зисти рушониён ва омӯзиши кишваршиносии ватанӣ аҳаммияти муҳим дорад;

2. Тақвим дар ҳаёти кишоварзон ва чорводорон аҳаммияти муҳим дошта, тоҷикони Рушон низ чун дигар тоҷикони манотиқи кӯҳистон тақвими мардумӣ доранд, ки бо баъзе хусусиятҳои худ фарққунанда мебошад;

3. Ҷашну идҳои анъанавии рушониён, аз қабили “Офтоб дар мард”, “Батаём”, “Наврӯз”, “Наврӯзи тирамоҳ”, идҳои мазҳабӣ ва ғайра дар ҳаёти маънавии мардум ва муаррифии этнофарҳангии тоҷикон бо хусусиятҳои архаистии худ аҳаммияти калон доранд;

4. Ҷашну маросимҳои кишоварзии тоҷикони рушонӣ таърихи қадим дошта, аксарияти он бо табиат, ивазшавии фасли сол, оғоз ва анҷоми кишту кор алоқаманд мебошанд;

5. Дар баробари кишоварзӣ, рушониён ба чорводорӣ низ машғул буда, урфу одат ва маросимҳои махсусро дар тӯли таърих риоя менамоянд;

6. Маросимҳо вобаста ба никоҳ ва сури рушониён низ баробари дигар самтҳои маданияти маънавӣ аз унсурҳои қадима бой буда, бо баъзе хусусиятҳои худ аз маросимҳои тоҷикони дигар минтақа тафовут доранд;

7. Ҷашну маросимҳо дар алоқамандӣ бо таваллуд ва тарбияи кӯдак, ки аз лаҳзаи ба дунё омадани тифл оғоз гардида, то ба камолот расидани фарзанд идома меёбанд, дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд;

8. Рушониён низ як қатор маросимҳоро дар алоқамандӣ ба марг ва азодорӣ иҷро менамоянд, ки решаи худро аз эътиқоди тоҷикони қадим ва таълимоти дини Ислом мегиранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки он дар асоси таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлилӣ, фикру андешаҳои мо оид ба ҷанбаҳои муҳимми ҷашну маросимҳои тоҷикони кӯҳистон барои муҳокимаи васеъ пешниҳод мегарданд, ки барои таҳқиқотҳои оянда дар самти омӯзиши таърих ва этнографияи халқи тоҷик хизмат хоҳад кард.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия дар самти эҳё намудани фарҳанги этникии тоҷикон ва барои олимону муҳаққиқон дар раванди омӯзиши таърих ва этнографияи тоҷикон хизмат хоҳад кард. Натиҷаи таҳқикро инчунин, дар раванди таълими фанҳои мардумшиносии тоҷик, таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик, фарҳангшиносӣ ва навиштани

асарҳои бунёдӣ оид ба соҳаҳои мазкур, метавон мавриди истифода қарор дод.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** аз дақиқ будани маълумот, кофӣ будани маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти саҳрой ва таҷрибавӣ пешниҳод шудаанд. Натиҷаи муҳимми диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст масъалаҳои ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, бар ин асос таҳқиқот шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» ба ихтисоси 07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология комилан мувофиқат менамояд. Пуррагии маълумоти диссертатсия дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар маърузаҳои илмии мо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ баён шуда, ҳамчунин дар мақолаҳои илмӣ, ки солҳои 2017–2023 аз нашр баромаданд, инъикос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** аз он иборат аст, ки дар асоси маъхазҳо, таҳқиқи саҳрой ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкур таҳқиқ гардидааст. Инчунин, мо дар диссертатсия маросимҳои анъанавии тоҷикони Рушонро бо тоҷикони дигар минтақаҳои кӯҳистон муқоиса намуда, тафовутҳои ҷузии онро нишон додаем. Дар ҳамин асос сарчашмаҳои заруриро таҳлил намуда, хулосаҳои шахсиро баён намуда, ки натиҷаҳои дилхоҳ бароварда шудаанд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқи чандсолаи мо ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона баён ва иҷро шудааст, ки дар он асос ва натиҷаҳои таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

**Тавсиф ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ.** Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва

муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи № 6 аз 10.01.2024) муҳокима ва ба дифоъ пешниҳод гардидааст.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «XII Хониши Ломоносовӣ», ба муносибати 30-юмин солгарди барқароршавии муносиботи дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (Душанбе: ФДДМ, 29 – 30 апрели соли 2022), конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсиси Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 феврали соли 2023 (Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023), конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи "Абурайҳон Берунӣ – алломаи Машриқзамин" (Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи соли 2023) ва ғайра дар шакли маъруза баён гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 185 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, 3 боб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ I. ҲИСОБИ ВАҚТ ВА ИДҲОИ ТАҚВИМӢ-АНЪАНАВӢ

## 1.1. Маълумоти таърихӣ - ҷуғрофӣ оид ба Рушон

Рушон минтақаи таърихӣ дар Кӯҳистони Бадахшон аст, ки дар ҳар ду соҳили дарёи Панҷ ҷойгир мебошад. Бори нахуст муҳаққиқ ва сайёҳи рус С. П. Ванновский ба масъалаи этимологияи калимаи *« rиx̌on – рушон»* таваҷҷуҳ намуда, маънои онро аз худи рушониён пурсон мешавад, ки онҳо ба ин муҳаққиқ вожаро дар маънии *«сарчашмаи рушноӣ», «хурсандӣ»* ва *«шодмонӣ»* баён намудаанд[1]. Рушониён аз рӯйи мансубияти авлодӣ-қабилавӣ ва этникӣ доимо худро дар се категория муаррифӣ мекарданд: рушониён, тоҷикони рушонӣ, тоҷикон[2]. Зарур аст, қайд намоем, ки баромади топонимии дурусти таърихӣ-этнографии минтақа “Рушон” аст, на “Рӯшон”, барои ҳамин мо дар диссертатсия дар корбарӣ аз топоними “Рушон” истифода намудем.

Роҷеъ ба хусусияти антропологию этнографии рушониён ва дигар тоҷикони помирӣ этнографи машҳур Р. Р. Раҳимов қайд менамояд, ки одилонатар мешавад, агар мо онҳоро «нахусттоҷикон» номгузорӣ намоем, зеро онҳо бо тақозои тақдир дар миёни кӯҳҳои осмонбӯс монда, тоҷиктабории замони асотирию ривоёти ҷамоаи қадими ҳиндуэронӣ, маҷмуи маданияти анъанавӣ-маишӣ ва ниҳоят тозагии хуниро ҳифз намудаанд[3].

Баъзе ривоёт оид ба рушониён то ба замони ҳодисоте, ки дар «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ зикр шудаанд, мерасанд. Масалан, ривояти мардумӣ оид ба паҳлавонон Дерзу ва Барзу, ҳоло ҳам дар миёни куҳансолони деҳоти Дерзуд ва Барзуд маъмуланд, ки ин деҳаҳо низ исми худро аз номи онҳо мегиранд. Тибқи як қисса Дерзу ва Барзу фарзандони Рустами Достон ва мувофиқи дигар ривоят фарзандони Сӯҳроб паҳлавон будаанд. Муҳаққиқ И. В. Пянков дар асоси

---

[1]Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 77.

[2]Сайнаков С. П., Дарвозиева Х. Ш., Шоназар Дж. М. Заметки С. П. Ванновского по этнографии рушанцев // Вестник педагогического университета. № 2 (91). - Душанбе, 2021. - С. 226 – 231.

[3] Рахимов Р. Р. Али, алииды и их объекты культа в Центральной Азии (К трактовке феноменов Али в таджикско-суннитской и таджикско-исмаилитской среде) // Иран - наме. № 2 (22). 2012. - С. 111.

маъхазҳои антиқа, хусусан асари Ктесий, оид ба маликаи сакҳо Зарина сухан ронда, пойтахти он Роксанак (Рухшонак, Рошанак, Раушанак) - ро дар асоси хулосаи олимон ба Рушон нисбат додааст[1].

Хотирот оид ба Рушон ва хусусияти мардуми он дар маъхазҳои асримиёнагӣ, махсусан дар эҷодиёти шоири бузург Носири Хисрав сабт шудаанд[2].

Дар доираи илмии ҷаҳонӣ маълумоти муфассалтар оид ба рушониҳо аз асри XIX, замоне ки сайёҳон, ҷосусон ва олимони соҳаҳои гуногуни империяи Британия ва империяи Россия ба минтақа сар даровwarданд, дастрас гардиданд. Махсусан, Ҳукумати империяи Россия барои ҳалли «Масъалаи Помир» дар назди ҳарбиёни рус вазифа гузошт, ки дар бораи мавқеи ҷуғрофӣ, ҳаёт ва тарзи зиндагӣ, шуғли аҳолии Помир, бахусус забон ва расму оинҳои аҳолии он маълумоти аввалия ҷамъ кунанд. Дар ин самт бояд гуфт, ки ба муқобили ниятҳои мустамликавии империяи Британия аввалин шуда, олимони соҳаи ҳарбӣ ва табиатшиносон ба ин минтақа фиристода шуданд. Дар натиҷа маводи дахлдори сиёсӣ ва илмӣ ҷамъ карда шуданд ва баробари ин, барои ҷамъоварии маводҳои дахлдор ба муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм майдони васеъ кушода шуд[3].

Оид ба Рушон ва рушониён то омадани русҳо ва англисҳо ба минтақа дар маъхазҳои таърихӣ маълумоти пароканда ва хилофи якдигар вуҷуд дошт. Ҳарбиёни русу англис дар гузоришу асарҳои худ ба доираи илмии Ҷаҳон аввалин маълумотро оид ба тоҷикони Рушон сабт намуда буданд. Мувофиқи хулосаҳои онҳо рушониён ба монанди дигар кӯҳистониён симои тозаи тоҷикиятро то ба имрӯз маҳфуз нигоҳ доштаанд. Сайёҳон ва муҳаққиқони рус ва ғарбӣ борҳо зебогӣ, фароҳӣ ва ҳавои тозаи минтақаро қайд намуда, иқлими Рушонро хеле солим арзёбӣ кардаанд.

---

[1] Пьянков И. В. Осиёи Миёна дар номаҳои бостон. - Душанбе, 1991. - С. 17.
[2] Саидҷалоли Бадахшонӣ. Баҳр-ул-ахбор. - Хоруғ: Помир, 1992. - С. 48.
[3]Сайнаков С. П. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение этнографии Горного Бадахшана (Памира). Диссертация кандидата исторических наук. - Душанбе, 2015. - С. 3.

Аз миёни муҳаққиқони англис яке аз аввалинҳо шуда, Ҷон Вуд оид ба Рушон ва Шуғнон маълумоти пурсуҷӯйии худро сабт менамояд. Вай менависад, ки пӯшоку хонаҳои рушониҳо ва шуғнониҳо ба вахониҳо монандӣ дорад, дар Шуғнон 300 хонавода умр ба сар мебаранд, Рушон бошад, сераҳолитар мебошад. Ҳар кадоме аз инҳо лаҳҷаи махсуси худро доранд[1].

Яке аз муаллифони нахустини рус, ки таърихи минтақаро таҳқиқ намудааст, И. Минаев буда, менависад, ки Рушон аз нигоҳи ҷуғрофӣ ва маъмурӣ-сиёсӣ ба се ҳавза ҷудо мешавад: 1) Вамар, дар соҳили рости дарёи Панҷ, ки дар ин қисмат қариб 800 хонавода зиндагӣ менамоянд; 2) Пои Хоҷа, дар соҳили чапи дарёи Панҷ, ки дар ин қисмати Рушон қариб 1000 хонавода зиндагӣ мекунад; 3) Бартанг, ки дар ин ҳавза қариб 500 хонавода умр ба сар мебаранд[2]. Зарур аст, зикр намоем, ки дар умум мафҳумҳои Рушони Боло ва Рушони Поён низ истифода мешуданд. Масалан, капитан С. П. Ванновский ба ин масъала ишора менамояд[3].

Дар як гузориши консули империяи Россия дар Қошғар роҷеъ ба мавқеи ҷуғрофии минтақа омадааст, ки мулки Рушон дар водии поёноби дарёи Мурғоб ҷойгир аст[4]. Тибқи гузориши мазкур дар Шуғнон ва Рушон аҳолие зиндагӣ мекунанд, ки бо тоҷикӣ сухан меронанд, ғайр аз ин сокинон боз гӯйишҳои худро доранд, ки онро на тоҷикони водинишин ва на узбекон медонанд. Шуғнониҳо ва рушониҳо пайрави равияи шиаи дини Ислом мебошанд[5]. Шаҳри асосии Рушон – Қалъаи Вамар мебошад[6], мулкҳои Рушон ва Шуғнон доимо мустақил

[1]Сайнаков С. П. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение этнографии Горного Бадахшана (Памира). Диссертация кандидата исторических наук. - Душанбе, 2015. - С. 26.
[2] Минаев И. Сведения о странах по верховьям Аму - Дарьи. - СПб., 1879. - С. 78.
[3] Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 78.
[4]Документ № 1. – Доклад Императорское Российское консульства в Кашгаре от 12 сентября 1883 года Господину начальнику Азиатского департамента от 12 сентября 1883 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. Л. 2.
[5] Ҳамон ҷо. - Л. 4.
[6] Ҳамон ҷо. - Л. 5.

будаанд, гарчанде ки кишварҳои ҳамсоя борҳо кӯшиданд, онҳоро ба худ тобеъ намоянд[1].

Капитан С. П. Ванновский роҷеъ ба ҷуғрофияи Рушон қайд менамояд, ки аз Савноб то деҳаи Емс қаламрави водии Бартанги Рушон бо дарозии 122 верст тӯл кашидааст. Вай менависад, ки Рушон дар ҳавзаи водии Бартанг ва шохобҳои он ҷойгир мебошад. Дар давраи мулки мустақил буданаш сарҳади шарқии Рушон аз ағбаи Янгидаван тӯл кашида, тавассути тангии Қоқҷар то ағбаи Хузҷайла то тангии Кокуйбел ва аз ин ҷо тавассути қуллаҳои Қоқбелес ва Ишкорхон ба ағбаи Қарабулоқ ва он тараф тавассути баландӣ то ҳамроҳшавии дарёи Пшарт ба дарёи Бартанг ва дар ҷануб то қаторкӯҳҳои Бозордараро дар бар мегирифт[2]. Ӯ қайд менамояд, ки айни замон аз ин хат сар карда, то деҳаи Басид дар зери итоати Россия мебошад, ва дар солҳои охир афғонҳо ба корҳои дохилии ин қисмати Рушон дахолат намекунанд, деҳоти аз Басид поён бошанд, дар зери таъсири сиёсати афғонҳо мебошанд[3].

Аз ҷануб сарҳади Рушон аз давраҳои пеш тавассути қаторкӯҳҳои Бозордара, ағбаҳои Марҷонай, Вихинч ва Ишткам то ҳамроҳшавии дарёи Хуф ба дарёи Панҷ тӯл кашида, бо ҳудуди мулкҳои Шуғнон расида, давомаш бо мулкҳои Афғонистон дар Бадахшон дар тарафи чапи дарёи Панҷ то резишгоҳи дарёи Тангшев ҳамсарҳад мебошад.

Дар шимол ва шимол-ғарбӣ он сӯйи Рушон мулкҳои Дарвоз ҷойгиранд ва сарҳад байни Рушону Дарвоз тавассути қаторкӯҳҳои Язғулом: ағбаҳои Одудӣ, Рум, Шидағба (Санги сафед), Қумочдара, Биҷарф, Карҷум (Кафкурбоҷ) то пиряхи Танимас мегузарад. Ҳамин тавр, ҳудуди Рушон аз ҷониби С. П.

---

[1] Документ № 1. – Доклад Императорское Российское консульства в Кашгаре от 12 сентября 1883 года Господину начальнику Азиатского департамента от 12 сентября 1883 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. Л. 8.

[2] Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. СПб., 1894. - С. 80.

[3] Ҳамон ҷо. -.С. 81.

Ванновский муайян шуда, тибқи хулосаи ӯ он 6 000 квадрат верст буда, сарзамини кӯҳсор мебошад[1].

Тибқи ахбори В. Банковский сарҳади Рушон дар шарқтар Рошорв ва деҳоти ҳамҷавори он мебошанд. Деҳаи Рошорв нуқтаи асосӣ аз қисмати шарқии Рушон, ки ба мо тааллуқ дорад, мебошад[2]. Ин муҳаққиқ сарҳаду ҳудуди Рушонро ба таври комил муайян накарда, танҳо аз деҳоти Рошорв то деҳаи Шуҷандро номбар менамояд. Зеро ҳангоме, ки вай ба минтақа сафар карда буд, Рушони Поён дар зери ҳукми афғонҳо буд. В. Банковский ишора менамояд, ки дар давраи зардуштия маркази идоракунии Рушону Шуғнон аз Балх будааст[3].

Дар тавзеҳоти «Таърихи Бадахшон» омадааст, ки Рушон – вилояти таърихӣ мебошад, ки қад-қади дарёи Панҷу шохобҳои он байни Ванҷу Шуғнон воқеъ гардидааст[4]. Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ қайд менамояд, ки муаллифи китоби «Қомусу-л-аълом» баён менамояд, ки «вилояти Рушон ба кунҷи шарқии шимолии Бадахшон як ҳукумати худсар аст... Лиҳозо аз камоли иртифои арозии он мамлакат бағоят хушҳаво ва фараҳфизо ва дилкушо аст»[5].

Этнографи русу шуравӣ М. С. Андреев оид ба ҷуғрофия ва ҳудуди маъмурии Рушон ду маълумотро меорад, ки тибқи аввалаш, ки онро ёрдамчиаш С. Н. Худойбердиев соли 1943 дар деҳаи Хуф аз нақли сокинон сабт кардааст, Рушон ба 10 сада (ё панҷа) ҷудо мешавад, мувофиқи дигар ахбор, ки онро худи М. С. Андреев аз забони сокинони Рушон (дар деҳаи Хуф) шунидааст ин минтақа ба шаш сада (ё панҷа): 1) Вамар, Шуҷанд ва Емс; 2) Дерзуд ва Барзуд; 3) Баррушон; 4) Вамд, Шидз ва Деррушон; 5) Хуф, Баҷув ва Работ (охирӣ дар Рушони Афғонистон ҷойгир аст); 6) водии Бартанг аз Бағу то Рошорв тақсим

---

[1] Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. СПб., 1894. - С. 81.

[2] Банковский В. С Памиров. С Шоджана в Рошан и обратно // Туркестанские ведомости. 13 (25) февраля 1894 года. № 11. - С. 48 – 49.

[3] Банковский В. С Памиров. С Шоджана в Рошан и обратно // Туркестанские ведомости. 20 февраля (4 март) февраля 1894 года. № 13. - С. 57 – 58.

[4] Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ, Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. - Душанбе, 2007. - С. 160.

[5] Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи ҳумоюн. Ба чоп тайёркунанда, мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷурабек Назриев. - Душанбе, 2006. - С. 160 – 161.

будааст[1]. Албатта дар ин ҳудуди маъмурӣ-сиёсӣ аз Рушони тарафи чапи дарёи Панҷ танҳо деҳаи Рубот оварда шудааст.

Зарур аст, зикр намоем, ки деҳоти он сӯи дарёи Панҷи Рушон инҳо мебошанд: 1) Цаӯнод (Чоснуди боло); 2) Тор Рубот; 3) Бер Рубот; 4) Кахга; 5) Пагор; 6) Човед; 7) Йӯрх; 8) Чоснуд; 9) Танхев; дар Римӡӯндара: 10) Шайхен; 11) Давлатха.

Аз таърих маълум аст, ки соли 1883 афғонҳо Рушонро забт намуданд ва он то соли 1893 дар зери таъсири сиёсати онҳо буд. Дар натиҷаи рақобати Англия ва Россия ва баста шудани шартномаи соли 1895 Рушон ба се қисм тақсим гардид ва як «қитъае аз мулки Рушону Шуғнону Вахон як қалъаи аморатхонаи бандарии Бухоро гардид»[2], соҳили чапи дарёи Панҷи Рушон бошад, ба тасарруфи Афғонистон даромад, мавзеи Рошоров ва деҳоти атрофи он бошад, бо номи волости дуюми Рушон ба ҳайати вилояти Фарғонаи генерал-губернатории Туркистон шомил шуд[3]. Мулкҳои Помир, ки ба аморати Бухоро дода шуданд, дар ҳудуди онҳо дар аввал ду бекигарӣ: Рушон ва Шуғнон (дар якҷоягӣ бо Вахон) таъсис дода шуданд, андаке баъдтар онҳо дар як бекигарӣ – Рушон, бо марказаш дар шаҳраки Вамар, муттаҳид карда шуданд[4].

Дар маъхази дигар омадааст, ки қароргоҳи бек дар Қалъаи Вамар мустақар буда, як нафарро дар Хоруғ ва як нафарро дар Вахон, Ишкошим то Ғорон амлокдор қарор дод[5].

Дар Ёддошти амири Бухоро Олимхон ҳам, ки онро сентябри соли 1927 ваколатдори ӯ генерал Ҳоҷиюсуфбий (б) Муқимбий ба Лигаи Миллатҳо

---

[1] Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму-Дарьи). Выпуск I. - Сталинабад, 1953. - С. 25.
[2]Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ, Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. - Душанбе, 2007. - С. 160.
[3]Зайцев В. Н. Памирская страна – центр Туркестана. Ежегодник Ферганской области. Том II. Отдельный оттиск. Новый Маргелан, 1903. - С. 48.
[4] Бокиев О. Завоевание и присоединение Северного Таджикистана, Памира и Горного Бадахшана к России. -Душанбе, 1994. - С. 246.
[5] Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон, Сайид Шоҳфутур. Таърихи Бадахшон. - Душанбе, 2020. - С. 125.

расондааст, Рушон яке аз бекигариҳои алоҳидаи аморати Бухоро зикр шудааст[1]. Соли 1904 бошад, ҳудуди Рушон, ки дар зери тобеияти аморати Бухоро буд, ба ҳайати қаламравҳои империяи Россия шомил карда шуд[2].

Ҳамин тавр, волости Рушон аз соли 1904 то соли 1918 дар ҳайати Генерал-губернатории Туркистон буд. Дар ҳуҷҷати бойгонӣ омадааст, ки баъди ба зери маъмурияти Россия ворид намудани ноҳияҳои Помири Ғарбӣ дар баҳори соли 1905 таҷрибаи аз ҷониби аҳолӣ интихоб намудани сардорон (ақсақолон)-и ҷамоатҳо бомуваффақият гузаронда шуда, дар волостҳои Рушон, Шуғнон ва Вахон 3 мингбошии волостӣ, 6 қозӣ, 20 ақсақол ва арбобон дар ҳар деҳот (ғайр аз Вахон) интихоб гардидаанд[3]. Дар солҳои аввали ҳокимияти Шуравӣ Рушон аввал ба ду волост (баъдтар ноҳия): Рушон ва Бартанг ҷудо карда шуд ва оқибат боз дар як ноҳия бо номи Рушон муттаҳид карда шуда, имрӯз низ яке аз ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад. Мулки Рушон дар қисмати чапи дарёи Панҷ бошад, дар ҳайати Афғонистон монд.

Худи рушониён дар гузашта аз нигоҳи ҷуғрофӣ ҳудудбандии ватани худро ба ин тавр низ ҷудо мекарданд: Пойтахт, *Δertang (Δartang)* – Дурутанг, Бартанг, Хуф ва Баҷӯв.

Зарур аст, зикр карда шавад, ки дар баъзе адабиёти филологӣ ҳудуди Рушон нодуруст зикр шудааст. Масъалан, ҳудудбандие, ки дар асари профессор М. Файзов нишон дода шудааст, дар он танҳо аз қисмати Пойтахт ва *Δertang* зикр шудаасту халос, яъне ӯ Бартанг ва Хуфу Баҷӯвро аз ҳудуди Рушон берун баровардааст. Муҳаққиқи мазкур, инчунин мафҳумҳои Рушони Поён ва Рушони Боло, ки аксар маврид дар гузашта нисбати Рушони соҳили дарёи Панҷ

---

[1]Ёддошти олиҳазрат Сайид Амир Олимхон амири Бухоро, ки сентябри (соли) 1927 тавассути намояндаи вакили мутлақи худ ҷенерал Ҳоҷиюсуфбий (б) Муқимбий ба Анҷумани Иттифоқи Миллал тақдим гаштааст // Хотираҳои амир Олимхон. - Душанбе, 1992. - С. 29.

[2] Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ, Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. - Душанбе, 2007. - С. 160.

[3]Документ № 30. – Отчет коллежского асессора барона Черкасова о командировке на Памирские бекства Бухарского ханства в 1905 – 1906 гг. Декабря 1906 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. Л. 277.

(Рушони Поён) ва Болооби Бартанг (Рушони Боло) истифода мешуд, Рушони Поёнро ба *Дertang* мансуб донистааст, ки боиси қабул нест[1]. Дурусташ Рушони Поён аз ду қисм иборат мебошад: Пойтахт ва Δertang. Ҳамчунин худбаёнкунии номи Рушон ва забони рушонӣ низ аз ҷониби рушониён нодуруст оварда шудааст[2]. Дар диссертатсияи С. А. Саркоров низ аз ҳудуди Рушон водии Бартанг, Хуф ва Баҷӯв бароварда шудаанд. Ҷудо намудани рушониён ба рушониён, бартангиҳо ва рошорвиҳо ҳам боиси қабул нест[3]. Муаллифони мазкур худномгузории Рушонро аз ҷониби худи рушониён бо тарзи *"Rix̊ūn"* овардаанд, ки он хато буда, дурусташ *"Rux̊on", "Rux̊ūn"* мебошад.

Хулоса, дар диссертатсияи С. А. Саркоров низ инъикоснамоии ҳудуди нодурусти Рушон ва худбаёнкунии номи Рушон аз ҷониби рушониён ғалат ва такрори фикри профессор М. Файзов мебошанд.

Дар диссертатсияи А. З. Лашкариев ҳам бартангиҳо, рошорвиҳо ва хуфиён аз рушониён ҳамчун мардуми алоҳида нишон дода шудаанд, ки ба ҳақиқати таърихӣ рост намеояд[4]. Албатта муаллифони мазкур мутахассисони соҳаи забоншиносӣ буда, дар зери назарияҳои шарқшиносони Шӯравӣ аз ҷиҳати камтар фарқияти фонетикии гуфтор онҳоро аз ҳамдигар ҷудо нишон додаанд, аммо дар асл онҳо ҳамаашон рушонӣ мебошанд.

Аз ҷиҳати маъмурӣ-ҳудудӣ имрӯз ноҳияи Рушон ба ҳафт ҷамоати деҳот тақсим мешавад: ҷамоати деҳоти Баррушон ба номи Назаршо Додхудоев, ҷамоати деҳоти Рушон, ҷамоати деҳоти Шидз ба номи М. Абдулвосиев, ҷамоати деҳоти Пастхуф, ҷамоати деҳоти Савноб, ҷамоати деҳоти Бартанг, ҷамоати деҳоти Басид.

Шуғли асосии мардуми Рушон зироаткорию сабзавоткорӣ ва боғдорию чорводорӣ мебошад. Дар ибтидои асри XX низомиёни рус парвариши

---

[1] Файзов М. Язык рушанцев Советского Памира. - Душанбе, 1966. - С. 3.

[2]Ҳамон ҷо - С. 3 – 4.

[3]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация кандидата филологических наук.- М, 2006. - С. 23 – 24.

[4]Лашкариев А. З. Похоронно - поминальная обрядность бартангцев (конец XIX – XX вв.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - М., 2007. - 33 с

картошкаро дар байни аҳолии Помир ба роҳ монда, баробари ин барон А. Черкасов аз соли 1906 ахбор медиҳад, ки гӯё 100 сол пеш дар Рушон мардум ба шоликорӣ низ машғул буда, акнун боз зодаи деҳаи Баррушон пир Саид Шоҳзода Ҳасан мехоҳад парвариши онро аз нав ба роҳ монад[1]. То инқилоб дар Рушон пахтаро низ парвариш мекарданд. Чорводорӣ низ рушд карда буд. Мардуми Рушон баробари кишоварзию чорводорӣ ба дигар касбу ҳунар низ машғул буда, косибӣ, кулолгарӣ ва ғайра равнақ ёфта буд. Аз ҷумла И. И. Зарубин қайд менамояд, ки дар Рушон тақсимоти меҳнат хеле рушд, карда, қариб ҳар соҳаи ҳунармандӣ устоҳои худро дорад[2]. То инқилоб дар Рушон оҳанро истихроҷ мекарданд, дар баъзе ҷойҳо бошад тиллои хом (аз ҷумла дар деҳаи Басид)-ро низ тавассути усули анъанавӣ ҷамъоварӣ мекарданд. Маркази гудохтани оҳан асосан дар деҳаҳои Дерзуд, Барзуд, Шуҷанд, Вамар ва Поҷвар (Пагор) будааст[3]. Маводе, ки аз он оҳан омода мекарданд, онро ба забони маҳаллӣ «*gar*» меноманд. Дар мавзеи Чавнроби деҳаи Барзуд кони калони оҳан мавҷуд аст, ки сокинони Рушон аз ашёи хоми он истифода мекарданд.

Аз нигоҳи этникӣ аҳолии Рушонро 100 % тоҷикон-рушониҳо ташкил медиҳанд, ки аввалин маълумот оид ба шумораи аҳолии Рушонро муҳаққиқи рус Д. Л. Иванов дар соли 1885 пешниҳод намудааст, ки он 9 000 нафар будааст[4]. Капитан А. Снесарев дар соли 1901 шумораи аҳолии Рушонро бе водии Бартанг 3050 нафар нишон додааст[5]. Тибқи маълумоти капитан В. Н. Зайтсев соли 1901 аҳолии Рушонро 5920 нафар нишон дода, он бо иловаи

---

[1] Документ № 30. – Отчет коллежского асессора барона Черкасова о командировке на Памирские бекства Бухарского ханства в 1905 – 1906 гг. Декабря 1906 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. Л. 283.

[2] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника музея антропологии и этнографии при Российской академии наук. Пг., 1917. - С. 126.

[3] Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму-Дарьи). Выпуск II. - Сталинабад, 1958. - С. 183 – 187.

[4] Иванов Д. Л. Шугнан. Афганистанские очерки// Вестник Европы. № 6. - СПб., 1885. - С. 638.

[5] Документ № 23. – Зякат в Западном Памире // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп.3. Ед. хр. 12. Л. 183.

аҳолии Рошорв (волости дуюми Рушон)[1] аз 1 феврали соли 1902 753 нафари дигар, ҷамъ: 6673 нафарро ташкил додааст[2]. Барон А. А. Черкасов соли 1904 шумораи аҳолии Рушонро 5890 нафар ба қалам додааст[3]. Мувофиқи маълумоти сардори отряди Помир, полковник Муханов аз 1 январи соли 1908 аҳолии Рушон 7570 (аз ин шумора 6537 нафар дар волости Рушон ва 1033 нафар дар волости дуюми Рушон – Рошорв) нафар будааст[4].

И. И. Зарубин шумораи аҳолии Рушонро дар соли 1915-7570 нафар ба қалам додааст[5]. Бурҳониддинхон Кушкакӣ дар асари худ роҷеъ ба ҷуғрофия ва шумораи аҳолии Рушони Афғонистон ва Рушони зери таъсири Шуравӣ назар намуда, номи деҳаҳо ва шумораи хонаводаҳои онҳоро меорад[6].

Аз рӯи маълумоти Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ дар соли 1922 аҳолии Рушон бе нишондоди аҳолии водии Бартанг 5 162 нафар будааст[7]. Мувофиқи маълумоти Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2022 дар ноҳияи Рушон 26 500 нафар зиндагӣ менамоянд[8]. Имрӯз муайян намудани шумораи рушониҳое, ки берун аз ҳудуди ноҳияи Рушон зиндагӣ мекунанд, мушкил аст. Мувофиқи баъзе маълумот дар мулки Рушони Афғонистон тақрибан 8 ҳазор нафар зиндагӣ менамоянд.

---

[1] Зайцев В. Н. Памирская страна – центр Туркестана. Ежегодник Ферганской области. Том II. Отдельный оттиск. Новый Маргелан, 1903. - С. 48.

[2] Ҳамон ҷо. - С. 76; 78.

[3] Документ № 27. – Отчет о командировке в Памирские бекства Бухарского ханстве в 1904 // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. Л. 231.

[4] Муханов. Памирский район. Составил генерального штаба полковник Муханов. - Ташкент, 1912. - С. 78.

[5] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника музея антропологии и этнографии при Российской академии наук. - Пг., 1917. - С. 117.

[6] Бурхан - ун - Дин - хан-и Кушкеки. Каттаган и Бадахшан // Перевод с персидского П. П. Введенского, Б. И. Долгополова и Е. В. Левкиевского. Под ред. с предисловием и примечаниями А. А. Семенова. - Ташкент, 1926. - С. 174; 176.

[7] Дьяков А. М., Шотемор Ш., Хусенбаев Х. Военно-географический очерк «Памир» подготовленный членами военно-политической тройки на Памире 19 июля 1922 года // Аламшоев К. Где бы то ни было, среды таджиков. - Душанбе, 2016. - С. 209.

[8] Маҷмӯаи омории Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2022 // Агентии омор. 2022. - С. 18.

Инчунин рушониҳо берун аз қаламрави Рушон ба таври сарҷамъ дар водиҳои Ғунд ва Шоҳдара, шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Дустӣ ва Ҷайҳуни вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе ва ғайра, берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ дар Федератсияи Россия ва дигар мамлакатҳо зиндагӣ менамоянд.

Рушониҳо хусусияти хоси этнографии худро доранд. Муҳаққиқи рус А. Г. Серебренников, ки аз аввалинҳо шуда, ба Помир сафар карда буд, қайд менамояд, ки тоҷикони Шуғнон, Рушон ва Вахон бо сабаби дар иҳотаи кӯҳҳо дар бунбаст монданашон, симои ориёии худро пурра ҳифз нигоҳ доштанд[1]. С. П. Ванновский қайд мекунад, ки дар Рушон тоҷикон – ворисони сокинони бумии тамоми Осиёи Миёна зиндагӣ мекунанд, аз рӯйи мазҳаб онҳо ҷонибдорони Ҳазрати Алӣ мебошанд ва аз ин лиҳоз, худро тоҷикони тарафдори Ҳазрати Алӣ меноманд[2]. В. Банковский низ қайд мекунад, ки сокинони Рушон тоҷикон буда, пайравони Ҳазрати Алӣ мебошанд. Рушониён қоматбаланд, қавӣ ва хеле зебо ҳастанд[3]. М. С. Андреев ба таҳқиқи мардумшиносии бошандагони деҳаи Хуфи Рушон машғул шуда, менависад, ки аз вохӯрии нахустини ман бо як рушонӣ дар Тошканд соли 1901 ва дар натиҷаи сафарҳои минбаъдаи ман ба Хуф солҳои 1907-1929 онҳо бе ягон дудилагӣ худро тоҷикони асил муаррифӣ карданд[4].

Хусусияти этникии рушониёнро муҳаққиқи рус С. П. Ванновский чунин мушоҳида кардааст, ки онҳо табиатан одил, поквиҷдон ва меҳнатдӯст мебошанд, занони рушонӣ ахлоқи ҳамида доранд[5]. Муҳаққиқи дигари таърих ва этнографияи Рушон В. Банковский, низ қайд мекунанд, ки ин халқ бо тамоми

---

[1] Серебренников А. Памир (Краткий очерк) // Ежегодник Ферганской области. Т. 1. Новый Маргелан, 1902. -СПб., 1900. - С. 142.

[2] Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. СПб., 1894. С. 86.

[3] Банковский В. С Памиров. С Шоджана в Рошан и обратно // Туркестанские ведомости. 20 февраля (4 март) февраля 1894 года. № 13. - С. 57 – 58.

[4] Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму-Дарьи). Выпуск I. - Сталинабад, 1953. - С. 14.

[5] Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 90 – 91.

қувваю тобовариаш нигоҳ накарда, ниҳоят ором аст. Дар байни рушониён ҳаргиз низоъ, ҷанҷол ва ҳатто сахт баланд кардани овоз ба мушоҳида намерасад ва танҳо дар ҳолатҳои фавқулодда «э» - и маломат ба гӯш мерасад[1]. С. П. Ванновский менависад, ки «ба сабаби ахлоқи баланд ва поквиҷдонии мардуми Рушон ин ҷо ҷиноят кам содир мешавад»[2].

Барон А. А. Черкасов оид ба забон, фолклор ва хусусиятҳои антропологии рушониҳо маълумот дода, қайд менамояд, ки онҳо симои ориёии худро комилан ҳифз намудаанд[3]. Вай менависад, ки тоҷикони минтақа симои зебо дошта, табиатан хушмуомила, хурсанд, вафодор ва поквиҷдон мебошанд[4]. Тоҷикони рушонӣ дар муҳити оилавӣ иттифоқона зиндагӣ карда, кӯдаконро ниҳоят дӯст медоранд. Онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, хусусан муносибат нисбати занон, аз дигар халқҳои Шарқ пешсаф мебошанд. Занҳои онҳо аз ҳуқуқҳои худ бархӯрдор буда, дар муҳити хона ва хоҷагидорӣ корҳои вазнинро ичро намекунанд[5]. Эҳтиром намудани волидайн аз ҷониби фарзандон ва калонсолон аз тарафи хурдсолон новобаста аз ҷинс дар мақоми аввал меистад[6]. Новобаста аз нодории худ тоҷикони Помир аз дигар мардумони ҳамҷавор аз нигоҳи риояи гигиенӣ тозатар мебошанд[7].

Таҳқиқотчиёни пешазинқилобии рус дар бораи сару либоси кӯҳистониҳо низ маълумот дода, он намуди сару либоси миллии тоҷикиро имрӯз дар бештари мавридҳо танҳо намояндагони гурӯҳҳои фолклориву мусиқӣ ва дар баъзе идҳо аллакай як қисми аҳолии минтақа ба бар мекунанд. Бо итминон

---

[1] Банковский В. С Памиров. С Шоджана в Рошан и обратно // Туркестанские ведомости. 20 февраля (4 март) февраля 1894 года. № 13. - С. 57 – 58.
[2] Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 94.
[3] Документ № 27. – Отчет о командировке в Памирские бекства Бухарского ханстве в 1904 // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. ЛЛ. 223 – 224.
[4] Ҳамон ҷо.- Л. 224.
[5] Ҳамин ҷо. - Л. 225.
[6] Ҳамон ҷо.
[7] Ҳамон ҷо. - Л. 227.

метавон тахмин кард, ки аллакай дар ҷомеа тамоюли эҳёи либоси миллӣ, ба хусус намуди замонавии занона мушоҳида мешавад.

Дар миёни рушониҳо адабиёт ташаккул ёфта, зиёиёни худӣ ба воя расида буданд. Ҳанӯз дар охири асри XIX Д. Л. Иванов аз ҳунарманди ҷавони деҳаи Сарез Раҳматулло Лаълбек ду шеърро бо забони рушонӣ (лаҳҷаи рошорвӣ) сабт менамояд[1].

Забони модарии рушониҳо – забони рушонӣ мебошад, ки ба гурӯҳи – забонҳои шарқиэронӣ мансуб мебошад, аммо дараҷаи хешигарии генетикии миёни ин забонҳо гуногун мебошад. Забони рушонӣ дар навбати худ ба гӯйишҳои марказӣ (пойтахтӣ, ки онро забоншиносон дар акаср маврид забони рушонӣ мегӯянд), бартангӣ, рошорвӣ, хуфӣ ҷудо мешавад. Гарчанде ки рушониҳо ва шуғнониҳо забони ҳамдигарро бе мушкилӣ медонанд, аммо лексика ва фонетикаи забони рушонӣ аз шуғнонӣ тафовут доранд. Масалан, агар шуғнониҳо падарро *«do (dod)»* мегӯянд, дар забони рушонӣ бошад, вожаи *«do (dod)»* амакро ифода менамояд. Шуғнониҳо модарро «*nan»* мегуянд, рушониҳо бошад модаркалонро «*nan»* мегӯянд. Рушониҳо модарро «*mo»* (дар баъзе мавридҳо *mod*), падарро «*p»* (дар баъзе мавридҳо *pid*, *ped*) мегӯянд. Агар дар транскрипсия бо забони муосири форсии тоҷикӣ муқоиса намоем: вожаи модар – аввал *mo* будаст, баъд *mod* шудаст, баъди он ба *модар* тағйир ёфтааст. Вожаи падар – аввал *p* будаст, баъд ба *pid* тағйир ёфтааст, баъд *пидар* ва *падар* шакл гирифтааст. Кӯдакони хурдсоли рушонӣ бошанд *модарро* дар шаклҳои нахусти талафуз *«mo, ma, mamo, mama (охирионаш дар зада аз русии «мама» фарқ мекунад)»* мегӯянд. Падарро бошад *p, pa, papa (охиронаш дар зада аз русии «папа» фарқ мекунад)* мегӯянд. Ин аз қадим будани забонҳои мазкур шаҳодат медиҳад. Вале, чуноне ки зикр кардем, ба ин нигоҳ накарда, рушониҳо ва шуғнониҳо гуфтори якдигарро озодона мефаҳманд. Лаҳҷаи бадахшонии забони форсии тоҷикӣ баҳри муоширати байнизабонии миёни тамоми тоҷикони помирӣ хизмат мекунад.

[1] Залеман К. Г. Шугнанский словарь Д. Л. Иванова // Сборник факультета Восточных языков «Восточные заметки». - СПб., 1895. - С. 279 – 281.

Забони рушонӣ дар эроншиносӣ аз асри XIX маълум буд. Дар замони Шуравӣ дар таҳқиқи забони рушонӣ ва гӯйишҳои он саҳми муҳаққиқон И. И. Зарубин[1], А. К. Писарчик [2], В. С. Соколова[3], М. Файзов[4], С. Мирзабдинова[5], С. А. Саркоров[6] ва дигарон калон аст.

Этнограф ва лингвисти машҳури Шуравӣ М. С. Андреев лингвистикаи тоҷикони Помирро омӯхта, дар байни онҳо гурӯҳи «рушонӣ-шуғнонӣ»-ро ҷудо менамояд[7]. Профессор М. Файзов аввалин рушонист, ки оид ба забони модарии худ асар навиштааст. Соли 2001 бошад, Институти тарҷумаи Библия Инҷили Луқоро бо забони рушонӣ тарҷума ва ба нашр расонд[8].

Масъалаи муҳимми таҳқиқоти мо ин мансубияти этникии рушониён мебошад, ки этнограф ва забоншиноси машҳури русу шуравӣ М. С. Андреев барҳақ қайд менамояд, ки дар шароити умумии мавҷуда, тоҷикони Осиёи Миёнаро ба ду қисм ҷудо намудан мумкин аст. Михаил Степанович Андреев, ки дар омӯзиши гӯйишҳои тоҷикони кӯҳистон, фолклоршиносӣ ва мардумшиносии тоҷик саҳми арзанда гузоштааст, дар натиҷаи таҳқиқоти саҳроии худ ба хулосаи дурусти илмӣ меояд, ки омӯзиши забонҳои қадими халқи тоҷик аҳаммияти бағоят калон дорад. Муҳаққиқи мазкур дар байни донишмандони рус аввалин шахсе буд, ки бори нахуст ва дақиқ тоҷикони Осиёи Миёнаро ба ду қисм ҷудо намудааст: якум, онҳое, ки ба шеваҳои форсӣ

---

[1] Зарубин И. И. Орошорские тексты и словарь // Памирская экспедиция 1928 г. Выпуск VI. Л., 1930.; Зарубин И. И. Бартангские и рушанские тексты и словарь. М. – Л., 1937. - 346 с.
[2] Писарчик А.К. Рушанские тексты и словарь. - Сталинабад, 1954. - 90 с.
[3] Соколова В. С. Бартангские тексты и словарь. М. – Л., 1960. - 197 с.; Соколова В. С. Рушанские и хуфские тексты и словарь. М. – Л., 1959. - 336 с.
[4] Файзов М. Язык рушанцев Советского Памира. - Душанбе, 1966. - 228 с.
[5] Мирзабдинова С. Хуфский диалект рушанского языка. - Душанбе, 1983. - 247 с.
[6] Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация кандидата филологических наук. - М, 2006. - 153 с.
[7] Андреев М. С. О деление на мужское и женское начало различных предметов в природе по воззрениям таджиков в верховьях Оксуса. Из дарожных записей в экспедиции Таджикского филиала Академии Наук СССР, сделанных в долине Хуф, Рушан, в начале сентября 1943 г. // Архив Национальной Академии наук Таджикистана. Папкаи № 158. Masc Femen (мужской и женский род) в вреховьях Панджа (Хуф). 1943 г. Рукопись. - Л. 1.
[8] Луқо Инҷил. Институти тарҷумаи Китоби Муқаддас. 2001. - 81 с.

гуфтугузор мекунанд; дуюм, онҳое, ки бо забонҳои эронӣ, вале на форсӣ, сухан меронанд[1].

Ҳамин тавр, ба гурӯҳи дуюми шарқшинос М. С. Андреев вахониҳо, ишкошимиҳо, рушониҳо, сарикулиҳо, шуғнониҳо, яғнобиҳо ва язғуломиҳо дохил мешаванд, ки дар натиҷаи дар иҳотаи кӯҳҳо мондан ва дастнорас будани минтақаи сукунаташон ҳам забонҳои қадима ва ҳам шеваи фарҳангию урфу одати қадимаи тоҷикиро дар миёни кӯҳҳо ҳифз нигоҳ доштанд. Дар «Таърихи Бадахшон» зикр шудааст, ки «аҳолии Рушону Шуғнону Вахон ҳар кадом бо лафзу луғату истилоҳи дигар гуфтор доранд, вале забони умумиашон дар сурате, ки ба якдигар мулоқӣ мешаванд, бо забони форсӣ такаллум менамоянд»[2]. С. П. Ванновский низ дар ҳисоботи худ қайд намудааст, ки рушониён дар навиштан аз хат ва забони умумифорсӣ истифода менамоянд, ки тарҷумонҳои мо онро озодона мехонанд[3].

Хулоса, рушониҳо ба он гурӯҳи тоҷиконе дохил мегарданд, ки забону гуфтори қадимаи худро ҳифз нигоҳ доштаанд.

Дар бораи маориф ва фарҳанги маънавӣ - маърифатӣ сухан ронда, қайд менамоем, ки дар Рушон то давраи инқилоби Октябр мактабҳои маҳаллӣ амал мекарданд[4]. Мактабҳои усули кӯҳна дар Рушон дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ низ вуҷуд доштанд. Дар ин бора арбоби маъруфи давлатии Тоҷикистон Назаршо Додхудоев, ки зодаи деҳаи Дерзуд, ноҳияи Рушон мебошад дар ёддоштҳои худ ба ёд меорад[5]. Бори нахуст шуда, барон Черкасов дар ҳисоботи худ аз декабри соли 1906 пеши маъмурияти империяи Россия масъалаи таъсис

---

[1] Андреев М. С. Этнографияи тоҷикон // Андар шинохти тоҷикон. Маҷмӯи мақолаҳо. Бартолд В. В., Андреев М. С., Дяконов М. М. Мураттиб, муаллифи дебоча ва тавзеҳот Насрулло Убайдуллоев. Душанбе: ДДОТ, 2016. - С. 47.

[2] Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ, Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. - Душанбе, 2007. - С. 163 – 164.

[3] Лужецкая Н. Л. Материалы к истории разграничения на Памире в Архиве востоковедов СПбф ИВ РАН (фонд А. Е. Снесарева): “Отчет Генералного Штаба капитана Ванновского по рекогносцировке в Рушане” (1893 г.) // Письменые памятники Востока. 2 (3). Осень – Зима. 2005. - С. 139.

[4] Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894.- С. 87.

[5] Додхудоев Н. Власть времени. - Алматы, 2001.

додани мактаби русии рӯзона барои кӯдакон ва шабона барои калонсолонро дар назди отряди Помир дар Хоруғ ба миён гузошт ва он баъдтар кушода гардид[1].

Роҷеъ ба муносиботи иқтисодӣ-тиҷоратӣ зикр намудан аст, ки дар тамоми Рушон дар гузашта танҳо дар Вамар бозор фаъолият мекардааст. Имрӯз бошад дар маркази ноҳия Вамар ва деҳаи Баррушон бозорҳо ва дар тамоми деҳот нуқтаҳои фуруши мол ва мағозаҳо дар хизмати мардум мебошанд.

С. П. Ванновский менависад, ки дар ҳар деҳаи Рушон ақсақолон аз ҷониби халқ ба муҳлати як сол интихоб карда мешаванд ва барои таҳлили парвандаҳои судӣ дар тамоми Рушон як қозӣ вуҷуд дорад, ки ба муддати се сол таъин карда мешавад. Аз сабаби он, ки коммуникатсия дар Рушон душвор аст, танҳо парвандаи афроди гунаҳкори ҷиноятҳои вазнин ба назди қозӣ фиристонда мешаванд, парвандаҳои хурдро худи ақсақолон ҳал мекунанд. Ақсақолон ба ғайр аз идора кардани корҳои судӣ, ба ҳисоб гирифтани таваллуд ва марги аҳолӣ, никоҳро тасдиқ мекунад ва андоз меситонад, ки як қисми онро худашон истифода мебаранд. Андоз дар Рушони тоинқилобӣ дар шакли натуралӣ гирифта мешуд[2]. Лахман Ҳусайнзода низ хабар медиҳад, ки шоҳи Рушон дар ҳар деҳа аз хонаводаҳои доро хизматчиёни давлатӣ ва қозиҳои худро дошт, ки аз андоз озод буданд ва раият бошад танҳо дар шакли натуралӣ хироҷ медоданд[3].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили маъхазҳо ва адабиёти илмӣ ба хулосаҳои зерин мерасем:

- аз нигоҳи ҷуғрофӣ Рушон дар байни Язғулом ва Шуғнон, дар ҳар ду соҳили дарёи Панҷ ва водии дарёи Бартанг то сарҳади ноҳияи ҳозираи Мурғоб ҷойгир буда, то истилокории афғонҳо як мулки мустақил будааст, ки онро шоҳ

---

[1] Документ № 30. – Отчет коллежского асессора барона Черкасова о командировке на Памирские бекства Бухарского ханства в 1905 – 1906 гг. Декабря 1906 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. Л. 286.

[2] Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 94.

[3] Лахман Ҳусейнзода. Ҳокимони аҷнабии қалъаи Вамар ё ҳикояти Лахман Ҳусейнзода // Пайғоми Рушон. № 8. 2001.

идора мекардааст. Дар замони Шӯравӣ ҳудуди Рушон аввал ба ду ноҳия (Рушон ва Бартанг) ва боз дар як ноҳия муттаҳид гардид. Рушони соҳили чапи дарёи Панҷ бошад дар натиҷаи тақсимоти соли 1895 дар ҳайати Афғонистон монда, имрӯз аз ҷиҳати маъмурӣ ба ҳайати вулусволии Шуғнон дохил мешаввад;

- аҳолии минтақаро рушониён ташкил медоданд, ки худро дар се категорияи этнонимӣ: рушонӣ, тоҷикони рушонӣ ва тоҷикон муаррифӣ мекарданд;

- аз нуқтаи назари антропологӣ рушониён, монанди дигар кӯҳистониён симои тозаи тоҷикиро ҳифз нигоҳ доштаанд;

- дар давраи тоинқилобӣ рушониён, махсусан, ба кишоварзӣ, чорводорӣ ва касбу кори гуногун машғул будаанд, Дар замони Шӯравӣ ва истиқлол бошад дар Рушон касбу корҳои нав, инчунин тиҷорат низ рушд кард;

- дар Рушони тоинқилобӣ мактаби усули кӯҳна амал мекард ва адабиёти Рушон бо ду забон: форсӣ ва рушонӣ (дар бисёр маврид адабиёти шифоӣ – эъҷодиёти даҳонии халқ) рушд ёфтааст, забони таълим дар мактаб ва ҳуҷҷатгузорию коргузорӣ лаҳҷаи бадахшонии забони форсӣ будааст.

## 1.2. Тақвими тоҷикони Рушон

Тоҷикон, ҳамчун қадимтарин бошандагони Осиёи Миёна, ҳама вақт таваҷҷуҳи муҳаққиқону олимон, сайёҳон ва дипломатҳои хориҷиро ба худ ҷалб намуда, роҷеъ ба масъалаи мардумшиносии онҳо маводҳои нодир дар сарчашмаҳои хаттӣ, ёддоштҳои сайёҳон, қайдҳои муҳаққиқони русу англис, инъикос ёфтаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд менамояд, ки "дар муҳити зиндагии ориёиёни қадим тақвимҳои мардумӣ шакл гирифта, гузаштагони мо аксари маросиму ҷашнҳоро дар асоси онҳо таҷлил мекарданд"[1].

Яъне талаботи инсонҳо ба ҳисоби вақт ҳанӯз дар замони қадим пайдо шуда, методҳои муайяни ҳисоби вақт ва тақвимҳои аввалин чанд ҳазорсолаҳо

[1]Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Сада 28.01.2024 //http: //www.prezident.tj/node/32446. Санаи муроҷиат 29.01.2024 с.

пеш, дар ибтидои тамаддуни инсоният ба вуҷуд омаданд[1]. Дуруст аст, ки дар бахши даҳуми «Бундаҳиш» роҷеъ ба соли динӣ, ҳисоби вақти аҷдодони тоҷик ахбор дода мешавад[2]. Роҷеъ ба ҳисоби рӯзу моҳ, тақвим ва ҷашну маросимҳои аҷдодиамон дар асари олими энсиклопедист Абурайҳон Берунӣ низ маълумоти муҳим инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, вай қайд кардааст, ки тақвими офтобии тоҷикони қадим, дар мисоли хоразмиён, аз ҳамаи тақвимҳои ба ӯ маълум дақиқтар мебошад[3].

Академик Юсуфшоҳ Яъқубов низ менависад, ки ориёиҳо ҳанӯз дар давраи хеле қадим солномаи офтобии худро тартиб додаанд, аз ҷумла дар Помири Шарқӣ гӯрҳо мувофиқ ба ҳаракати офтоб канда шудаанд, ҳамин тавр аҷдодони мо аз аввалинҳо шуда, миёни башарият гардиши моҳу ситораҳо ва хуршеду заминро кашф кардаанд[4].

Ҳамин тавр, тоҷикон аз қадим солшумориҳои ба худ хосро дошта, илова ба ин рушониҳо боз тақвими махсуси зироатчигии ҳисоби вақт ё ҳисоби солро аз рӯйи қисматҳои бадани инсон пеш мебурданд. Он ба ҳаракати солонаи офтоб асос ёфта буд ва тақвими халқӣ ба ҳисоб меравад. Вақтро аз рӯйи ҳодиса - воқеаҳои асосии ҳастии хоҷагидорӣ (зироатчигӣ ва чорводорӣ) муайян мекарданд[5]. Машғулияти асосии мардуми Рушон зироаткорӣ ва чорводорӣ буда, аз ин рӯ тақвимҳои худро ба ин корҳо мутобиқ сохтанд.

Рушониҳо ба он гурӯҳи тоҷикон шомил мебошанд, ки забон, урфу одат ва маросимҳои гузаштагони тоҷикро зиёдтар ҳифз намудаанд. Маълумот оид ба паҳн гаштани ҳисоби вақт аз рӯйи узви бадани инсон дар байни рушониҳо ва дигар тоҷикони кӯҳистон, дар асарҳои А. А. Бобринской,[6] М.С. Андреев[1] ва

---

[1] Холов М.Ш. Тақвимҳои кишоварзии тоҷикони Кӯҳистон. - Душанбе: Ирфон, 2006. - С. 3

[2]Фарнбағ Додагӣ. Бундаҳиш. - Душанбе: Эҷод, 2006. - С. 93 – 95.

[3]Берунӣ А. Осор-ул-боқия. - Душанбе: Ирфон, 1990. - 432 с.

[4]Яъқубов Ю. Гоҳномаи авастоӣ. - Душанбе: Деваштич, 2003.- С. 3.

[5]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 28.

[6] Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). - М., 1908. - С. 98 – 102.

ғайра ҷой доранд. Масъалаи мазкур дар осори олимони тоҷик – М. Забирзода[2], М. Р. Раҳимов,[3] У. Ҷаҳонов[4], Ш. М. Холов[5], Х. А. Қаюмова[6] ва ғайра таҳқиқ шудааст. Ҳисоб аз рӯйи узвҳои бадани одам – тақвими қадимаи хуршедӣ буда, танҳо ба тоҷикон хос аст. Масалан, муҳаққиқ Ш. М. Холов қайд менамояд, ки онро асосан тоҷикони кӯҳистони водии дарёи Сӯх, Қаротегину Бадахшон, инчунин Ҳиндукуш, Панҷшер ва Нуристони Афғонистон васеъ истифода менамоянд[7].

Роҷеъ ба тақвими офтобии мардуми Помир М. А. Бубнова ва Н. А. Коновалова ҳам маълумоти бисёр зарурӣ медиҳанд[8]. Таҳқиқоти онҳо роҷеъ ба истифода намудани хонаи бадахшонӣ ҳамчун тақвим бо расидани нури офтоб тавассути чорхона ба даруни хона ҷолиби диққат аст[9]. Пеш аз онҳо бошад М. С. Андреев дар деҳаи Хуфи ноҳияи Рушон ин тақвимро мушоҳида карда буд[10].

Дар хусуси истифодаи тақвим дар Куҳистони Бадахшон нахустин шуда, муҳаққиқи тоинқилобии рус, граф А.А. Бобринской маълумот дода, менависад, ки як тақвими маъмулии кӯҳистониён тибқи узвҳои бадани инсон тартиб дода шудааст ва ин тарзи ҳисобкунии рӯзҳо барои ин олим навоварӣ буд. Вай қайд

---

[1]Андреев М.С., Половцев А. А. Материалы по этнографии иранских племен Средней Азии (Ишкашим и Вахана) // Сборник МАЭ. № 9. -СПб., 1911. -С. 97.; Андреев М. С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С.151 – 175.

[2] Забирзода М. Солшумории халқӣ // Шарқи Сурх. № 12. 1957. - С.118 – 125.

[3]Раҳимов М.Р. Земледелие таджиков бассейна р. Хингоу в дореволюционный период (историко-этнографический очерк), Труды Академик наук Таджикской СССР. Т. XLIII. - Сталинабад, 1957.

[4] Джахонов У. Земледелие таджиков долины Соха в конце XIX – начале XX в. - Душанбе, 1989.

[5] Холов Ш.М. Тақвимҳои кишоварзии тоҷикони Кӯҳистон. Душанбе, 2006.; Метрология и хронология Восточной Бухары и западного Памира (вторая половина XVIII – начала XX вв.). - Душанбе, 2013. - 212 с. Дар ҳаммуаллифӣ.

[6] Каюмова Х. А. Народная метрология и хронология таджиков Каратегина, Дарваза и Западного Памира. Автореферат диссертации кандидата исторических наук. - Душанбе, 2009. - 25 с.

[7] Холов Ш.М. Тақвимҳои кишоварзии тоҷикони Кӯҳистон. - Душанбе, 2006. - С. 4.

[8]Бубнова М. А., Коновалова Н. А. Древние солнечные календари Памира // Памирская экспедиция (статьи и материалы полевых исследований). - М., 2006. - С. 170 – 209.

[9]Ҳамон ҷо. - С. 207.

[10]Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амудары). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 163 – 165.

мекунад, ки ҳисоби вақтро танҳо пирони солхӯрда, баробари онҳо дар ҳар деҳа як ё ду нафар ҷавону миёнасол медонистанд[1].

Ҳисоб аз рӯйи узвҳои бадани инсон, аз қадимтарин ҳисоби вақт буда, он хоси рушониён ва дигар тоҷикони кӯҳистон мебошад. Имрӯз ба таври пурра он дар дар байни тоҷикони Бадахшон боқӣ мондааст. Аз лиҳози он ки зироаткории анъанави кори мардона буд, барои ҳамин ҳисоби мазкурро офтоб дар мард меноманд[2].

И.И.Зарубин ба омӯзиши ҳисоби вақт аз рӯйи қисматҳои бадани инсон, машғул шуда, қайд карда буд, ки ин ҳисоб дар минтақаҳои алоҳидаи Кӯҳистони Бадахшон фарқ мекунад, вале санаҳои муҳимми тақвимӣ дар Рушон ва Шуғнон мувофиқ меомаданд.

Дар ҳар як навоии кӯҳистон ҳисоби тақвимҳои кишоварзӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад. Масалан, М. Ш. Холов менависад, ки ҳатто маълумоте, ки сокинони деҳаи водии Хуф Ёрбайг (Ёрбек) ва Мамадназар ба этнографи М. С. Андреев додаанд, аз ҳам тафовут доранд[3].

А. А. Бобринской низ менависад, ки шахсоне, ки ба вай маълумотро додаанд, фикриҳояшон гуногунанд. Албатта ин олим ва сайёҳи рус дуруст қайд менамояд. Бояд зикр шавад, ки байни тақвимҳои манотиқи Кӯҳистони Бадахшон фарқияти ҷузъӣ ҷой дорад.

Дилхоҳ воқеаи назаррас хоҳ ҷашнҳои тақвимӣ ё ибтидои корҳои зироаткорӣ ё чорводорӣ ягон ҳодисаю воқеа дар ҳаёти шахсии инсон (таваллуди кӯдак, сур, бозгашти ҳамдеҳа аз саёҳати дарозмуддат) дастаҷамъона аз ҷониби ҳамдеҳагон қайд карда мешуданд. Ҳар кадом аз деҳаҳо иттиҳодияи алоҳидаи мустақил ба ҳисоб мерафтанд. Ҳамдеҳагон ҷудогона ва зисти ҳаёти онҳо аз дигар деҳаҳо фарқ мекард. Кӯҳистониён на ҳама вақт ҳисоби вақтро бо тамоми ҷузъиётҳояш медонистанд. Дар ҳар кадом деҳаҳо ду се одами калонсоле буданд, ки ҳисоби вақтро пеш мебурданд ва фарорасии идҳо ва дигар

---

[1] Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа. Ваханцы и Ишкашимцы. - М, 1908. - С. 99.
[2]Майский П.П. Исчисление полевого сельксохозяйственный работ у горцев Памира и Верхнего Ванджа // Советская этнография. № 4. - Л., 1934. - С. 57.
[3] Холов М.Ш. Тақвимҳои кишоварзии тоҷикони кӯҳистон. - Душанбе, 2006. - С. 52.

рӯзҳои тантанавиро муайян мекарданд. Агар дар деҳа халифа бошад, пас ҳисоби вақтро ӯ пеш мебурд[1].

Дар соли 1914 И. И. Зарубин аз рӯйи суханони сокини деҳаи Рошорв Қабул навишта буд, ки ҳисоби хоси вақт аз рӯйи узвҳои инсон ҳисоби деҳқон номида мешуд. Ӯ соли 1914 дар Рушон ҳисоби вақтро аз рӯйи узвҳои бадани инсон одамони босавод, аз ҷумла дар Рошорв устои оҳангар, ақсақол Қабул, дар деҳаҳои Сипонҷ ва Равмед халифа Абдураҳим, деҳаи Вамар оқсақол Халбаш пеш мебурданд[2]. Зарур аст, қайд намоем, ки дар ҳар деҳаи Рушон одамоне буданд, ки ҳисоби мазкурро нағз медонистанд, дар умум бошад, бо он ҳамаи бошандагони синну соли ба балоғат расидагӣ шинос буданд.

Дар ҳақиқат ақсақол Қабул Қурбонбеков дар Рошорв ҳисоби вақтро аз рӯйи узви одам хуб медонист. Тибқи маълумоти абераи ақсақол Қабул – Ниёзов Ниёз, ки мо ҳангоми таҳқиқоти саҳроӣ аз ӯ мавод ҷамъоварӣ намудем, ин ҳамсуҳбати И. И. Зарубин соли 1927 вафот кардааст ва нишонаҳое, ки ӯ дар хонааш барои ҳисоби вақт дар сутунҳо, бурҷҳо, долон ва чорхона мондааст, ҳозир ҳам аз ҷониби аберагонашон ҳангоми ҳисоби вақт истифода мешаванд[3].

Худи И. И. Зарубин ҳамсуҳбати мазкури худро бисёр васф кардааст, ки вай байни ҳамватанони худ обрӯи калон дорад, дорои хату савод буда, аз ҳама беҳтар урфу одат, анъана ва маросимҳоро медонад[4]. Бисёр маводи этнографиро оид ба деҳоти Рушони Боло И. И. Зарубин маҳз аз ин шахс ҷамъоварӣ намудааст. Аммо ақсақол Қабул зодаи Рошорв набуда, балки ӯ сокини деҳаи Нисур (Нисӯр) будааст[5]. Ин шахс аз соли 1911 сар карда, то соли 1925 назоратчии асосии кӯли Сарез будааст. Барои хизматҳояш аз ҷониби

[1] Андреев М. С. Таджики долини Хуф. Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 152.

[2] Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 30.

[3] Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.

[4] Зарубин И. И. К истории Шугнана // Доклады Академии наук СССР. - М., 1926. - С. 19.

[5] Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.

маъмурияти генерал-губернатории Туркистони Россия бо Шаҳодатнома оид ба сарфароз гардондан бо халати ифтихории дараҷаи сеюм (аз соли 1915), инчунин бо медали ақсақоли деҳа мушарраф гардидааст[1].

Барои аз ихтилофҳо раҳоӣ ёфтан масъулони ҳисоби вақти деҳаҳои ҳамсоя натиҷаҳои мушоҳидаҳои худро муқоиса менамуданд ва тақвимро ба низом медароварданд ва оид ба дар як вақт гузаронидану доир кардани идҳои солона маслиҳат мекарданд. Қайд кардан муҳим аст, ки баробаршавии шабу рӯзи баҳорӣ *nawruzi bahor* ва баробаршавии рӯзи шаби тирамоҳӣ *nawruzi-tiramoh* ба ҳисоб мерафт[2]. Пас маълум мешавад, ки дар Рушон иди Меҳргон бо номи Наврӯзи тирамоҳ маълум будааст.

Барои муайн кардани баробаршавии баҳории шабонарӯз дар ҳар деҳа ҷойҳои ба назар намоён вуҷуд доштанд. Масалан, барои сокинони деҳаи Хуфи Рушон барои муайян намудани вақт сояе, ки як қуллаи Сирув ба вуҷуд оварда буд, хизмат мекард, он дар қисмати ғарбӣ, ки водиро иҳота карда, ҷойгир гаштааст. Сояи ин қулла барои муайян кардани давраҳои вақт нишондиҳандаи асоси ҳисобида мешуд[3].

Ҳисоби тақвимӣ аз рӯйи узвҳои бадани инсон ба он асос ёфтааст, ки гуё офтоб мутасил ба воситаи тамоми бадани одам мегузашт. Мувофиқи ин ҳисоби сол аз ду силсила *(cikl)* иборат буд: сикли аввал аз пой то ба сар; дуюм - аз сар то ба пой[4].

М. С. Андреев тақвим аз рӯи узви баданро аз суханони сокинони Хуф «*hisobi mard*» ном ниҳодааст[5]. Чунин ҳисоб барои марди деҳқон хеле осон буд ва зуд дар хотир нигоҳ дошта мешуд. Ҳатто агар шахс навиштану хонданро

---

[1]Сивидетельство № 5825 // Аз бойгонии шахсии Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе.
[2]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 31.
[3]Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 162.
[4]Қозибеков Ҷ. Тақвими халқӣ // Бадахшон. №10 (10131). - С. 5.
[5]Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 245.

наметавонист вай ба осонӣ ин тақвимро дар зиндагӣ истифода мекард[1]. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин илм осон набуд ва донишҳои ҳаматарафаро талаб мекард. Барои мардум оддӣ фаҳмонидани он танҳо ба олимони ин соҳа, нуҷумшиносон муяссар мешуд, ки сирри осмон ва ситораҳоро барои мардум ошкор созанд.

Мутобиқи маълумоти А. А. Бобринской бо фаро расидани баҳор, халифаи деҳа рӯзро муайян мекунад, ки онро ҳамчун рӯзи баровардани барзаговон барои кишт меҳисобиданд[2]. Дар Рушон ин рӯз *«x̌ojziwest»* ном дорад. Халифа ҳисоби тақвимро медонист ва барои ҳамин мардум ба вай мароҷиат мекарданд. Дар ин рӯз фақат ду ҷуякро шудгор карда, онро ҳамчун ид мегузаронида. Занон аз гандум ва орд хӯрок тайёр карда, нисфирӯзӣ онро ба замини шудгор оварда, ҳама якҷоя ғизо мехӯранд. Аз ҳамин хӯрок бо нӯги ангушт каме ба пешонии барзаговон мемоланд, то ки сол фаровонҳосил бошад[3].

М.С. Андреев қайд менамояд, ки дар Помир одатан барои оғози ягон кор аз шахсони соҳибилм мувофиқ будани рӯзро мепурсанд, зеро агар рӯз мувофиқ намебуд, оқибати кор самар намеовард. Ин шахсонро «ҳисобдон» мегуфтанд[4].

А. А. Бобринской тақвими мардуми Помирро бо тақвимҳои дигар минтақаҳо муқоиса карда, ба хулосае омад, ки онҳо аз ҳамдигар фарқият доранд. Яке аз аломатҳои фарққунандаро А.А. Бобринской дар номи ин моҳҳою мафҳумҳо мебинад, ки онҳо бо забонҳои маҳаллӣ талаффуз мешаванд. Аз он ҷумла вай вобаста ба расидани фасли сол ва оғози кишту кор баъзе аз одатҳо ва анъанаҳои танҳо ба мардуми Помир хосро ба мардуми Зарафшон муқоиса мекунад. Вай дар китоби худ чунин калимаҳои маҳаллӣ ба монанди *«xur - офтоб», «čilla – чилла», «Офтоб дар мард», «x̌ogun –шогун»* истифода

---

[1] Ҳамон асар.
[2] Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа. - М., 1908. - С. 106.
[3]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Пасори водии Бартанги ноҳияи Рушон, Аълочии маорифи ҶШС Тоҷикистон Нуриддинов Бахталӣ, соли таваллуд 1945. Санаи сабти сӯҳбат 17.12.2022 с.
[4] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 2. - Сталинабад, 1958.

мебарад. Ин хулосаҳои А. А. Бобринской дар он давра барои илми этнография аҳаммияти хоса доштанд[1].

И. И. Зарубин менависад, ки дар Болооби Зарафшон ҳисоб аз рӯйи бадани одам барои сокинон маълум нест ва он истифода намешавад[2].

Дар Рушон чун дар дигар манотиқи кӯҳистони тоҷикон аз замонҳои хеле қадим ҳар як кори хайру некро, махсусан он корҳое, ки бевосита ба кишоварзи алоқаманд буданд, тибқи рӯзи соат аз рӯйи мушоҳидаҳои тӯлонӣ ва таҷрибаи зиндагӣ, пеш аз ҳама, ҳисоби рӯзҳои солро аз рӯйи тулуъ ва ғуруби офтоб, сояи санге ё теппаи қуллаи кӯҳҳо аз равзанаи боми хонаҳо бо нуқтаҳои гуногуни дохили он расидани нури офтоб, ҳаракат ва мавқеи сайёраҳо ва ғайра маълум мекарданд. Дар ҳар деҳу маҳал ва ҳатто дар рӯйи сутунҳои хонаҳои ҷойҳои алоҳидаи «*піх̇опеп - нишонаҳо»* вуҷуд доштанд, ки аз рӯйи онҳо нури офтобе, ки тариқи равзанаи ба даруни хона дохил мешуд ва ба воситаи ҳаракату мавқеи он кадом фаслу моҳ ва рӯз буданро муайян мекарданд. Шоири муосири тоҷик Муъмин Қаноат ҳамин гуна «тақвимҳо» - и мардумиро зери назар гирифта, қайд менамояд, ки онро дар «Готҳо» - и Авасто ба риштаи тасвир кашидаанд[3].

Мардумшинос ва забоншиноси машҳури рус И. И. Зарубин дар асоси маводи таҳқиқоти саҳроии худ ҷадвали ҳисоби вақти рушониҳоро тартиб додааст. Санаҳои асосии тақвими рушонӣ бо рӯзи баробаршавии тирамоҳӣ ва баҳории шабу рӯз ва инчунин бо рӯзи қароргирии офтоб мутобиқ мебошанд. Ӯ бо транскрипсияи дақиқ номи қисматҳои бадани инсонро, ки ба ҳисоби вақт дар Рушону Шуғнон дохил мешуданд, қайд кардааст.

Дар Рошорв И. И. Зарубин аз рӯйи суханони ҳамсуҳбати худ Қабул ва Абдураҳмон ҳисоби Рошорвиро аз рӯйи қисмҳои бадани инсон навишта аст. Хусусияти хоси ин ҳисоб дар тасаввуроти тоҷикони кӯҳистон дар он аст, ки ҳаракати Офтоб ба давраҳои ба қисмҳои бадани одам мувофиқ тақсим карда мешавад. И. И. Зарубин аввалин шуда, ҷадвали номҳои моҳҳоро бо забони

---

[1] Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа. - М., 1908. - С. 99.
[2]Зарубин И. И. Отчет об этнологических работах в Средней Азии летом 1926 года // Известия Академии наук СССР. VI серия. Том 21. Выпуск 3. 1927. - С. 354.
[3] Муъмин Қаноат. Ман на фирориаму на озурда // Адабиёт ва санъат. 1997. 10 январ. С. 6.

рушонӣ тартиб дод. Ин номҳои моҳҳо ҳоло истифода намешавад, вале дар хотираи одамони солхӯрда боқӣ мондаанд[1].

Ба ғайр аз ин, дар хонаҳои рушониён тарзи иловагии муайян намудани давраҳои ҳисоби мард вуҷуд дошт. Аз сӯрохии болои хона, ки «*ruz*» – равзана ном дошт, шуои офтоб таҳти кунҷҳои гуногун (вобаста ба фаслҳои сол) ба сақф, девор ё санҷ меафтод, нишона мегузоштанд.

Дар Рушон то ба ҳозир одамони солхӯрда вақтро аз рӯйи узвҳои бадани инсон ва дар хонаҳои кӯҳна расидани нур офтоб ба деворҳо ҳисоб мекунанд. Аз ин усули ҳисоби вақт рушониёни соҳили чапи дарёи Панҷ дар Афғонистон пурра истифода мебаранд. Яъне имрӯз низ дар Рушон ҳисоби вақтро аз рӯйи қисмҳои бадани инсон пеш мебаранд, ки онро мо дар поён боз меорем.

Дар Рушон солшумории шамсӣ низ мавриди истифода буд ва номи моҳҳои шамсиро мутобиқ ба хусусияти фаслҳои сол бо назардошти иқлими маҳалӣ, мавсими киштукор ва пухта расидани зироат, меваҷоту сабзавот бо забони рушонӣ номгузорӣ карданд. Соли навм солшумории шамсии рушонӣ 20-21 март шурӯъ мешавад.

Моҳҳои шамсии рушонӣ, инҳо мебошанд*: ɣ̆amund* (ҳамал), *Čeriʒen* (савр), *Aẋawjen* (ҷавзо), *Tudbaz* (саратон), *Nůšbaz* (асад), *Xarbuzabaz* (сумбула), *ɣuzδuvden* (мизон), *Hamaxombaz* (ақраб), *Parkriz* (қавс), *Day* (ҷаддӣ)*, Devona* (далв), *Nawruzenc* (ҳут) [2].

И. И. Зарубин соли 1914 ҳангоми сафари худ дар Рушон менависад, ки мардум тақвими мусулмонии шамсӣ ва қамарии ҳиҷриро кам истифода менамоянд[3], аммо бо ин фикри ӯ пурра розӣ шудан мумкин нест. Зеро баробари тақвимҳои мардумӣ байни мардуми Рушон тақвимҳои мусулмонӣ низ амал мекарданд.

---

[1]Ниг.: Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006.

[2] Тақвимҳо // Пайғоми Рушон. Марти соли 2019. № 4 – 5 (3770). - С. 7.

[3] Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 28.

Акнун бори дигар бар мегардем ба тақвими мардумии рушониён, ки мувофиқи он рӯзҳо ба ҳар як узви одамӣ номгузорӣ шуда, он *hisobi mard* ном дорад. Он чор фасли чилрӯзаи солро дар бар мегирад: чиллаи баҳор (8 май – 22 июн), чиллаи тобистон – (22 июн – 6 август), чиллаи тирамоҳ (11 октябр – 21 декабр) ва чиллаи зимистон (22 декабр – 31 январ).

Ҳисоби мард, ки бо номи «*Nuxonen*» - нишонаҳо низ маъмул аст, аз маросими «Офтоб дар мард» (1 – уми феврал) шуруъ мешавад ва аз ду сикл иборат аст.

Давраи сикли якуми ҳисоби вақт: *Noxun* – 3 рӯз (1-3 феврал), *puxti po* – 3 рӯз (4- феврал), *surčak* – 3 рӯз (7-9 феврал), *qoqling* - 3 рӯз (10-12 феврал), *bebjax* – 3 рӯз (13-15 феврал), *Xambi zonu* – 3 рӯз (16-18 феврал), *Zůn* 3 – рӯз (19-21 феврал), *Kordafson* – 3 рӯз (22- 24 феврал), *Haromiz* – 3 рӯз (25-27 феврал), *Pufamuf* – 3 рӯз (28 феврал – 2 март), *Ruda* – 9 рӯз (3-11 март), *Parak* – 9 рӯз (12-20 март), *Zorδ* – 3 рӯз (21-23 март), *Zorδ parδa* – 3 рӯз ( 24 –март, 26 – март), *Paivandi dil*– 9 рӯз (27-март, 4-апрел), *Sina* – 3 рӯз (5-7 апрел), *Bijav* – 3 рӯз (8-10 апрел), *Fayak* – 3 рӯз (11-13 апрел), *Noy* – 3 рӯз (14-16 апрел), *Bon* – 3 рӯз (17-19 апрел), *Labu dandon* – 3 рӯз (20-22 апрел), *Dimoɣ* – 3 рӯз (23-25 апрел), *Ɣow* -3 рӯз (26-28 апрел), *Cam* – 3 рӯз (29-апрел, 1- май), *Kal* – 3 рӯз (2-4 май), *Qarqara* – 3 рӯз (5-7 май)[1].

Баъди ин давраи офтоб дар биёбон (40 рӯз) ва чиллаи тобистон (40 рӯз), ки якҷо 80 рӯзро давом мекунанд, тай гардида, давраи сикли дуюми ҳисоби вақт сар шуда, боз ба нохунҳо расида, сипас биёбон (40 рӯз) ва чиллаи зимистон (40 рӯз)-ро тай менамояд[2].

Хулоса, рушониҳо тақвими худӣ – ҳисоби вақт аз рӯи қисмҳои бадани одам доранд, ки онро ҳисоби мард ё ҳисоби деҳқон ҳам меноманд. Дар ҳаёти кишоварзону чорводорони Рушон тақвим нақши асосӣ бозӣ карда, тамоми расму маросим, ҷашн ва анъанаҳои рушониён тибқи он сурат

[1]Тақвимҳо // Пайғоми Рушон. Марти соли 2019. № 4 – 5. - С. 7.
[2]Муфассалтар ниг.: Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006.

мегирифт. Он бо баъзе ҷузиёт на танҳо аз тақвими тоҷикони дигар манотиқ, ҳатто байни баъзе деҳаҳои худи Рушон низ фарқият дорад.

Ҳамин тариқ, тақвимҳои мардумии Рушон хусусиятҳои махсуси худро дошта, аз дигар манотиқи тоҷикнишин бо нигоҳ доштани архаизми худ фарқ мекунанд, онҳо ҳатто бо баъзе аломату махсусият миёни баъзе деҳоти Рушон ҳам тафовутҳои ҷузъии худро доранд.

### 1.3. Ҷашну идҳои анъанавӣ ва хусусиятҳои онҳо

Дар гузашта сайёҳон, муҳаққиқоне, ки ба сарзамини тоҷикон ташриф оварда буданд, ҳаёти анъанавии онҳоро мушоҳида намуда, анъана, расму маросим ва одатҳои миллии онҳоро қайд мекарданд. Ғанию гуногунрангии хусусиятҳои этномадании тоҷикон доимо муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамуд. Гуногунранг будани фарҳанги этникӣ аз он шаҳодат медод, ки тоҷикон ба анъанаҳои фарҳангии худ хеле содиқу вафодор будаанд ва онҳоро бо эҳтиёт ҳифз мекардаанд[1].

Тоҷикони кӯҳистон то имрӯз низ як қатор хусусиятҳои архаистии ҷашну маросимҳои миллииро ҳифз доштаанд. Давраи аз чиллаи зимистон баромадан то ҷашни Наврӯзӣ дар Рушонзамин панҷ марҳилаи ҷашниро дар бар мегирад: *Oftob dar mard, Batayom, Tuүmzivest, Ostonixtayd* ва *Ұamund (Наврӯз),* ки дар ин зербоб роҷеъ ба онҳо маълумот дода мешавад[2].

Аз руи тақвими мардумӣ ҷашни якуми рушониён ***«Офтоб дар мард»*** мебошад. Дар замони тоинқилобӣ ва ҳозир низ «*Oftob dar mard*» ҷашн гирифта мешавад, ки он ба 28 – 29 январ, мувофиқи дигар маълумот 30-31 январ рост меояд. Ин рӯзро ба маънии дигар мардуми деҳаи Баррушони ноҳияи Рушон «*čop – čop ( чоп-чоп)*» низ мегӯянд ва дар ҳар як хонавода, дар ин рӯз тамоми асбобу анҷоми хонаро ба берун мебароранд[3]. Сокини деҳаи Шуҷанд Сардор Соҳибназаров мегӯяд, ки "дар деҳаи онҳо ҳам солҳои пеш ин ҷашнро «*čop* -

[1]Валиев А. Освещение этнографии Таджикского народа в трудах русских дореволюционных исследователей (XIX – начало XX вв.) Автореферат. - Душанбе, 2020. - С. 63.
[2] Наврӯзи Рушон ва вижагиҳои он // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 2.
[3] Давронова А.Таомули идонаи Баррӯшон // Пайғоми Рушон. № 4 – 5 (3770). Марти соли 2019. - С. 6.

*čor*» низ мегуфтанд ва ин ба миёнаи моҳи феврал рузҳои панҷшанбе ва ҷумъа рост меомад ва онро худам таҷриба кардам ва қайдкунии он басо ҷолибе буд”[1]. Яъне обшавии барфу ях дар замин сар мешавад. Офтоб ҳамин рӯз ба мадор мебарояд. Калонсолони рушонӣ ҳам ҳамин лаҳза мегӯянд: «*Xor dar marδ δůd – Офтоб ба мадор баромад».* Барои ҳамин мумкин дурусташ *«Xor dar marδ – Офтоб дар мадор»* бошад. Донишманди тоҷик Зафари Мирзоён низ дар натиҷаи пажуҳиши худ ба хулосае меояд, ки вожаи сада дар китоби Авесто ба маънии тулӯъ кардан, пайдо шудан омадаст[2].

Аз рӯи маълумоти сокини куҳансоли Рушон А. Давронова дар ҷашни мазкур занҳо хонаро хуб рӯбучин мекунанд. Каме ордро дар *bilavdon* – зарфи хос барои нигоҳ доштани хамиртуруш гирифта, нонбандро ордолуд мекунанд. Аз хоки сурх, ки онро мардон аз дараи деҳа махсус барои ороиши хона меоварданд, сурати ситораҳои осмонро дар гирдогирди нақши моҳтоб наққошӣ мекунанд. Тоқиро ҳам ордолуд карда, дар панҷ сутуни вассаҳои хонаи урфӣ нақш мекунанд[3].

Чун рӯбучини хона ва наққошӣ анҷом ёфт, ҷорӯбро аз тариқи равзанаи хона ҳаво медиҳанд, ки гуё бо ин амал балоҳои хона рафъ шаванд. Сипас дар даруни хона дудӣ андохта, ҷиҳози хонаро даровварда, хӯрок мепазанд. Баъди пухтани хӯрок аҳли хонавода бо калимаи «Бисмиллоҳ» ва саломи наврӯзии *«Ẋogun buor muborak - Шогун баҳор муборак»* вориди хона мешаванд. Дар ин рӯз хонагардак мешавад ва хешу табор ва ҳамсояҳо ба хабаргирии ҳамдигар мераванд. Шахсони бо якдигар кина гирифта оштӣ мешаванд[4].

Дар давраи пеш И. И. Зарубин қайд менамояд, ки мувофиқи ҳисоби рушониҳо баъди ба охир расидани чиллаи зимистон тахминан 1-2 феврал офтоб ба одам медаромад ва сокинон иди *«Oftob dar mard»*-ро ҷашн мегирифтанд. Аз

---

[1] Сабти сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанд ноҳияи Рушон Соҳибназаров Сардор, соли таваллуд 24.12. 1956. Санаи сабти суҳбат 15.08. 2023 с.

[2]Мирзоён З. Фурӯғи ҷашни сада // Самак. 5 феврали 2014.

[3] Давронова А. Таомули идонаи Баррӯшон // Пайғоми Рушон. № 4 – 5 (3770). Марти соли 2019. - С. 6.

[4]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳия Рушон. Рамхудрева Чайзан. Соли таваллуд 1951. Санаи сабти сӯҳбат 21.08.2019с.

ҳамин рӯз ҳисоби давраҳои қарор гирифтани офтоб руи қисмҳои бадани инсон (*mard)* оғоз мегардид. Рӯзи якум офтоб дар давраи нохунҳои пойи одам 1 - 2 феврал ва он ҷо 3-рӯз мемонд[1]. Ин иди рушониён ба ҷашни Сада баробар меояд.

Ҷашни Сада дар поёни чиллаи калон, чун рамзи гузаштани сардиҳои зимистон, одатан муждае аз наздик расидани баҳор меовард. Сада моҳияти пирӯзии рӯшноиро бар торикӣ ифода намуда. Бо тантанаи оташафрӯзӣ омадани фасли баҳору муждаи пешакии Наврӯзро мерасонд[2].

Дар Рушон иди «*Oftob dar mard*» ҷашни якуми тақвимӣ ҳисобида мешавад. Дар водии Бартанги Рушон ин ҷашни баҳориро *Xur pa čor* меноманд. Ин ид бо ҷашни қадимаи эрониёни бостон – Сада рост меомад[3].

Офтоб дар мард ҳамон ҷашни бостонии эронитаборон – Сада аст, ки 50 – рӯз пеш аз Наврӯзи бузург ҳамчун пирӯзии нуру гармӣ бар торикӣ ва сардӣ ҷашн гирифта мешавад[4].

Дар Рушон рӯзи ид соҳибхоназан баъди тановули ғизои шом аз боҷхона, ё ганҷур бо *tač* – табақи чӯбин орди шогунӣ бароварда, бо дуои «Бисмиллоҳи раҳмони раҳим, Шогун баҳор муборак!» вориди хона мешавад ва дар пояи ҳар панҷ сутун хона андаке орд мепошад. Субҳидам, пеш аз баромадани офтоб *xamlapa* - чалпак, *«hamsoyabaẋ»* ном дорад, мепазанд. 4 - донаро барои хонавода монда, 3 – торо ба остон, ё чорраҳа барои раҳгузарон мебаранд. Баъд аз тановул ба пухтани хуроки махсус *koči* шуруъ мекунанд. То субҳ ба хона ворид шудани шахси бегона мамнуъ аст, барои он ки ба хотири нигоҳ доштан аз офати бад худро муҳофизат мекунанд. Ин қоида ё расмро *«kiš»* унвон кардаанд. Давоми рӯз хабаргирӣ ва муборакбодии хешу табор ва ҳамсояҳо

---

[1]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С 26.

[2] Баротӣ А. Сада – муждаи нахустини баҳор // Ҷумҳурият. 24.09.2016.

[3] Наврӯзи Рӯшон ва вижагиҳои он // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 2.

[4] Аз таърихи Наврӯз // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 2.

сурат мегирад. Бегоҳӣ бошад, маҳфилҳои фарҳангӣ – мадҳияхонӣ ва дафсоз баргузор мегарданд[1].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин рӯз рушониҳо нон пухта ҳамсояҳоро меҳмондорӣ (*amsoyabaẋ)* мекарданд. Пеш аз оғози тановул - дуои ёдбудӣ *“biomurziẋ”*хонда, ки он бо ба забон гирифтани *“biomurziẋ pidat mod”* сар шуда, дар ин ҳол нонро қадре шикаста*, ba nomi arwogon* – ба номи арвогон ба оташдон мепартофданд. Зеро тибқи одату тарбияи этникии худ дар ҳар иду ҷашнҳои мардумӣ рушониён аз арвоҳгон ёд мекарданд. Ба назари онҳо *Xudozada vawat arvozada mavaw* - Худозада бошу арвоҳзада не. Тибқи назари этиқодии кулли тоҷикон Худо фармудааст: падару модар розӣ ман розӣ. Барои ҳамин мардуми Рушон дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ ба ин масъала диққати асосӣ медиҳанд. Мазмуни дуои биомӯрзишро этнографи машҳур И. И. Зарубин соли 1914 аз забони ақсақол Қабул дар Рошоров навиштааст, ки онро муҳаққиқ С. А. Саркоров дар таҳқиқоти диссертатсионии худ овардааст ва мазмуни он чунин аст: *дуои биомӯрзӣ пидат нан: биомӯрзӣ пид, биомӯрзӣ нан, биомӯрзӣ... биомӯрзӣ ҷамъи арвоҳи калонону осудагон, биомӯрзӣ, биёмурзида бошад. Аз моён ёд ва аз шумоён қувват ва мадад. Аллоҳ Акбар*[2].

Дар водии Бартанги Рушон дар рузи якуми ҷашн соҳиби хона баъди хӯроки шом ба анбор рафта, аз он ҷо дар зарфи чубин орд меоварад. Баъд бо суханони Бисмиллоҳи раҳмони раҳим шогун баҳор муборак бод! Ба хона ворид шуда айнан шогуни баҳорро талафуз карда, қадре ордро дар назди панҷ сутуни хона мепошад. Баъди ин аз орди арзан ордоб тайёр менамоянд. Расми ёдоварии кардани аҷдодон *arvogon* низ иҷро мешавад[3].

Дар муқоиса бо Рушон дар Язғулом иди якуми мазкури тақвимӣ дар давоми тӯли як шабонарӯз гузаронида мешавад. Мазмуни ин ҷашн ё ид минатдорӣ, арзи сипос ба соли рафта истода, баҳри он ки давраи душвор паси

---

[1]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини ноҳияи Рушони деҳаи Шуҷанд Соҳибназаров Сардор. Соли таваллуд 1956. Санаи сабти сӯҳбат 24.08.2019.

[2]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 41.

[3] Боҷайёми Бартанги боло // Пайғоми Рушон. Марти соли 2019. № 4-5 (3770). - С. 6.

сар шуд, иборат мебошад. Мазмуни ин ҷашн дар байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон, аз ҷумла Рушон, Язғулом ва Шуғнон як хела мебошад, танҳо бо ном ва расму русуми худ аз ҳамдигар ҷузъан фарқ мекунанд.

Таҳлили қайдҳои манбаъҳои хаттӣ ва муҳаққиқони соҳа дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки парастиши офтоб дар миёни рушониҳо ба замонҳои хеле қадим дахл дошта, дар тақвими мардумӣ бо риштаи сурх мегузашт. Воридшавии офтобро ба бадани мард ба хотири он ҷашн мегирифтанд, ки чил рӯзаи зимистон ва таъсири қувваҳои бадӣ, бемориҳо ва ғаму андӯҳро паси сар кардаанд. Бо хурсандии пешвоз гирифтани иди «*Oftob dar mard*» рамзи оромию осоиштагӣ ва хушбахтонаи оянда ҳосили фаровон ва солу нав наздик омада истода буд.

Ҷашни дуюми тақвимии рушониён ***“Батаём”*** буда, тибқи ахбори муҳаққиқони тоинқилобии рус иди мазкур дар Рушон соли нав ҳисоб мешуд. Омодагӣ ва таҷлили соли нави рушониён якчанд давраи муайянро паси сар менамояд.

И.И.Зарубин қайд намудааст, ки аз рӯйи ҳисоби рушонӣ дар давраи даромадани офтоб ба *kordafson – рон, сон, миён* (22-23 феврал) соли нави анъанавии *Batayom - ро* қайд мекарданд[1]. Аммо мувофиқи гуфтаҳои сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон Рамхудоева Чайзан дар баъзе деҳот ин ид 18 то 21-уми феврал ҷашн гирифта мешавад[2].

Муҳаққиқ С. Мирзабидинова солҳои 70-уми асри гузашта оид ба таърихи ҷашни Батаём аз сокини 74 солаи деҳаи Хуфи ноҳияи Рушон Шоҳсайнова Чайзан маълумот ҷамъоварӣ намудааст, ки тибқи он ҳамин, ки офтоб тибқи ҳисоби «*Oftob dar mard*» ба зону расид, иди мазкур сар мешавад. Дар ҳамин моҳ рӯзи чоршанбе бошаду ҳисоби моҳ ҷуфт бошаду ид оғоз мегардад[3].

---

[1] Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 43.
[2] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон Рамхудоева Чайзан. Соли таваллуд 1937. Санаи сабти сӯҳбат 8.08.2019.
[3] Мирзабидинова С. Шеваи хуфии забони рушонӣ. - Душанбе, 1983. - С. 231.

Ҳамин тавр, дуюмин ҷашни тақвимӣ, ки ба самти ҷашни наврӯзӣ мерасонад, *Batayot* мебошад ва дар Рушони Поён онро дар баъзе деҳот *Navruzenc* низ меноманд. Оид ба он сокини 80 солаи деҳаи Баррӯшон А. Давронова маълумот дода, гуфтааст, ки асоси ин идро аслан бозиҳои бачагона, ки аз гармии ҳаво ҳаловат мебурданд, ташкил медоданд[1]. Масалан, *«kale-kale»*, «қалъа бар дасти мае», «аспдавонӣ», «арғунчакбозӣ», гӯштин болои ғарами пору ва болои боми хона, "*putbex̌t* - тӯпбозӣ" ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд[2].

*Batayot* аз қадимтарин ва бузургтарин ҷашнҳои мардуми Рушон ба шумор рафта, дар гузашта ба таври хоса ҷашн гирифта мешуд. Ибораи *Batayot* аз калимаи "*Bat*", як намуди хӯроки ордӣ гирифта шудааст. Роҷеъ ба таркиббандӣ ва пӯхтани бат мардумшинос М. С. Андреев дар асараш маълумот медиҳад[3].

Дар Рушон *Batayot* 3 - рӯз давом мекард: аз рӯзи чоршанбе то ҷумъа. Дар деҳаи Шуҷанд Батаёмро дар ҳафтаи дуюми моҳи феврали рӯзи чоршанбе ҷашн мегиранд[4]. Батаём аз маросими хонасафедон, баъди тановули субҳхона оғоз мешавад. Рӯзи якумро хонасафедкунӣ, рӯзи дуюм *bat diwd – пухтани бат*, рузи сеюмро салом - салом – ташрифории тарафайн номида мешавад. Дар водии Бартанг батаём, нисбат ба деҳаҳои поёнии Рушон, якчанд рӯз пештар 15-17 феврал фаро мерасид.

Маълумоти И. И.Зарубин доир ба ҷашнгирии Батаём дар миёни рушониҳо сарчашмаи ягонае ба шумор меравaнд, ки оид ба санаҳои дақиқи фарорасии ид дар асоси «ҳисоб аз рӯйи қисмҳои бадани одам» роҷеъ ба урфу одатҳо, расму маросимҳо ҷашнгирии он ахбор медиҳад[5].

---

[1] Давронова А. Таомули идонаи Баррӯшон // Пайғоми Рушон. № 4-5 (3770). Марти соли 2019. - С. 6.

[2] Наврӯзи Рушон ва вижагиҳои он // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 2.

[3] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Вып 2. - Сталинабод, 1958. - С. 383.

[4] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушони. Рамхудоева Чайзан. Соли таваллуд 1937. Санаи сабти сӯҳбат 26.08.2019 с.

[5] Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 46.

Тавре зикр кардем, дар Рушон Батаёмро се рӯз ҷашн мегиранд. Рӯзи аввал хонасафедон унвон дорад, рӯзи дуюм батпазӣ (пухтани таоми идона) ва рӯзи сеюм салом - салом (хабаргирии хешону ҳамсояҳо) номида мешавад[1].

Мувофиқи маъумоти ба даст омада, дар рӯзи якуми ид маросими *«сафедкунии хона»* шурӯъ мекунанд. Соати мувофиқро халифаи деҳа муқаррар мекунад. Ҳама чизу чораи хона ба берун баровarда мешавад. Бонувон бо ду ҷорӯб яке хурду дигаре бузург ба тозакунии хона шуруъ мекунанд. Ҷорӯби хурд (пиёдаҷорӯб) барои тозакунии деворҳо, синҷу сутунҳо ва ҷорӯби бузургтар (саворҷорӯб) барои тозакунии шифт, чорхона, вассаю болор истифода мешавад.

Сипас, ба сафедкунӣ ва наққошии деворҳо машғул мешаванд. Бо орди наврӯзӣ – *шогунай бум* дар ҳар як панҷ сутуни хонаи урфӣ бо нарангушт холҳо ва дар вассаҳо нақши салиби шикаста мекашанд. Дар деворҳо акси офтоб, маҳтоб, ситораҳо, салиби шикаста, дарахти арча, гулҳо, кабк, кафтар, нахчир, чӯпон ва рамаи гӯсфандро, ки ҳамаашон рамзи хайру баракат, саодат, ҳосили фаровон, афзоиши молу чорво, тандурустии аъзои оилаанд, наққошӣ мекунанд[2].

Имрӯзҳо барои наққошии наврӯзии хонаҳо аз коғазҳои ранга истифода мебаранд. Баъди анҷоми ин корҳо аъзои хонавода шустушӯ карда, либосҳои наву тоза мепӯшанд. Кадбону дар назди оташдон дудӣ андохта табақчаи орд дар даст аҳли хонаводаро ба саломи наврӯзии «Шогун баҳор муборак!» ва дар ҷавоб: Ба рӯйи шумо муборак як-як ба хона даъват мекунад[3]. Ба китфи ҳар кадом орд *x̌ogunay bum– шогунай орд* мепошад. Шахсони воридшуда, ки дар даст навдаҳои гулбуридашудаи бед доранд, онҳоро дар паҳлӯи *“buyvox̌ - гиёҳи хушбӯйкунанда”* мегузоранд ва баъди дарёфту зиёрат дар суфаҳо мешинанд. Одами аз ҳама бузургсол навдабедҳоро дар миёни болорҳои шифти хона

---

[1]Аламшоев Қ. Анъанаҳои ҷашни сада дар Помир //htth:// farhangnoma. tj /node/ 22 published by Jamshed on пн, 02/ 02/2021 -13:47 Санаи мурочиат 07.06.2022 с.

[2] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон Рамхудоева Чайзан. Соли таваллуд 1951. Санаи сабти сӯҳбат 27. 08. 2020.

[3] Наврӯзи Рӯшон ва вижагиҳои он // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 2.

мегузорад ва дар сарсуфа нишаста, дуои идона мехонд. Баъд ба тайёр кардани хӯрокҳои идона шурӯъ мешавад[1].

Аз ҳар кадоми хона хуҷаинон барои молидани девор ва сафед кардани хона барои хок баромада, бо худ нони қурбонӣ ва сабад мегирифтанд. Ин расм *sit cift* – «хокдуздӣ» номида мешуд. Дар ин ҳол онҳо худро аз чашми бад ҳазар мекарданд. Субҳи барвақт соҳиби хона ё мард бошад ё зан барои овардани хоки махсус – *šapal* мерафтанд. Аммо дар баъзе маҳаллаҳои Рушон бошад ин корро мард анҷом медиҳад. Дар ҳар як деҳа ҷойи махсусе аст, ки онро Шогунайҷой ном ниҳода буданд, чунончи дар деҳаи Вамар чунин макон Себчашма буд, дар деҳаи Шуҷанд Азон, дар деҳаи Дерзуд Оққиббавӯн, дар Барушон Пошқарб ва дар деҳаи Шидз якуним километр болотар аз мавзеи *Dax̌t* ҷойгир аст[2]. Яъне асосан хоки он маҳалеро истифода мебурданд, ки хоки махсуси сафед ба забони маҳаллӣ *žiray* (шапал) доштанд. Аммо дар водии Бартанг бошад хокро аз ҳавлиҳои якдигар медуздиданд. Ин маънои онро дорад, ки бояд дар вақти гирифтани хок ягон кас ӯро набинад[3].

Дар баробари ин онҳо нишонаҳои худро дар болои санг гузоштанд. Ва хокро гирифта, ба хона бар мегаштанд. Дар дашт, ки мардуми зиёд ҷамъ мешуданд, баъди хондани намоз халифа дуо мехонд. Баъди хӯрдани нони қубонӣ ҳама якдигарро бо суханони «шогун баҳор муборак бод» бигзор шогуни баҳори накупай бошад! Табрик карда дар ҷавоб чунин суханонро мегирифтанд: Ба рӯйи шумо муборак бод! Ба шумо ҳам накӯпай бошад! Нисфи пухтаро ҳозир ин байни худ тақсим мекарданд: ҳар кадом ҳиссаи худро мегирифт, ки баракати дуои хайр, баракатӣ номида мешуд, нисфи боқимондаро ба ҳамсояҳо тақсим мекарданд. Дар ин рӯз аз орди арзан, равғани растанӣ ва шир ордоб мепухтанд. Баъд аз хона тамоми чизу чораро бароварда, танҳо дегро бо об ки бо сарпуш маҳкам пӯшонида шуда буд мегузоштанд. Баъди субҳона мардон аз хона берун

---

[1] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини ноҳияи Рушони деҳаи Шуҷанд Соҳибназаров Сардор. Соли таваллуд 1956. Санаи сабти сӯҳбат 26.08.2019

[2] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Мавлоназаров Ғоибназар. Соли таваллуд 1936. Санаи сабти сӯҳбат 28.07.2017.

[3]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Нағзибекова Дурсултон. Соли таваллуд 1.01.1939. Санаи сабти сӯҳбат 29.07.2019.

мешуданд ва занон бошанд, сиёҳӣ - дудаи хонаро аз деворҳо ва шифти хона бо ду ҷоруб руфта, тоза мекарданд. Баъд дуди сиёҳии дег ва яке аз ҷорубҳоро дуртар аз хона дар ҳандак он чунон ва барои он мегуронданд, ки онро ҳеҷ кас набинад ва тасодуфан онро зери по кунад, зеро аз рӯи эътимоди рушониҳо дар онҳо ғаму ғуса, бемориҳо ва гуноҳҳои зиндагӣ ниҳонанд. Зане онҳоро партофта, ба қафо нигоҳ накарда, бо роҳи дигар ба хона бармегардад. Баъд расми русумро ба ҷо оварда, либосҳои нав ба бар карда, сару либосҳои кӯҳнаро он ҷо дар партовгоҳ мемонад. Сипас, ба хона аъзоёни оила ворид мешуданд. Деворҳои тозакардаро оро медоданд. Дар рузи ид гушт ва нонро омода карда, тамоми пайвандон ва ҳамсояҳоро даъват карда меҳмондорӣ мекарданд[1].

Аз рӯйи эътиқоди маҳалии мардум онҳо ба ҳосили фаровон афзоиши саршумори чорво дарозумрии азъоёни оила некуаҳволӣ ва хушбахтӣ дар хонадон мусоидат мекарданд. Баъди сафедкунии хона расми идонаи килоғуз-ғуз оғоз меёбад. Яъне дар замонҳои тоинқилобӣ дар Рушон каду, ки расид, дарунашро тоза карда, ба сифати зарф истифода мекарданд. Зарфи аз каду тайёршуда, ба сифати кӯза низ хизмат мекард.

*«Килоғуз-ғуз»* аз ду решаи забони рушонӣ гирифта шуда, «*kilo*» зарфи аз «*wiẋin*» – *каду* тайёркарда шуда ва *«ɣuz» – чормағз* мебошад. Расм ҳамин хел буд, ки аз болои бом суруди килоғуз-ғузро хонда, тавассути равзана килоро дар арғамчин баста ба хона мефароварданд. Соҳибхона бошад, дар он ягон чизро мемонд, одатан чормағзҳоро монанда, касоне, ки дар болои бом ҳастанд, килои пуршударо кашида, мегиранд. Ҳамин тавр, маросим, килоғуз-ғуз оғоз мешавад ва ин маросимро одатан шаб паси сар мекунанд. Одамон гурӯҳ – гурӯҳ ҷамъ шуда, ба болои бом мебароянд ва ду се рӯймолчаҳоро ба ҳам васл карда, бо сурудхонӣ онро аз равзана ба даруни хона овезон мекунанд. Матни сурудро, ки дар ин лаҳза мехонанд, муҳаққиқ С. А. Саркоров дар диссертатсияи худ аз

---

[1]Аз суҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанд ноҳияи Рушон, Соҳибназаров Сардор. Соли таваллуд 1956. Санаи сабти сӯҳбат 30.07.2019.

маводи бойгонии И. И. Зарубин пурра овардааст[1]. Соҳибхоназан ба даруни «*kilo*» ширинҳо ва мағзу мавизро мегузорад[2].

Рушониҳо дар рӯзи дуюми ид ботантана таомҳои идонаи расму русумӣ омода мекарданд[3]. Роҷеъ ба таомҳои тоинқилобии мардуми Рушон як қатор олимон ва ҳарбиёни империяи Россия қайдҳои худро боқӣ гузоштаанд. Аз ҷумла, барон Черкасов оид ба масъалаи мазкур дар яке аз ҳисоботшояш зикр менамояд, ки таоми тоҷикони Помир аз орд, шир, равған ва мевагиҳо иборат мебошад[4].

*Batayot* аз унвони ғизои маросими соли нав «*Bat*» гирифта шудааст. Батро, аз равған, шир ва орди навъи гандуми сурхаки ширинтаъм тайёр мекунанд. Агар ба ҷойи гандум сурхак навъи дигари гандумро истифода кунанд, он вақт барои ширин шудани таъми бат аз *pixt – тутпис* ё қанд истифода мебаранд.

Дар баробари ин пухтани бат, ки шаби дароз тӯл мекашад, одамон аз хамир ҳар гуна шаклҳои ҳайвоноти ҳалол, аз қабили нахчир, гӯсфанд, барзагов, уштур месозанд ва дар хокистаре, ки баъди пухтани *бат* мондааст, мегузоранд. Ин нонҳои шакли ҳайвониро «*nasrak*» мегӯянд. Шояд аз калимаи «*nazrak*» - назр пайдо шуда бошад. Вақте ин «ҳайвонҳо» пухта мешаванд, ба ишками онҳо аз ду тараф аз бати пухташуда молида, сипас ба он чормағз, донак ва дигар шириниҳо мечаспонанд. Сипас насракҳоро маъмулан дар омурзаи хона мемонанд ва то як моҳ, яъне то расидани Шогун – Наврӯз нигоҳ медоранд. Дар рӯзи Наврӯз насракҳоро ба болои бом мебароранд ва кӯдакон онҳоро хӯрда, шодмонӣ мекунанд. *Bat* ва *boj* аз донаҳои куфташудаи гандум хурданиҳои

---

[1]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 46.
[2] Наврӯзи Рушон ва вижагиҳои он // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 2.
[3]Таомҳои миллӣ // Пайғоми Рушон. № 4 – 5 (3770). Марти соли 2019. - С. 4.; Давлатов П. 100 ҳунари пухтупазӣ кадбонуи рушонӣ // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 5.
[4] Документ № 27. – Отчет о командировке в Памирские бекства Бухарского ханстве в 1904 // Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед.хр. 12. В. 227.

омода кардаи соли нави ба он дараҷа муҳим буданд, ки иди Соли нав ба шарафи таомҳо Батаём номида шудааст.

Дар Рушон дар соли нав баъди *бат* таоми дуюми маросимӣ *boj* – «ғизо аз донаҳои куфтаи ғалла»-ро омода мекарданд. *Bojayot* аз русуму таомули ҷудогона иборат буда, аз 1-уми феврал то 21 – март ҷараён мегирад[1]. Барои омода кардани ин ғизо аввал ду тоқӣ тахмин 6 кг гандум дастрас карда, баъд онро майда мекарданд. Барои пухтани ин таом танҳо аз *tojiki yawj – орди тоҷикӣ,* яъне орди ҷойдорӣ истифода менамоянд. Дегро дар оташи баланд монда, об рехта, ба зери он *xanavurδ – ғалтак* мегузоштанд, ки онро омехта мекарданд. Минбаъд ҳама аъзоёни оила се маротибагӣ бо дастонаш ғаллаи куфташударо ба дег мепошиданд. Бо он нахӯд, гӯшт ҳамроҳ карда, даҳанашро бо нова пушонд. Соҳиби хона ҳама биноро давр зада гашта, дуою фотиҳа хонда сабук бо ордоб дару деворҳои хонаро мемолад. Ба хона баргашта ӯ табрикоти муқаррариро талаффуз мекард. Бо ҳамин манъкунии расму русум баромад ва воридшавии ба хона ба охир мерасад[2].

Ин ҷашн дар баҳре аз деҳаҳои Бартанг бо ибораи «*Bojayot*» ҳанӯз дар ҳар ҷо ёд ва ба ҷо оварда мешавад. Ҷашнгирии одатан, дар нимаи дуюми даҳаи дуюми моҳи феврал сурат мегирад. Бояд гуфт, ки *бат* ҳам хӯроки хоси ҳамин аём – ид буда, таъм ва мазаи он шабеҳи сумалак аст. Лекин маводҳои асосии сумалак агар равған, шираи сабзаи наврӯстаи гандум, орд ва шакар бошад, маводи Бат танҳо яхоб ва орди гандуми навъи сурхак аст[3].

Дар Рушон аз ҳамин *ayot* тайёрӣ ба наврӯзӣ шурӯъ шуда, ба кишту кори баҳор ҷиддӣ тайёрӣ медиҳанд: ба поку тоза кардани тухмӣ, аз оғилҳо ба сари заминҳои кишт кашондани пору, таъмин аз нав сохтани юғу испор ва оҳани он, ба парвариши махсуси «хунук додани» барзаговҳои корӣ ва ғайра машғул мешуданд. Ҳатто ҳанӯз дар бархе аз деҳаҳои водии Бартанг ҳангоми пухтани Бат дар ҳар хонадон юғу испорча сохта, онҳоро дар рӯбарӯи дари даромад ё дар

---
[1] Боҷайёми Бартанги боло // Пайғоми Рушон. Марти соли 2019. № 4-5 (3770). - С. 7.
[2] Давлатов П. 100 ҳунари пухтупазӣ кадбонуи рушонӣ // Оинаи сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 5.
[3] Ҳамон ҷо. - С. 5.

қабати чорхона ва ё дар мобайни тирчӯби дуюмихонаи бобоӣ овехта мемонанд. Ин амал нишона ё рамзи огоҳӣ аст, ки кишту кор наздик меояд ва ба он бояд ҳар рӯз омодагӣ бинанд.

Дар иртиботи ин як нуқтаи дигар қобили тавзеҳ мебошад. Мусаллам аст, ки дар Рушон пеш аз он, ки ба пухтани боҷ ё бат шурӯъ кунанд, кадбону баъди поку тоза кардани хона ба асбобу анҷом он бо кӯмаки фарзандони болиғ бо бун – гарди орд рӯйи девору тирчӯбу сутунҳои хона ҳаргуна нақшу нигор, аз ҷумла расми офтоб, ситораҳо, дарахти арча ё чанор, нахчиру гӯсфанд насб мекунад. Ин амал як тараф, эътиқоду ихлоси қадимии одамонро нисбати ин ашёву унсурҳои коинот ва табиат фаҳмонад, аз ҷониби дигар, бо ин ҳамбастагии зичи инсон ва табиат таъкид мешавад.

Рӯзи сеюм, баъди баромадани офтоб маросими дидору муборакбодӣ – *«салом – салом»* оғоз меёбад. Занон дафнавозӣ ва духтарон рақсу сурудхонӣ[1], арғунчакбозӣ ва *jilboqbozi* мекунанд. Писарбачаҳо ба тухмҷанг, ҷавгонбозӣ, лашбозӣ, ҷавонмардон ба гуштингирӣ ва бузкашӣ машғул мешаванд. Барномаи вижаи фарҳангӣ дафсоз, рақсҳои сюжадор, намоишҳои театрикунонидашуда ва сайругашти оммавӣ барпо мегарданд. Хотиррасон менамоем, ки бузкашӣ айни замон дар байни тоҷикони помирӣ доир карда намешавад. Он танҳо дар байни сарикулиҳо боқӣ мондааст. Сарикулиҳо имрӯз ҳам дар ҷашни Наврӯз, Меҳргон, тӯй, маросими бори нахуст тарошидани сари кӯдак, хатнасур бозии бузкаширо ташкил мекунанд[2].

Одамон ба хабаргирӣ ва муборакбодӣ ва меҳмонии ҳамдигар рафта, туҳфаҳо ҷӯроб, тоқӣ, рӯймол, буз ё гӯсфанд тақдим мекунанд. Дар ин рӯз якдигарро афву гузашт карда, аҳди сулҳу дӯстӣ ва бародарӣ мебанданд.

---

[1]Оид ба сурудҳои занонаи Рушон ниг.: Кабилова Б. Женские песни в народной культуре Бадахшана. Бишкек: УЦА. Отдел культурного наследия и гуманитарных наук. Научный доклад № 11. 2020. - 24 с.

[2] Кабиров Х. Ш. Этнолингвитсическое исследвание бытовой лексики языка таджиков Китая (на материале этнической группы сарыкольцев). Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. - С. 192.

Расму одат аст, ки дар маҳалла ё деҳа нахуст шуда, аз аҳволи шахси ғамзада ва ниёзманд хабар мегиранд ва бо суханони хуш ва туҳфаҳо бори андӯҳ ва мушкилоти иҷтимоииро саркуб карданӣ мешаванд[1].

Дар деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон дар давраи пеш дар рӯзи сеюми ид занон ва духтарони деҳа бо доиразанӣ маросими «салом - салом» - ро оғоз мекарданд. Дар гузашта аввал ба хонаи халифа ва *х̌аеп - шоҳон* салом - салом мераванд. Ҳар кадоми онҳо бо худ ду нон мегирифтанд[2].

Дар баъзе маҳаллаҳои Бартанги Боло ҷашнгирии «Боҷаём» ва ё «Батаём», одатан дар нимаи дуюми моҳи феврал сурат мегирифт. Бояд гуфт, ки Бат ҳам хӯроки хоси ҳамин ид буд, таъм ва мазаи он шабеҳи суманак аст. Лекин маводҳои асосии суманак равған, шираи сабзаи наврӯстаи гандум, орд ва шакар бошад, маводи Бат танҳо яхоб ва орди гандуми навъи сурхак аст. Боҷайёми мардуми Бартанги боло аз русуму таомули ҷудогона иборат буд ва якчанд марҳиларо дар бар мегирад. Марҳиллаи аввал « *Čodzdig*», дуюм «*Parjuminjivd*», сеюм «*Parjumviriẋt*», чорум «*Qumočbaẋčig*», панҷум «*Rizq baẋčig*» мебошад. Боҷ аз омехтаи гӯшти гӯсфанд, гандум ва об тайёр мешавад. Аввал пораҳои калон-калон гӯштро ҳамроҳи гандум ба об ҳамроҳ карда, мепазанд. Баъди пухта шудани гушт онро аз дег мегиранд ва пухтани гандумро бошад, то субҳ идома медиҳанд. Ин оинро шахси кӯҳансоли хона иҷро мекунанд[3].

Сокини деҳаи Шуҷанд Баранчутов Одина[4] нақл мекунад, ки баъди таҳорат, дуо хонда, дегро болои оташдон ва чӯби ғалтакро рӯйи дег мегузорад. Аз табақи чубин як каф гандумро гирифта, бо зикри исми Бобои деҳқон дуо мехонад ва баъдан номи ҳар яке аз аъзои оилаашро ба забон гирифта, донаҳои гандумро болои чӯби ғалтак мерезад. Агар он зикри номи нафаре аз хонавода рӯйи ғалтакчӯб миқдори бештари донаҳои гандум боқӣ монад, ризқу рӯзии ҳамон шахс гӯё дар давоми сол зиёдтар мешуд. Ин хӯроки маросимӣ вобаста ба

---

[1] Наврӯзи Рӯшон ва вижагиҳои он // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 2.

[2] Аз суҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон. Рамхудоев Чайзан. Соли таваллуд 1951. Санаи сабти сӯҳбат 24. 08. 2019.

[3] Пайғоми Рушон. № 4 – 5 (3770). 6 марти соли 2019.

[4] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Баранчутов Одина. Соли таваллуд 1946. Санаи сабти сӯҳбат 18.08.2020.

гузашти айём, шароиту имконоти аҳолии ҳар сарзамин, вилоят, водӣ, ноҳия ва ҳатто мавзеъҳои ҷудогона бо шаклу тарз ва бо салоҳдиди мардуми он маҳаллаҳо дар ҳар маврид пухта мешад. Аз рӯйи эътиқод мардум ин русум гӯё киштзорҳоро аз харобиҳо ҳифз мекард ва орзуи ширинро ифода мекард. *Qитоč* , навъи ноне мебошад, ки он дар оташдон дар даруни лахча пухта мешавад[1].

Имрӯз ҷашни мазкур дар деҳоти болои водии Бартанг иҷро мешавад. Масалан, ҳангоми таҳқиқоти саҳроӣ муайян гардид, ки маросими *«bит δed»* рамзи серию пурӣ, ободӣ ва баракати хонаводаро ифода мекард. Инчунин дар он рӯз дар чорхонаи ҳар як хонадон *югу* испори хурдкаке тарошида овезон мекарданд, ки он маънои тайёрӣ ба кишту кори баҳорӣ дорад. Солҳои пеш яъне чандин даҳсолаҳо пеш мардум боҷро пухта ҳамаи гушти пухтагиро дар табақ андохта, дар якхона ҷамъ мешуданд. Бо мурури замон аҳолӣ, ки афзоиш меёфт дар як хона ҳамаи сокинони деҳ ҷамъ шудан номумкин шуд. Аз ин рӯ, дар рӯзи боҷ 5-6 хонавода дар як хона, ҳамин қадар бунаҳо боз дархонаи дигар ҷамъ мешуданд. Ҳамин тариқ, дар Бартанги боло маросими «Боҷаём»-ро чи хеле ки бобою аҷдодонашон аз қадим ба ҷо меоварданд то ба ҳамин рӯз побарҷо мебошад, ки аслан маънои тайёрӣ ба кишту кори баҳор дошт[2].

Маълумот доир ба соли нав дар Рушон нишон медиҳаанд, ки рушониҳо меросбари анъанаҳои тақвимии бойи идона ба ҳисоб мераванд. Маросимҳое, ки дар Соли нав иҷро карда мешуданд, решаҳои чуқурро доро мебошанд. Дар соли нав – *Batayoт* шодию хурсандӣ мекарданд, ки тибқи анъана он ба даст овардани ҳосили хуб мусоидат мекард. Анъанаи соли нави рушониён – *Batayoт* кам боқӣ мондаанд. Таомҳои идона ва маросимии иди мазкур низ ба ҷуз дар деҳоти баландкӯҳ омода карда намешаванд. Расму русумҳои идонаи *килоғуз-ғуз, салом-салом* низ аз байн рафтаанд. Бисёре аз маросимҳои соли нави рушониён имрӯз дар ҷашни Наврӯз иҷро мешаванд.

---

[1]Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.

[2] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Пасори водии Бартанги ноҳияи Рушон, Аълочии маорифи ҶШС Тоҷикистон Нуриддинов Бахталӣ, соли таваллуд 1945. Санаи сабти сӯҳбат 17.12.2022 с.

Ҷашни бузургтарин ва асосии тоҷикони рушонӣ **Наврӯз** мебошад. Наврӯз аз замонҳои басо қадим дар Кӯҳистони Бадахшон таҷлил мегардид. Дар ин бора Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд менамояд, ки қавмҳои ороиёии қадим, ки «як қисмате аз сарзамини эшон, ки минтақаи кӯҳистонии Бадахшону Ҳиндукушро дар бар мегирифт ва сарзамини ниҳоят сарде ба шумор мерафт, расидани фасли баҳор барои эшон дар ниҳояти интизорӣ ба анҷом мерасид, бад-ин хотир буд, ки ин ҷашн дар мунтаҳои шукӯҳу азамат таҷлил меёфт. Ва ҳам ин амал то ба имрӯз дар ин минтақа азизу муҳтарам аст[1]. Тибқи маълумоти Алломаи Димишқӣ Наврӯз аз айёме, ки чархи гардун ба гардиш омадааст, яъне аз он даврае, ки ҷамъияти инсонӣ пайдо шудааст, таҷлил карда мешавад[2].

Дар Рушон бошад, мисли дигар манотиқи Кӯҳистони Бадахшон ҷашнҳои анъанавии ориёӣ бо хусусиятҳои архаистии худ ҷашн гирифта шуда, онҳо (Офтоб дар мард, Батаём, Наврӯз ) ҳатто дар китобҳои мазҳабӣ, ба монанди «Каломи пир» низ зикр шудаанд[3].

Наврӯзро дар Рушон «*Ўamund*» меноманд. *Ўamund* мувофиқи нақли бархе аз куҳансолон маънии сабзаро дорад. Мувофиқи дигар маълумот маънии заминро дорад[4]. Умари Хайём низ дар «Наврӯзнома» дар ҳаққи Фарвардинмоҳ менависад, ки ин он моҳ аст, ки оғози рустани набот дар вай бошад...[5]

Наврӯзро ба шоҳ Ҷамшед тааллуқ дониста[6], мувофиқи маълумоти мутахассисон баъзе аз релефҳои Персеполис маросими ҷашнгирии онро тасвир намуда, ин оинро халифаҳои араб аз эрониён қабул намуда, дар давраи ҳукмрониашон онро бо як шукуҳи хос таҷлил мекарданд[7].

---

[1]Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар таҷлили дуюми ҷаҳонии ҷашни Наврӯз. 27.03.2011 // http://prezident.tj/node/384. Санаи муроҷиат 11.05.2022 с.
[2]Шарифзода А. Фарҳанг ҳастии миллат аст. - Душанбе: Эр-граф, 2021. - С. 130.
[3]Давлатбеков Н. Освещение исмаилизма в трудах русских дореволюционных исследователей. - Душанбе, 1995. - С. 32.
[4]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Баррушони ноҳияи Рушон, Мамадалӣ Бахтиёров соли таваллуд 1960. Санаи сабти сӯҳбат 20.07.2021 с.
[5]Умари Хайём. Наврӯзнома. - Душанбе: Адиб, 2012. - С. 27.
[6]Берунӣ А. Осор-ул-боқия. - Душанбе, 1990.- С. 233 – 234.
[7]Ниг.: Новруз // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона. В 82 томах (4 т. доп.). Том 21. - СПб., 1897. - С. 303 – 304.

Абурайҳони Берунӣ аз ҷумлаи аввалин донишмандони бузург буд, ки доир ба ҷашни Наврӯз маълумот ва маводи зиёди шифоҳӣ ҷамъ оварда, қисми онҳоро дар асараш «Осор - ул - боқия» дарҷ намудааст. Ин файласуфи асри миёна Наврӯзро «Пешвои сол» гуфтааст, ки маъниаш сол буда, ин ибора ё таъбир ақида ва тасаввуроти мардумро доир ба Наврӯз барҷаста ифода мекунад[1]. Тибқи тасаввури мардум, агар Навруз бо хушию хурсандӣ истиқболу ҷашн гирифта шавад, тамоми сол шодию нишот насиб мегардад. Ин буд, ки мардум вобаста ба ҷашнгирии Наврӯз ҳар гуна расму оину таомул ба вуҷуд оварда, тавассути онҳо нияти хайру орзуи ширинро ифода мекарданд.

## Ў̌амунд

Чуноне ки қайд кардем маросими наврӯзии Рушон «*Ў̌amund*» аст, ки тибқи тақвими ҳисоби мард, вақти ба нишонаи даруни «*zōrδ – дил*» қарор гирифтани офтоб (21 – 22 март) ҳамгуни наврӯзи бузург ва иди деҳқонон бо шукуҳи шаҳомат таҷлил мегардад. Перомуни этимологияи вожаи « *Ў̌amund* » хулосаю ақидаи муҳаққиқон гуногунанд, вале аксар бар онданд, ки «*Ў̌amund*» пайвастагии мантиқие бо замин ва кишту кор дорад. «*Ў̌amund*» дар ҳар як деҳаи ноҳияи Рӯшон ба таври хоса ҷашн гирифта мешавад ва Наврӯзи бузург аз замонҳои пеш дар деҳаи Баррушон ҷараён мегирифт. Дар ин рӯз аз тамоми ноҳияҳои вилоят ба тамошои наврӯзии Баррушон меоянд[2].

Дар гузашта мувофиқи маълумоти И.И.Зарубин рушониҳо иди мазкурро ду рӯз қайд мекарданд. Дар рӯзи якум маросими идонаи *ostonnix̌tayd* – баромадан ба *остонро* ба иҷро мерасонданд[3]. Мувофиқи тавсифи И.И.Зарубин дар рӯзи ид пагоҳӣ дар ҳар кадом хона ду ё се нони калон мепухтанд. Ду то барои маросими қурбоникунии барои остон ва якто нон барои заноне, ки дар зиёфат иштирок карда натавонистанд. Якчанд ҷавон аз ҳар кадом хона яктоги *rastay* орд ҷамъ мекарданд ва тамоми орди ҷамъ кардаро ба гов ё буз иваз

---

[1] Берунӣ А. Осор-ул-боқия. - Душанбе, 1990. - С. 233 – 234.

[2] Наврӯзи Рӯшон ва вижагиҳои он // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 2.

[3] Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 54.

мекарданд, то ки онро қурбонӣ кунанд. Баъди нисфирӯзӣ ҳамдеҳагон дар назди остон ҷамъ шуда, хӯроки умумӣ хӯрда, халифа дуо мехонд. Сари таъзим фуруд овардан ба заминро иҷро карда, дастонро ба замин расонда ва дастро ба лабон мерасонданд. Баъд халифа соати мувофиқро барои *tuүmziwest* фаҳмида, халқ ба хонаҳояшон бар мегаштанд. Дар рӯзи дуюм тақрибан наздикиҳои соати як, рушониҳо дар назди остон ҷамъ шуда, зиёфати умумӣ мероостанд[1].

Дар ин рӯз расми манъи баромадан ва даромадан ба хонаро эълон мекарданд. Хуҷаини ҳар кадом хона аз чуби ягон дарахти мевадиҳанда зоғнул тайёр мекард. Ду нони идонаи махсус мепӯхтанд, яке нони дароз *xojzevak* ва якчанд кулча барои кудакон. Дарро маҳкам карда, маросими манъи ворид ва баромадан аз хона эълон карда мешуд, ки он бегоҳӣ ба анҷом мерасид[2]. Дар ҳамин вақт маросими туғмзивестро низ иҷро мекарданд.

Дар субҳи дигар ду нони пухта ва як *xojzevak* мепухтанд. Ба хона барзаговро даровардa, ба хотири эҳтиром ҳангоми воридшавӣ ва беруншавӣ расми ордпоширо иҷро мекарданд ва барзаговро алаф медоданд. Дар соати таъиншуда мардум дар мавзеи муайян ҷамъ меомад то ки аз нони қурбонӣ чашида гиранд. Баъдан ҳама барзаговҳоро бо навбат ба юғ баста, дар саҳро як ё ду ҷуяк шудгор мекарданд. Нони маросимӣ дар шаклҳо *xojzevak – забони барзагов,* мазмуни архаистӣ доро буда, бо парастиши ҳосилхезӣ алоқамандӣ дошт.

Наврӯз, дар Рушон бо ҷузъитарин анвою аносири идонаи пешин ҳифозат шудааст. Тарзу шеваи иҷрои расму суннатҳои наврӯзӣ дар деҳоти ноҳия дар умум мушобеҳ бошанд ҳам, баъзе вижагиҳо доранд.

Он, аз даврони қадим дар деҳаи Баррӯшон ҷашн гирифта мешуд. Ба нақле аз сокини 80 солаи деҳаи Баррушон Ашрафмо Давронова барои кӯдакон дар ин давра махсус «*begak*» пухта мешуд. Дар ин бегакҳо як намуди хӯроки қадима –

---

[1]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С.54 – 56.

[2]Ҳамон ҷо. - С. 55.

«гулфинчун» мемонданд. Гулфинчунро аз чормағзу нони хушк тайёр мекарданд[1].

Дар ҷашни Наврӯз ва иҷрои маросими он вожаи шогун бисёр истеъмол карда мешавад, ки зарур шуморидем, оид ба масъалаи мазкур шарҳу баёни худро инъикос намоем. Аз шогунай бун (орди шогунӣ) кулчаҳои идонаи табаррукӣ (з*абони рушонӣ – шогунай кулча) – x̌ojzivak, x̌ipirizgak, begak* мепазанд, аз хамираш шаклҳои ҳайвонот *гӯсфандак, нахчирак, уштурак ва ғайра* месозанд. Рӯзҳои маросими *Наврӯзӣ, Oftob dar mard, Batayom, Tuɣmzivest, Boɣnix̌tayd ё Ostonnix̌tayd-ро x̌ogunay miϑen* – рӯзҳои хушию хурсандӣ ва мубораку ҳуҷаста ном мебаранд, ба хотире, ки дар ин рӯзҳо дорову нодор, пиру барно ва марду зан бо умеду ормонҳои зиёд табъу руҳи болидаи идона доранд.

Дар ҳар деҳаи Рушон аз замонҳои пеш то ба имрӯз хонаводае аст, ки шогунайавлод унвон гирифта, хушпою қадам, авлоди бахайр дониста мешавад[2]. Онҳо, ба қавле ин унвони муборак ва рисолатро аз «ҳафт пушташон» ба мерос гирифтаанд ва каси дигар, ё авлоди дигаре ба онҳо ҳаққи даъво надоранд. Шогунайавлод ба авлоди саид (пирони мазҳабӣ), *“x̌a”* – шоҳ, миру ҳоким иртиботе надорад[3]. Тамоми корҳоро онҳо оғоз мебахшиданд. Аз ҷумла М. С. Андреев ин гуна авлодҳоро «хушпоқадам» номида, дар деҳаи Баррушон Хатиб ном одам намояндаи охирони ин авлод будааст[4]. Масалан, дар деҳаи Дерзуд аввалин шуда, авлоди Мирзоҷон тухмро ба замин мепошиданд, баъди онҳо мардум ба шинондани зироат сар мекарданд[5].

Суннати *tuɣmzivest* - тухмибарорӣ, тозакунии боғ, чиндани тут, маъракаҳои дараву ҳосилғундориро нахустин шуда, ашхосе, ки онҳоро

---

[1] Давронова А.Таомули идонаи Баррӯшон // Пайғоми Рушон.- № 4-5 (3770).- Марти соли 2019.- С 6.

[2]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Баррушони ноҳияи Рушон, Мамадалӣ Бахтиёров соли таваллуд 1960. Санаи сабти сӯҳбат 2007.2021 с.

[3] Лутфишоҳ Қ. Шогун (Тафсири вожаи наврӯзӣ ва русуми мардумии он) // Оинаи Сафо. № 1 (02). марти соли 2018. - С. 3.

[4]Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму-Дарьи). Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - С. 39.

[5] Аз суҳбати диссертант бо сокини деҳаи Дерзуди ноҳияи Рушон Бозидов Муродмамад, санаи сабти сӯҳбат 15 августи соли 2021.

шогунайавлод (авлоди шогунӣ) меноманд, шуруъ мекарданд. Агар аз афроди шогунайавлод пешдастӣ карда, касе маросимҳои зикршударо оғоз кунад ба иллати ин «қонуншиканӣ» гӯё баракати боғу киштаҳо парида, ҳосили дилхоҳ ба даст намеояд[1].

Тухмибарорӣ дар соати саъди рӯзи чоршанбе бо андохтани дудӣ –*buywox̊* дар хона ё остон оғоз мешавад. Рӯзи чоршанбе бо номи Тир рӯзи саввум ҳафтаи эрониёни қадим ёд мешавад, ки онро фариштаи борон гуфтаанд. Мувофиқи боварҳои ориёиҳои меҳрпараст бо мадади ин фаришта замин аз боридани борон баҳраманд шуда, киштзору боғҳо сарсабзу хуррам мегарданд.

Дар ин рӯз нафаре аз шогунайавлод дар табақ ду қумоч (нони идонае, ки дар алови хокистар пухта мешавад) ва ду дона нони чанголмол (ноне, ки бо ангуштон рӯйи он нақшҳо гузоштаанд) ва якчанд дона гандум ва зоғнул ё испорни хурдакакро гирифта, ба сари замин мераванд. Заминро ба таври рамзӣ бо зоғнул андаке харошида, донаҳоро дар он мепошанд. Баъд рӯ ба қибла нишаста дуо мехонад: «Ё Бобои Деҳқон, як донаи моро ҳазор бикун, аз ҳазор ҳам бешумор, каҳ андаку дона фаровон шавад. Ризқу рӯзии ҳалол насиб шавад, омин».

Расму суннатҳои гузаштагони мо ҳар яке бо ҷузъиёти худ аз рукнҳои ҳуввияти миллӣ ва мафкураи таърихии озодагон буда, санади асолат ва тӯшаи ҳуввияту худшиносӣ дар муҳиту шароити дунёи имрӯз пурмоҷарою шигифтзой «ҷаҳонишавӣ» маҳсуб мешаванд[2].

Ҳангоми ба хона бо ходачӯбҳо дохил шудан мард бо овози баланд нидо мебарорад, «Шогун баҳор муборак бошад». Зан ҷавоб мугӯяд: «Бо рӯйи Шумо муборак бошад» ва он ходачӯбҳоро ордпошӣ мекунанд. Баъд аз дуо яке аз мардон ходачӯбро барои кор омода карда, нӯги ҷорӯббастаи онро ба арши хона мерасонад, зан ба ҷониби нӯги ҷоруб орд мепошад ва якдигарро муборакбод гуфта, дастаи мардон ба хонаи дигар барои давом додани ин амал мераванд.

[1] Лутфишоҳ Қ. Шогун. (Тафсири вожаи наврӯзӣ ва русуми мардумии он) // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 3.
[2] Лутфишоҳ Қ. Шогун. (Тафсири вожаи наврӯзӣ ва русуми мардумии он) // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 3.

Хонаҳоро низ бо орд сафед мекунанд, ки ин расмро *bитбеd* -ордпошӣ мегуянд, рӯзона тухмҷанг, ҷавгонбозӣ, арғунҷакбозӣ карда, сурудхонӣ мекарданд[1]. Ба ҷо овардани маросими *bит беd* низ маънӣ дошт. Он рамзи серию пурӣ, ободӣ ва баракати хонаводаро ифода мекард[2].

Орд – рамзи роҳи сафеди зиндагӣ дар соли нав буда, онро ҳар иди Наврӯз истифода мебаранд. Барои сафед кардани хонае, ки аз дуд сиёҳ гаштааст, орди боқило бештар мавриди истифода қарор гирад. Ин нави орд хеле нарм буда вобаста ба ин хосияти хуби часпакӣ дорад. Ордзанӣ ё ки шогункунӣ кори занон ҳисоб меёбад. Аз солҳои 70-уми асри XX сар карда, расми ордпошӣ ба рӯйи девор саросар барҳам хурда, ордзании панҷ сутуни хона боқӣ мондааст.

Дар саҳифаҳои рӯзи Наврӯз ба саҳро баровардани барзагови корӣ муҳимтарин анъанаи мардум ҳисоб меёбад. Барзаговҳои корӣ баъди анҷоми бозиҳо дар охири рӯз барпо мегардад. Мардони деҳа ба саҳро баромада, ҷамъ мешаванд. Ҳар хонавода таом пухта, ба саҳро мебарорад. Тухми гандум пошида, роғи аввалин кашида мешавад ва ҳама якдигарро ба фаророрасии кишту кори баҳорӣ муборакбод менамоянд.

Бегоҳии рӯзи Наврӯз боз як расми наврӯзӣ рӯйдод мегардад. Ин расмро «*Pečerumbandi*» меноманд. Печрумбандӣ аз якчанд амалиётҳои пайи ҳам иборат аст, ки мақсадаш вориди хона гардондани ҳосили соли нав ва даровардани ризқу рӯзии фаровон аз пойи қадами мубораки хоҷаи Хизр мебошад. Чун расму русуми наврӯзӣ дар худи деҳоти Рушон низ бо камтар фарқият иҷро мешавад, мехостем аз таҷлили он дар чанд деҳа намуна биёрем.

Аз қадимулайём наврӯзи асосии рушониён дар деҳаи Баррушон доир мегардид. Тибқи иттилои сарчашмаҳои мухталиф, бахусус китоби муқаддаси Авасто, ки онҳоро муаррих ва мардумшинос М. Бахтиёров таҳлил намудааст, менависад, ки шоҳ Ҷамшед ба тахти заррини худ, ки ба ифтихори рӯзи нав

---

[1]Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). Очерки быта по путевым заметкам графа А. А. Бобринского. - М., 1908. - С. 7.

[2]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Пасори водии Бартанги ноҳияи Рушон, Аълочии маорифи ҶШС Тоҷикистон Нуриддинов Бахталӣ, соли таваллуд 1945. Санаи сабти сӯҳбат 17.12.2022 с.

ороста буданд дар шаҳри Баруваршана (шояд Баррушон бошад) нишастааст ва аз ҳамон замон то ба имрӯз рӯзи навро ҳамчун иди оғози кишту кор ҷашн мегиранд[1].

Мувофиқ назари ин муҳаққиқ нишонаҳои ин ҷашн имрӯз низ бо чанд далел дар байни мардум зинда мондаанд. Далели нахуст: Дар деҳаи Баррӯшон ҳамасола аз даврони басо қадим ин ҷашни бузурги ниёгон ба таври мутантан ҷашн гирифта мешуд.

*Далели сонӣ:* Яке аз хосиятҳои Наврӯз он аст, ки мардум барои ин ид тамоми сол тайёрӣ медид. Яъне маводи хӯрока, орду гандум, шириниҳову мевагӣ захира мекарданду фақат дар иди Наврӯз онро пешкаши мардум мекарданд. Гӯсфанди махсуси куштаниро низ дар тули ду се солпарвариш карда, дар рӯзи ҷашн онро қурбон мекарданд.

*Далели саввум:* Наврӯз дар Баррушон тӯли як моҳ давом мекард. Мардум аз хонатаконӣ сар карда, оғози солро пешвоз мегиранд. Ҳангоми хонатаконӣ бонувон сурудхонӣ ҳам мекарданд ва ба ҳамдигар дар палостаконӣ ёрӣ мерасонданд. Духтарон ба мӯйашон ҷамолакҳои сурх бофта, ба чашм сурма мекашиданд. Байни ҷавонону наврасон дар тули моҳ мусобиқаҳо – бозиҳои гуногуне аз қабили *«pišmilavak», «қалъа бар дасти мане», «kale - kale», «lašbazay», «šarmutuqum», «putbex̌t»*, «*sitciftak*» ва ғайра доир мешуданд. Дар рӯзҳои чоршанбе, бегоҳиҳо, баъди ғуруби офтобу падиди моҳтоб, дар ҷойҳои махсус оташ афрӯхта, ҷавонон – духтарон аз болои оташ мепариданд. Оташро «бологардон» мегуфтанд ва қусуру дарди соли кӯҳнаробо ин усул аз худ дафъ мекарданд[2].

Бузургтарин маросими наврӯзӣ *Ostonnix̌tayd* ва *Y̌amund* ҳисоб меёфт. *Ostonnix̌tayd* ҷашнест, ки дар ин рӯз мардум ба саҳро мебароянд. Пири деҳа ба замин тухм мепошад ва дуои хайр мекунанд. Наврасону кӯдакон бозии тухмҷангро ташкил мекунанд.

---

[1]Бахтиёров М. Наврӯзи Баррушон // Оинаи Сафо. - № 1 (02). - Марти соли 2018. - С. 3.
[2]Бахтиёров М. Наврӯзи Баррушон // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 3.

Ҳар як оила ба остон ҷойи муқаддас мардум аз даврони ориёи бо ду нон, ки бонувон хонадон махсус барои ин ҷашн дар рӯзи ид мепазанд, сари табақи чӯбин монда, сардори хонадон табакро бо оилааш ба остон мебарад. Гӯсфанди махсус барои иди остоннихътайд монда дар назди остон сар зада машавад ва ошпазҳо ба тайёр намудани шӯрбо машғул мешаванд. Бонувону ҷавондухтарон ба арғунчакбозӣ, рақсу сурудхонӣ, наврасону ҷавнон ба ҷавгонбозиву тӯпбозӣ машғул мешаванд. Аҳли оилаҳо бо фарзандонашон сари як табақ нишаста хӯрок мехӯранд. Баъди тановули хӯрок халифаи деҳа дуо мехонд ва барои ҳамагон соли навро муборакбод мегӯянд.

Дар идгоҳ арғунчакбозиву тухмҷанг, гуштингирӣ, хурӯсҷангу, кабкҷанг, давидану камонравӣ барин бозиҳо ташкил мешаванд. Ҳофизону раққосон бо рақсу сурудхонӣ дили тамошобинонро хурсанд месозанд. Бозии камонравӣ лекин аз байн рафта он иҷро намешавад, амамо сарикулиҳо бошанд бозии охириро низ то ба имрӯз ҳифз нигоҳ доштаанд[1].

Дар деҳаи Равмед ҷамоати Бартанг ҷашни Наврӯз рӯзи 21 уми март таҷлил мегардад. Субҳ мардум ба 2 ё 3 гурӯҳ ҷудо мешаванд. Гурӯҳи асосӣ, ки теъдодашон зиёд ва иборат аз пиру ҷавон, зану мард ва кӯдакон иборат аст, аз саргаҳи деҳа бо шиорҳои наврӯзӣ, рақсу мусиқӣ суруди мардумии «Балогардон» - ро сароида, ба майдон ҷашнгоҳ равона мешаванд. Онҳоро занони дафнавоз дар болои бом ва гурӯҳи мардон дар майдон истиқбол мегиранд. Бахши дуюми барномаи наврӯзӣ аз рақсу суруд, *wulchak* – арғунчакбозӣ, ҷилбоқбозӣ ва лашбозӣ иборат аст. Бахусус, лашбозӣ, ки байни ҷавонони сурат мегирад, хеле шавқовар аст.

Соатҳои 4-и бегоҳӣ маросими наврӯз бо тановули ғизои идона дуои халифа анҷом меёбад. Қабл аз Наврӯз расми *Čituym* – тухмибарорӣ ҷараён мегирад. Соатҳои 5 – 6 -и бомдод марди ҷуфтрон, ки дар деҳаи муайян аст, барзаговҳоро барои ҷуфтронӣ омода месозад. Ба пешониашон *bum* - орд мепошад. Аз кулчаҳои табаррукӣ порае ба барзагоҳо мехӯронад, боқимондаро

---

[1]Ниг.: Кабиров Х. Ш. Этнолингвитсическое ислеодвание бытовой лексики языка таджиков Китая (на материале этнической группы сарыкольцев). Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. - С. 197.

ба мардуми ҳозиршуда тақсим мекунад. Вақте ки расми *raždеd* - ҷуфтронии намунавӣ – ро шуруъ мекунад, созмандон бо дафу рубоб ва ғижжаку сетор мухаммаси «Деҳқоннома» - ро месароянд[1].

Наврӯзи водии Бартанги деҳаи Нусур ин тавр сурат мегирад, ки як рӯз пеш аз иди Наврӯз маросими *Batpext* гузаронида мешавад. Аввал хушбӯйиро дуд дода, ба чор гушаи дег ордро (тунук) пошида баъд ба пухтани он сар мекунанд. Таоми дигари наврӯзии деҳқонон *x̊ašbartay* - *нахудбирён* ном дорад, ки онро аз *x̊aš* – як намуд нахуди маҳаллӣ, об ва равған омода мекунанд. Занон дар рӯзи Наврӯз бо дамидани субҳи босафо таомҳои хоси маҳаллӣ, *max̊oš* – оши бурида, умоч, *pův̊šxax̊pa*, тайёр намуда, бо намоишгоҳи Наврӯзӣ, ки *меҳмонбоғ* ном дорад, ҳозир мешаванд. Ба ҳамдигар «Шогун баҳор муборак» гуфта, табрик мекунанд. Духтарон, ба дафзанӣ, сурудхонӣ, арғунчакбозӣ, ҷилбоқбозӣ машғул мешаванд. Баробари ин дар базмгоҳ, пойгадавонӣ, гуштингирӣ ташкил карда мешавад[2].

***Идҳои динӣ.*** Ба шарофати ба даст овардани истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мусулмонони кишвар имконият ва шароити мусоид муҳайё гардид, ки аз арзишҳои фарҳангӣ, миллӣ ва динии худ ба таври васеъ баҳравар шуда, бо истифода аз ҳуқуқи озодиҳо маросимҳои диниро озодона анҷом диҳанд[3]. Имрӯз дар фазои Истиқлол идҳои мусулмонӣ – Рамазон ва Қурбон ҷашнҳои расмӣ ҳисоб шуда, рушониён низ дар баробари дигар

[1] Мамадазизов М. Наврӯзи Равмед // Оинаи Сафо. №1 (02). Марти соли 2018. - С. 3.
[2] Ҷумъаева Ф. Наврӯзи Нисур // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 3.; Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.
[3]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, аз 20.04.2011 с. http://www.president.tj/node/193. Санаи муроҷиат 15.05.2022 с.

мардумони кишвар онҳоро озодона ҷашн мегиранд[1]. Расман дар қонунгузорӣ идҳои динӣ – Рамазон ва Қурбон сабт шудаанд[2].

Дар натиҷаи таҳқиқоти саҳроӣ сокини деҳаи Пасор Бахталӣ Нуриддинов ба мо маълумот дод, ки дар Бартанги Боло Рамазон ва маросимҳои он ин тавр гузаронида мешавад, ки ҳангоми даромадани рӯзи аввали моҳи Рамазон қисса дар бораи моҳи Рамазон аз ҷониби Ҳофизи хушсадо, ягон овозхон и шинохтаи ин водӣ бо ҳамроҳии доирадасте аз аввали шаб хона ба хона гашта, он қиссаро месароянд. Дар давоми моҳ он ҳофиз ҳамроҳи доирадасташ дар давоми шаб хона ба хона қиссахонӣ мекунанд. Дар ҳар хонавода маросими қиссахонӣ баргузор гашта, анҷом меёфт, соҳиби хона онҳоро хело хӯш пазироӣ намуда, баъди анҷоми таомхӯрӣ назди он ҳофизи қиссахон як сатил гандум ва баъзеҳо, ки тавон доранд болои гандум боз чанд сӯми дигар мемонанд. Ҳамин тариқ, дар давоми ин моҳи муқаддас аз деҳаи Рошорв сар карда, то деҳаи Кудара дар ҳар хонадон рамазонхонӣ мекунанд[3].

Дар Рушон низ идҳои динии мусулмониро бо хусусияти хоси худашон ҷашн мегиранд. Дар давраи тоинқилобӣ иди Қурбонро дар Рушон се рӯз ҷашн мегирифтанд. Дар моҳи Қурбон зиёрати ҷойҳои муқаддас, дар оромгоҳи наздикон пилта гиронидан иҷро мешавад[4]. Инчунин ба назди остонҳо рафта, қурбонӣ мекарданд. Масалан А. Е. Снесарев зикр менамояд, ки қурбонӣ ва худоӣ танҳо дар арафаи идҳои Рамазон ва Қурбон доир карда мешаванд[5].

---

[1]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо. - Душанбе, 2007. - С. 9.

[2]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рӯзҳои ид. 2 августи соли 2011. № 753.; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 8 июни соли 2007. № 272.

[3]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Пасори водии Бартанги ноҳияи Рушон, Аълочии маорифи ҶШС Тоҷикистон Нуриддинов Бахталӣ, соли таваллуд 1945. Санаи сабти сӯҳбат 17.12.2022 с.

[4]Давлатбеков Н. Освещение исмаилизма в трудах русских дореволюционных исследователей. - Душанбе, 1995. - С. 33.

[5]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. Л. 83.

Идгардак байни ҳамсояҳо ва фиристодани хӯрокҳои идона ба хонаи ҳамсоягон барпо мегардид. Чӯбчаҳои хушкро дастори равғанолуд печонида, дар ҳамаи биноҳо, дарахтони мева шоми иди Қурбон даргиронда мешавад. Он шом саросари деҳа чароғон мешавад. Занони пилтасоз ҳангоми печонидани дасторҳои маҳин буридаи равғанолуд ба номи аҳли оила ва рафтагон яктогии онро мебахшанд. Ҳамаи онро ба ҳам печида, болои чароғдоне, ки руи лангар гузоштаанд, дар мегиронанд ва аъзоёни оила ду дастро ба шуъла наздик оварда, ба рӯй мекашанд.

Иди Рамазон баъди анҷоми рӯза дар Рушон дар қатори дигар мусулмонон ҷашн гирифта мешавад. Дар ин рӯз ҳамдеҳагон ба идгардак, пилтагиронӣ, зиёрати оромгоҳи гузаштагон, мазорҳо ва ёрӣ ба муҳтоҷон ва ғайра машғул мегарданд[1].

Рамазон низ дар Рушон се рӯз ҷашн гирифта мешуд[2]. Тибқи анъанаи дерин 26-27-уми моҳи Рамазон дар Рушон *Šabi qadr* ва пешакӣ муқаррар карда мешуд. Дар ин шаб қуръонхонӣ доир шуда, онро бо намозгузорӣ мегузаронданд. Аз рӯйи маълумоти И. И. Зарубин рушониён дар рӯзи 30-юми моҳи Рамазон аз шохи дарахти арча латапеч карда ду чароғ *cirůw* тайёр карда, онҳоро дар қабристон дар мегиронданд. Инчунин, *xamlapa* «чалпак» пухта, онҳоро ба муқаддасгоҳ – остон меоварданд ва дар назди хона ҳам ба мардум тақсим мекарданд[3].

Ин расмро А. З. Розенфелд мушоҳида карда, менависад, ки ба муносибати иди Қурбон ё дигар ид, мардуми Кӯҳистони Бадахшон дар сари қабрҳои

---

[1]Цветков П. П. Исламизм. Ислам и его секты. Т. 4. - Асхабад, 1901. - С. 266 – 267.; Семёнов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама. Т. 1. № 4. - СПб., 1912. - С. 553.

[2]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. Л. 83.

[3]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. – СПб., 2006. - С. 61.

наздикон чароғ дар мегиронданд[1]. Суруду мусиқӣ низ дар иди Рамазон мақоми хосса дорад. Дар ин рӯз низ навозандагону сарояндагон бо суруди «Ал-Муборак», хондани шеъри Фаридуддини Аттор хона ба хона гашта, мақому манзалати Рамазонро васф менамоянд[2].

Роҷеъ ба тайёр кардани ҷароғ дар Рушон М. С. Андреев маълумот медиҳад. Ӯ қайд менамояд, ки рушониён ду намуди чароғро истифода мебаранд. Якум, ин чароғе мебошад, ки дар чароғдон чарбуро монда, латапеч мекарда (пилта гузошта) дар мегиронданд. Намуди дуюмаш бошад, аз танаи растаниҳо, хусусан растании *pilpilak* , ки маҳсулоти аз он ба даст овардаро *cirůvij* меноманд, тайёр менамоянд[3]. И. И. Зарубин инчунин менависад, ки дар Рошоров аз маъсар низ чароғро тайёр мекарданд[4]. Дар қабристонҳо ҳангоми идҳои динӣ даргирондани чароғ маҳз аз ҳамин ҷароғҳои намуди дуюм истифода мекарданд. Дар замони муосир фақат аз лата (пахтагӣ) чароғро тайёр менамоянд, ки он ҳам бошад, ҳангоми иҷро намудани маросими ҷароғравшан тайёр ва истифода мегардад.

Дар Рушон дар тӯли моҳи Рамазон шабона гурӯҳ-гурӯҳ шуда, мадҳиясароӣ ва бозиҳои идона ташкил мекарданд. Бегоҳии рӯзи сеюми Рамазон *fatir* (*«нони бе хатармо(хатirmo)*[5] *– бехамиртуруш»)* бо шир ва равған мепухтанд. Аз бист то чил шамъ тайёр мекарданд. Баъдан пас аз ғуруби офтоб шамъҳоро дар ҷойҳои гуногуни хона, дутояшро дар муқаддасгоҳ ва сетояшро дар қабристон дар мегиронданд[6].

---

[1]Розенфельд А. З. Материалы по языку и этнографии припамирских таджиков. Лексика бадахшанских говоров таджикского языка // Страны и народы Востока. Выпуск XVI. Памир. - М., 1975. - С. 214.
[2]Маҳмадамонов Х. Созҳои мусиқии Бадахшон. - Душанбе, 2013. - С. 10.
[3]Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амудары). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 213 – 214.
[4] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника Музея антропологии и этнографии при Российской Академии наук. Пг., 1917. - С. 123.
[5] *xatarmo(xatirmo)* – вожаи рушонӣ буда, ба форсии тоҷикӣ маънои модари хамирро дорад.
[6]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Ширинхонов Амонулло. Соли таваллуд 1947. Санаи сабти сӯҳбат 20.08.2022

А. Серебренников масъалаи мазкурро омӯхта, қайд менамояд, ки иди Рамазон ва иди Қурбонро рушониён ва шуғнониҳо бо баргузории намози ҷамъоат оғоз менамоянд[1]. Муҳаққиқи рус, исломшинос А. А. Семёнов тарзи таҷлили Иди Рамазонро дар байни рушониён ва шуғнониён чунин ба қалам додааст, ки дар рӯзи аввали ид намози ҷамоат доир карда шуда, даргирондани чароғ дар қабристонҳо, дар се рӯзи ид шодию хурсандӣ, аз қабили аспдавонӣ, бузкашӣ, тухмҷанг, ташриф овардан ба хонаҳои ҳамдигарӣ сурат мегирад[2].

Иди Қурбон низ се рӯз давом мекард. Дар иди Қурбон гӯсфандеро, ки махсус барои ин тарҳрезӣ шудааст, қурбонӣ кардан лозим аст. Дар Рушон одате аст, ки агар барача дар иди Қурбон таваллуд шавад, онро қурбонӣ гуфта, ҳатман дар идҳои ояндаи қурбон забҳ карда мешавад. Чун одати дерина ин барра агар дар дилхоҳ ҷой чарад, ҳатто дар ҳавлии ягон кас ҳам бошад, ягон кас ҳуқуқ надорад, ки роҳи онро гирад. Аз боовариҳои мардум ин барраро қувваҳои фавқултабии ҳифз карда, он аз ҳайвонҳои даранда низ ҳифз мебошад[3]. Одатан ин барраро се сол парвариш намуда, дар иди Қурбон забҳ мекунанд ва гӯшташро ба мардуми деҳа тақсим менамоянд. Чун анъана гусфандро аввал бо об мешӯянд ва дар болои боми хона забҳ менамоянд[4].

Дар робита ба иди Рамазон пажуҳишгарон гузориш медиҳанд, ки таҷлили Рамазон дар байни сокинони Помири Ғарбӣ се рӯз давом мекард[5]. Дар рӯзи аввали ид намози ҷамоат барпо мешуд, ҳар гуна бозиҳо ташкил карда мешуданд, одамон ба аёдати якдигар мерафтанд, хӯрок мухӯрданд. Дар шаби охирини моҳи Рамазон *xamlapa* (чалпак) омода мешуд ва пас аз намози шом

---

[1]Серебренников А. Очерк Памира. - СПб., 1900. - С. 81.
[2]Семёнов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама. Т. 1. № 4. - СПб., 1912. - С. 553.
[3]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Хуфи ноҳияи Рушон, Аълочиимаорифи ҶШС Тоҷикистон Одинаев Мавлодод, собиқ омӯзгор, ҳозир нафақахӯр, соли таваллуд 01.09.1947. Санаи сабти сӯҳбат 14.11.2019 с.
[4]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Пасори водии Бартанги ноҳияи Рушон, Аълочии маорифи ҶШС Тоҷикистон Нуриддинов Бахталӣ, соли таваллуд 1945. Санаи сабти сӯҳбат 17.12.2022 с.
[5] Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. Л. 83.

мардони калон мадҳия мехонанд. Мардум ба қабристонҳо рафта ва дар он ҷо шамъ афрӯхтанд.

А. А. Семёнов хабар медиҳад, ки вобаста ба шароит хонавода гӯсфанд, гов ва шутурро қурбонӣ мекарданд. Масалан, одамони аз ҳама доро буда шутур ва говро қурбонӣ мекарданд. Аз ҳама қурбонии калон ва қимат касе, ки шутурро қурбонӣ менамояд, ба шумор рафтааст. Соҳиби шутур, ки қурбонӣ намудааст, танҳо ҷигари онро мехӯрад, боқимонда гушти онро одамоне, ки дар маросими қурбонӣ иштирок менамоянд, мехӯранд. Дар рӯзи якуми қурбонӣ дар ҳама ҷо чароғҳоро дар мегиронанд: дар хонаҳо, боғот ва майдонҳо. Дар рӯзи дуюм ва сеюм сайругашт ва тамошо доир карда мешавад[1].

Мардумшинос ва забоншиноси русу шуравӣ И. И. Зарубин соли 1914 ба Рушон сафар намуда, дар маросим иштирок намудааст ва тарзи гузарондани маросими худоиро тибқи мушоҳидаи худ дар асараш овардааст, ки ҷолиби диққат мебошад. Аз таҳлили матни асари ӯ маълум мегардад, ки бисёр хусусиятҳои хоси гузарондани худоӣ дар байни рушониён имрӯз аз миён рафтанд[2].

Иди дигаре, ки рушониён қайд мекарданд, ки имрӯз он аз байн рафтааст, он «*čoršanbe sur – иди чоршанбе*» номида мешуд[3]. Мувофиқи одат рушониён дар ин ҷашн расму маросимҳо ва амалҳои зеринро ба иҷро мерасонданд: либосҳои сурх ба бар карда, зиёфат меоростанд ва гарданро бо риштаи сурх мебастанд. Минбаъд расми покшавӣ – *alowparak* – паридан аз болои аловро иҷро мекарданд (бо рушонӣ – *az yйc tor zibedow), мардум* дар ҳавлиҳои худ гулхан афрухта, се бор аз болои он мепариданд. Дар иҷрои маросими тозашавӣ – ҷаҳидан аз болои оташ ҳама (ҳатто кудакони синамак, онҳоро аз болои оташ

---

[1]Семёнов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама. Т. 1. № 4. - СПб., 1912. - С. 552 – 553.

[2] Зарубин И.И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника Музея антрорологии и этнографии при Россиской Академии наук. - Пг.,1917. - С. 140-141.

[3]Давлатбеков Н. Освещение исмаилизма на Памире в трудах русских дореволюционных исследователей. - Душанбе, 1995. - С. 36.

мегузаронданд) иштирок мекарданд[1]. Ва калонсолон нағмасарой мекарданд: Пайғомбари Худо салавот бар Муҳаммад гуфта, ба оташ ягон латапораи либоси худ ё риштаи сурхро партофта, ба садои худ бало дур равад гуфта, идома медоданд. Мувофиқи эътиқодҳои халқӣ риштаи сурх бурдборӣ оварда, рамзи наку ҳисоб мешавад[2]. Моҳияти фалсафии ҷашни мазкур пок намудани инсон аз гуноҳ ва дур кардани ҳамаи балоҳҳо мебошад.

Абубакри Наршахӣ низ дар асари худ оид ба одати қадимае дар Бухоро даргирондани алови калон нақл менамояд, ки онро *«Шаби сурӣ»* меномад[3]. Абусаид Гардезӣ роҷеъ ба ҷашни *«Сайри сур»-и* аҷдодӣ хабар медиҳад[4]. А. Негматӣ низ дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки бухороиҳо дар баҳорон як рӯзро бо номи «чоршанбеи суннӣ» ҷашн мегиранд, аҳолии Самарқанд ва атрофи он бошад ин ҷашнро бо номҳои ҳархела – *“čoršanbe sur”*, *“Оташафрӯз”*, *“Чоршанбеи Охирон”*, *“Аловпарак”* бо дабдаба ҷашн мегирифтанд[5]. Мувофиқи як ақида сурӣ ба маънои оташ буда, чоршанберо баъдтар дар аҳди ислом ба он афзуданд[6].

Моҳияти иди қадимаи ориёии *čoršanbe sur* ва расму таамулҳои ба онҳо алоқаманд аз он иборат будааст, ки инсон аз гуноҳҳо пок ва пешгирӣ кардани бадбахтиҳо иборат буд. Он ба ид эътиқодҳои қадимаи рушониён алоқамандӣ дорад, он баъди қабули ислом ҳам боқӣ монд. Аммо дар замони мо ин идро дигар ҷашн намегиранд.

Хулоса, дар баррасии параграфи мазкур ба хулосае омадем, ки дар Рушон ҷашнҳои анъанавӣ ва динӣ, аз қабили “Офтоб дар мард”, “Батаём”, “Наврӯз”,

---

[1] Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 64 – 65.

[2]Давлатбеков Н. Доисламские верования населения Западного Памира (по материалам русских исследователей). - Душанбе, 1995. - С. 49.; Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 64 – 65.

[3]Наршахӣ А. Таърихи Бухоро. - Душанбе, 1979. - С. 26.

[4]Гардезӣ А. А. Зайну-л-ахбор. - Душанбе: Бухоро, 2014. - С. 278.

[5]Негматӣ А. Земледельческие календарные праздники древних таджиков и их предков. - Душанбе, 1989. - С. 75.

[6]Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи ҷашнҳои миллӣ ва ҷаҳонишавии Наврӯз. - Душанбе, 2022. - С. 22.

“Рамазон” ва “Қурбон”-ро бо хусусияти хоси маҳаллӣ ҷашн мегирифтанд. Асоси таҳқиқот онро нишон дод, ки дар Рушони тоинқилобӣ соли навро на Наврӯз, балки Батаём ҳисоб мекарданд. Фарҳанги ҷашнгирии идҳои мардумӣ чунон бой мебошанд, ки ҳатто он дар байни худи деҳоти Рушон низ бо тафовутҳои ҷузъӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Имрӯз бошад, Офтоб дар мард ва Батаём дар сатҳи зарурӣ таҷлил намешаванд ва онҳо танҳо дар деҳоти дурдаст бо маросимҳои қисман бо онҳо монда ҷашн гирифта мешаванд. Дар деҳаҳои поёнӣ бошад аз онҳо танҳо ёдрас шуда, дар матбуоти даврии ноҳия ахбор пахш мешавад. Аксарияти маросимҳое, ки дар ҷашнҳои Офтоб дар мард ва Батаём иҷро мешуданд, онҳоро имрӯз дар ҷашни Наврӯз иҷро менамоянд. Иди «Офтоб дар мард» - ҷашни Сада яке аз ҷашнҳои қадимаи мардуми мо буда, бо шарофати ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳон аз нав эҳё гардида, имрӯз дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон таҷлил мегардад. Иди қадимаи ориёии *coršanbe sur* ва расму таамулҳои ба онҳо алоқамандро имрӯз ҷашн намегиранд.

Рушониён низ мисли дигар тоҷикон идҳои динии мусулмониро ҷашн гирифта, хусусиятҳои махсуси мардумиро низ дар ҷашнгирии онҳо ворид намудаанд. Имрӯз бошад, иди Қурбон ва Рамазон аз рӯйи анъана доир гардида, дар оростани дастархон бошад меъёрҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя мегардад[1].

[1]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. - Душанбе, 2017. - С. 8.

# БОБИ II. ҶАШНУ МАРОСИМҲО ВОБАСТА БА ХОҶАГИДОРӢ

## 2.1. Ҷашну маросимҳои кишоварзӣ

Тоҷикони Рушон вобаста ба шароити иқлими маҳал ғаладонагиҳо, тарбуз, харбуз, лаблабу карам, шалғам, сабзӣ, каду, бодиринг, помидор, қаламфур, гашниз, занҷабил, томоку ва ғайраҳоро мекоранд. А. Черкасов дар гузориши худ қайд менамояд, ки дар гузаштаҳои дур дар Рушон гӯё шоликориро ҳам мекарданд[1].

Мардумшинос М. А. Андреев дар мисоли бошандагони деҳаи Хуф рушониҳоро кишоварзони асил меномад[2]. Академик Н. И. Вавилов, қариб, ки дар ҳамаи гӯшаву канори дунё таҳқиқоти ботаникӣ гузаронда буд, растаниҳои киштбоби минтақаро омӯхта, ба хулосае омадааст, ки баъзе навъҳои гандуме, ки дар ин ҷо парвариш менамоянд, дар дигар гушаву канори олам нестанд[3]. Рушониҳо ҳам ба кишти тирамоҳӣ ва ҳам баҳорӣ машғул мебошанд. Як расми кишоварзони рушонӣ ин аст, ки агар дар як замин агар имсол гандум коранд, соли дигар он ҷо дигар зироат мекоранд, зеро тибқи анъанаи аграрии онҳо такроран кишт кардани як зироат дар як замин ба камҳосилии он замин меоард[4].

Оид ба анъанаи кишоварзии рушониён ва растаниҳои киштбобе, ки парвариш мекарданд, аз аввалинҳо шуда, дар охири асри XIX растанишиноси Боғи ботаникии Петербург, профессор Сергей Иванович Коржинский асари алоҳидаро навишт. Аз рӯи мушоҳидаи ӯ тоҷикони Рушон 2 – 4 маротиба заминро шудгор менамоянд[5]. И. И. Зарубин бошад, менависад, ки мардуми

---

[1]Документ № 30. – Отчет коллежского ассесора барона Черкасова о командировке в Памирские бекства Бухарского ханства в 1905 – 1906 гг. Декабря – 1906 г.// Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед.хр. 12. Л. 283.
[2]Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амудары). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 21.
[3]Вавилов Н. И. Культурная флора Таджикистана в ее прошлом и будущем // Проблемы Таджикистана. Труды первой конференции по изучению производительных сил Таджикской ССР. Т. II. Л., 1934. - С. 14.
[4]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Хуфи ноҳияи Рушон Одинаев Мавлодод, соли таваллуд 01.09.1947. Санаи сабти сӯҳбат 28.05.2019.
[5]Коржинский С. Очерк Рошана и Шугнана с сельскохозяйственной точки зрения. - СПб., 1898. - 26 с.

Рушон 2 – 3 маротиба заминро шудгор менамоянд[1]. Имрӯз бошад, дар ҳамвориҳо ду бор ва дар талу тепа як бор заминро шудгор менамоянд. Мувофиқи маълумоти бойгонӣ соли 1905 дар Помири Ғарбӣ 130 000 пуд ғалладонагиҳо истеҳсол карда шудааст[2]. Тибқи дигар ҳуҷҷати бойгонӣ дар соли 1906 замини кишт васеъ карда мешуд ва ба нақша гирифта шудааст, ки ҳосили ғаладонагиҳо то 280 000 пуд расонида мешудааст[3].

Пеш аз оғоз намудани шудгор дар моҳи феврал ҳоло барф об нашуда, ба замин поруро кашида, болои барф тунук карда мерезанд. Баъд, ки вақти шудгор расид, заминро нарм карда, пору дар хок ҳал шуда, ба растанӣ нерӯ медиҳад. Дар замони муосир баробари нуриҳои органикӣ аз нуриҳои минералӣ васеъ истифода шуда, дар моҳи декабр низ ба замин нуриҳои минералиро мепошанд. Дар баъзе ҷойҳо хокистарро низ ба замин мерезанд, зеро он хокро нарм менамояд.

Яке аз ҷашнҳои муҳими кишоварзони рушонӣ *tuүmzivest –Тухмибарорӣ* мебошад. Ҳаёти кишоварзии рушониҳоро бе иҷрои маросимҳои *tuүmzivest* ва *ostonnix̌tayd* тасаввур намудан амри маҳол аст. Дар ҳар як деҳаи Рушон аз замонҳои пеш то ба имрӯз хонаводае аст, ки шогунайавлод унвон гирифта, хушпоқадам диниста мешавад. Онҳо, ба қавле, ин унвони муборак ва рисолатро аз «ҳафт пушташон» ба мерос гирифтаанд ва каси дигар, ё авлоди дигаре ба онҳо ҳаққи даъво надорад. *X̌ogunayavlod* ба авлоди саид ва шоҳ (пирони мазҳабӣ), мир ва ҳоким иртиботе надорад[4].

---

[1] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника Музея антропологии и этнографии при Российской Академии наук. - Пг., 1917. - С. 106.

[2]Документ № 28. – Журнал совещания по вопросу о присоединении к России земель входящие в состав Шугнанского бекства // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед.хр. 12. Л. 255.

[3]Документ № 30. – Отчет коллежского ассесора барона Черкасова о командировке на Памирские бекства Бухарского ханства в 1905 – 1906 гг. Декабря 1906 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед.хр. 12. Л. 288.

[4] Лутфишоҳ Қиматшоев. Шогун (Тафсири вожаи наврузӣ ва русуми марбути он) // Оинаи Сафо. № 1. (02). Марти соли 2018. - С.3.

Бо ҳамин, туғмзивест (тухмибарорӣ), ки яке аз маросимҳои наврӯзии кишоварзон мебошад, онро фақат шахсони шогунайавлод дар рӯзи чоршанбе бо андохтани дудӣ дар хона ё остон оғоз менамоянд. Суннати тухмибарорӣ, тозакунии боғ, чиндани тут, маъракаҳои дараву ҳосилғундориро нахустин шуда, ашхосе, ки онҳоро шогунайавлод меноманд, шуруъ мекарданд[1]. Нафаре аз шогунайавлод шахси калонсол дар табақ ду нон нони идонае, ки дар алови хокистар пухта мешавад ва ду дона нони чанголмоли ноне, ки бо ангуштон рӯйи он нақшҳо гузоштанд, *ẋojzivak* кулчае, ки аз рӯйи шакл ба забони барзагов мондааст, як чанд дона гандум ва зоғнул ё испорни хурдакакро гирифта, ба сари замин мераванд. Заминро бо зоғнул андаке харошида, донаҳоро дар он мепошанд. Баъд рӯ ба қибла нишаста дуо мехонанд: «Ё Бобои Деҳқон, як донаи моро ҳазор бикун, аз ҳазор ҳам бешумор, каҳ андаку дона фаровон шавад. Ризқу рӯзии ҳалол насиб шавад». Омин[2].

Пеш аз кишту кор маросими дуо хонда, ба ҳомии зироатчигӣ «Бобои деҳқон» чунин мурочиат менамоянд аз як дона ҳазор аз ҳазор бешумор, то ки каҳу пахол ва донагии зиёд шавад, то ки хурданибоб бошанд, бо хаққи ҳалол ба даст оварда шаванд. Омин[3]. Матни дуои оғози кишту кор бо ёди номи Худо сар шуда, бо омингӯйӣ ҷамъбаст мегардад[4]. Дар байни сарикулиҳо низ ин ҷашн бо номи *tuүmzivestayd* – Иди тухмбарорӣ маъмул буда, он қайд карда мешавад. Дар онҳо маросими обпошӣ низ дар ин рӯз боқӣ мондааст[5]. Маросими обпошӣ аз таълимоти Авасто маншаъ гирифта, роҷеъ ба он Абурайҳон Берунӣ низ маълумот медиҳад, мақсади бо об ғусл кардан, то гуноҳҳо пок шаванд[6].

---

[1]Ҳамон ҷо. - С. 3.

[2]Наврӯзи Рӯшон ва вижагиҳои он // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 2.

[3]Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 62.

[4]Ниг.: Неккадамов Х. Наврӯзи Хуф // Пайғоми Рушон. № 4 – 5 (3770). Марти соли 2019. - С. 6.

[5]Ниг.: Кабиров Х. Ш. Этнолингвитсическое исслеодвание бытовой лексики языка таджиков Китая (на материале этнической группы сарыкольцев). Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. -С. 164 – 166.

[6] Берунӣ А. Осор-ул-боқия. - Душанбе, 1990. - С. 236.

***Boɣnix̌tayd - Ostonnix̌tayd*** низ як ҷашни дигар мебошад, ки аз фарорасии кишту корӣ баҳорӣ мужда мерасонд. *Boɣnix̌tayd - Ostonnix̌tayd* дар ҳар як маҳаллаи деҳот таҷлил мегардад. Дар ин рӯз субҳи барвақт *xatlapa – чалпак* пухта, бо *buywox̌* – алафи хушбӯй ба майдони ҷашн, яъне боғ ё остон мебаранд. Бонувон саҳни идгоҳро обзада мерӯбанд. Бо садо додани дафнавозии бонувон аҳли маҳалла бо нону табақҳо ҳозир мешаванд. Барномаҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ бозҳои гуногуни мардумӣ оғоз мешаванд. Ба кӯдакони шеърхон ва шогирдони муваффақи мактаб мукофотҳои молию пулӣ дода мешавад. Нисфирӯзӣ баъди анҷоми барномаҳои фарҳангию варзишӣ ғизои табарукиро тановул мекунанд. Халифа ё мӯйсафеди маҳалла дуо мехонад. Раиси маҳалла вобаста ба оғози мавсими кишту кор супоришу эълонҳоро иҷро мекунанд[1].

Дар расми «*ostonnix̌tayd*», мардум ба остон мебароянд. Нафароне, ки навбати додани ҷондор доранд, яъне гӯсфандашонро ба пеши остон меоваранд. Дар пеши остон гӯсфандро забҳ мекунанд ва аз гӯшташ хӯрок мепазанд. Баъди нисфирӯзӣ мардум ба табақҳои чӯбин дуто нон гузошта, бо аҳли хонаводаашон дар саҳни остон ҷамъ мешаванд. Ҷавонону кӯдакон тухмҷангро ташкил мекунанд[2]. Остонҳоро шайххо нигоҳубин мекарданд, ҳар як остон шайхи худро дошта, ин унвон авлодӣ буд[3].

Замоне, ки хӯрок мепазад, халифаи деҳа фотеҳаи оғози кори баҳориро мехонад. Чуфти говро бо юғу сипорнаш омода мекунанд. Куполи барзаговонро равған мезананд, то юғ ба гарданашон осебе нарасонад. Бӯй мемоланд ва деҳқоне тухми гандумро бо дуои «Аз як дона ҳазор, аз ҳазор бешумор» ба замин мепошад ва ҷуфтрон барзаговҳоро ба ҳаракат медарорад. Сипас, мардум дар назди остон ҷамъ омада, ҳамроҳ хӯрок мехӯранд. Чун хӯрокхӯрӣ анҷом меёфт, халифаи деҳа фотеҳаи хайр медиҳад ва боқимондаи нонҳо ва шӯрборо

[1] Наврӯзи Рӯшон ва вижагиҳои он // Оинаи Сафо. № 1 (02). Марти соли 2018. - С. 2.
[2] Ашрафмо Давронова Таомули идонаи Баррӯшон // Пайғоми Рушон. № 4-5 (3770). Марти соли 2019. - С. 6.
[3]Давлатбеков Н. Освещение исмаилизма на Памире в трудах дореволюционных русских исследователей. -Душанбе, 1995. - С. 31.

дар табақҳои мардум кашида, ба хонаҳояшон мебаранд. Аз ҳамин рӯз корҳои саҳроии мардум расман оғоз меёбанд[1].

Давраи шудгор, шукуфтан, обмонӣ ва ҳосилбандии ғалла давраи ҳалкунанда ба шумор меравад, ки ҳисоби вақт дар он нақши ҳалкунанда бозӣ мекунад.[2].

Дар Рушон дар давраҳои пеш ягон кори кишоварзӣ бе муайян намудани *«рӯзи хуб»* оғоз намешуд. Рӯзҳои хубро барои шудгори аввал, корҳои ирригатсионнӣ ва кишоварзӣ, ҷашни Наврӯз, ҷойгиршавии бурҷҳо дар осмон, махсусан ситораи *«наҳс»* - Ақраб шахсони рӯҳонӣ (пир, сайид, халифа) аз рӯйи рисолаҳои қадима, ба монанди «Соатнома», «Нуҷум» ва ғайра муайян менамуданд. Аз рӯйи тасаввуроти одамони таҳҷоӣ ҳолати муайяни манзили бурҷи Ақраб дар осмон оғози корҳои кишоварзӣ нек ё бад буд. Дар рӯзҳои наҳс корҳои кишоварзиро оғоз намекарданд[3]. А. А. Бобринской менависад, ки ҳамин, ки барфҳо об шудан мегирад, деҳқонон ба пеши халифа рафта, аз ӯ оид ба оғоз намудани кишту кор муроҷиат менамоянд. Ӯ бояд рӯзи некро муайян намояд[4].

Оғози кишт дар ҳаёти кишоварзи рушонӣ санаи махсус аст ва он бо маросими махсус ид мешавад, ки онро «*x̊ojzivest, xanukδed – говхунукбарорӣ*» ва шудгори аввалинро *«ražδed»* меноманд. Одатан ин маросим дар вақти ҷашни остоннихьтайд иҷро мешавад. Дар рӯзи остоннихьтайд ҷуфти барзаговро ба замин баровcovарда ду чуяк заминро шудгор менамоянд. Дар замони мо ин маросим ҳам дар рӯзи остоннихьтайд ва ҳам дар рӯзи Наврӯз иҷро карда мешавад. Вақту соати оғоз намудани *«ražδed»* - ро халифа муайян менамояд. Тибқи маълумоти М. С. Андреев ҷашн гирифтани маросими мазкур ду рӯз

[1] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Дерзуди ноҳияи Рушон. Қайсов Давлаталӣ. Соли таваллуд 15.09.1948. Санаи сабти сӯҳбат 20.07.2021 с.
[2] Ниг.: Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амударьы). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958.
[3] Шоҳзодамуҳаммад У. Нуҷум, Хоруғ: - Мерос, 1995. - С. 45.
[4] Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). Очерки быта по путевым заметкам графа А. А. Бобринского. - М., 1908. - С. 101.

идома меёбад[1]. *Xojzivest* дар деҳоти иқлимашон хунук, масалан Нисур ва Хуф баъди ҷашн гирифтани Наврӯз баргузор мегардад[2].

Чуноне ки бо дар саҳифаҳои боло қайд кардем ҳар як соҳибхона бо ҳамроҳии худ ба назди остон ду дона нонро дар табақ оварда, як ё ду гӯсфандро забҳ карда, баъди маросими раждьед хӯроки дастаҷамъонаро мехӯранд. Бо як нон дар назди остон хӯрок мехӯранд, як нони боқимондаро бошад, дар даруни табақ монда, аз хомшӯрбои боқимонда дар болояш рехта, ҳар кас ба хонааш мебарад ва он ҷо ҳам ҷашн идома меёбад. Мардуми деҳоти Рушон дар ин маросим иттифоқона шарик буда, дар ҳар маҳалла бо навбат ҳар сол ду хонавода як гӯсфандро ба хотири ин ҷашн қурбонӣ карда, дар назди остон хӯроки умумӣ ташкил карда мешавад. Дар фарҷом дуои махсуси оғози кишту кор, дуои «Бобои деҳқон» аз ҷониби халифа хонда мешавад.

Асосан деҳқонон барзаговҳои худро барои ҷуфт кардан ба замин мебаранд ва онро дар Рушон *xojzivest* мегӯянд. Деҳқонон дар ҳамин лаҳза ба барзаговҳо ноне, ки аз гандум тайёр мекунанд, дар даҳани онҳо меандозанд. Дар ҳамин лаҳза халифа дуо хонда, як деҳқон бошад бо барзаговҳои худ фақат ду ҷӯяк мекашанд. Баъди ин барзаговҳоро дам мегиранд, барои он ки дар фасли зимистон онҳо дам гирифтанду яку якбора онҳоро азият намедиҳанд, ки ин маросими хурдакакии оғози кишту кор аст. Баъди як ду рӯз деҳқон ба кишт кардани замин шуруъ мекунанд.

Баъди хӯрдани хӯрок дар назди остон бозиҳои гуногун, аз қабили аспдавонӣ, тирпарронӣ аз камон, гуштингирӣ, духтарҳо бошанд арғунчакбозӣ доир менамоянд. Баъди ҷамъбасти ҷашн ҳама ба хонаҳо раҳсипор шуда, ба маросими кишту кор омодагӣ мебинанд. Дар Рушон бошад дар фарқият аз дигар ноҳияҳои Кӯҳистони Бадахшон дар шаб пирамарде ба сари замин рафта, бо кетман заминро кофта, якчанд гандумдонаро дар он ҷо мемонад. Занон дар

---

[1] Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амудары). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 60.

[2] Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.

ин рӯз аз хамир шаклҳои узвҳои баданро омода мекарданд ва онро пухта ба барзагов медоданд[1]. Дар баъзе мавзеъҳои Помир қабл аз шурӯъ ба кишту кор дар давоми чил рӯз барзаговҳоро бо хӯроки аз алафи сафед бо ордобаи омехта махсус парвариш мекарданд[2]. Дар рӯзи «Ҷуфтбаророн» дар қисми зиёди маҳалҳои Бадахшон барзаговҳоро ба хона даровbooарда, ба онҳо нони махсус, ки онро « xȯjzivak» (забони гов) мегуфтанд, хӯронда, ба шоху гардани онҳо равған молида, сари замини кишт мебурданд.

Маросими мазкур дар гузашта дар Рашт ва Дарвоз низ иҷро карда мешуд, ки онро «ҷуфтбарорӣ» ё «говхунукбарорӣ» меномиданд. Дар ин манотиқи тоҷикон низ барои амалӣ намудани маросими мазкур аввал рӯзи некро муайян мекарданд. Маросимро шогуниавлодӣ оғоз мебахшидааст. Танҳо баъди оғоз бахшидани кор аз ҷониби шогуниавлод деҳқонони дигар ба кори кишоварзӣ оғоз мекарданд[3].

Ҳамин тавр, иди соли нав дар баробари ин иди деҳқонон буд, ки оғози корҳои хоҷагии кишлоқро нишон медод, халифа вақти дақиқи таҷлили Наврӯз ва рӯзи шудгори аввал, инчунин ҷойгиршавии бурҷи Ақрабро муайян мекунад.

Мардумшинос М.С. Андреев дар асараш «Тоҷикони водии Хуф» муроҷиати мардумони водии Хуф ба бобои Деҳқон ва ба замин ҳангоми пошидани тухми гандум чунин овардааст: «Ё ҳазрати Бобои Деҳқон, як дона ҳазор, аз ҳазор ҳам бешумор, каҳ камтар, дона бештар, насиби ҳалолхӯрӣ гардад».[4]

Ҳамин тавр, рафти киштукор низ маросимҳои махсуси худро дошта, ҳар як деҳқон онро бо дуои Бобои Деҳқон: «аз як дона ҳазор, аз ҳазор бешумор» сар карда, ба гуфтаи М. С. Андреев, дар байни мардуми Рушон халифа вазифаҳои «Бобои Деҳқон» - ро иҷро намуда, ин номро дар байни тоҷикон сарпарасти

---

[1] Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). Очерки быта по путевым заметкам графа А. А. Бобринского. - М., 1908. - С. 99.

[2] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанд ноҳияи Рушон, Баранчутов Одина. Соли таваллуд 1946. Санаи сабти сӯҳбат 20.08.2022.

[3]Ниг.: Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск I. Под редакцией Н. А. Кислякова и А. К. Писарчик. -Душанбе, 1966. - С. 115 –116.

[4] Андреев М.С. Таджики долины Хуфа. Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 62.

касби кишоварзӣ меноманд[1] ва маросими шудгор бо сухани хотимавии муроҷиати кишоварз ба замин «A zimc, az mu harakat, az ta barakat– О замин, аз ман ҳаракат, аз ту баракат» ҷамъбаст мегардад. Охири мавсими кишту кор низ ҷашн гирифта мешуд, аммо танҳо дар доираи хона. Дар ин рӯз соҳибхоназан яке аз беҳтарин намуди хӯрокаро омода карда, оила бо ҳам мавсими анҷоми кишту корро қайд менамоянд[2].

Маросими култиватсия (ҷобуқ) ва тоза кардани замини ғаладонагиҳо аз алафҳои бегона низ вақти муайян иҷро мешавад[3]. Дар ин кор ҳатто ҳамсояҳо ба ҳамдигар ёрӣ расонда, дар аксар мавриди он кори занона дониста мешавад. Дар ин рӯз низ соҳибхона зиёфати хурдро ороста менамояд.

Дар байни деҳқонони рушонӣ обмонии аввал ба зироат низ муҳиммияти хос дошта, ҷашни махсусро қайд мекарданд. Баъзе одамон дар ин маросим низ гӯсфандро қурбонӣ мекарданд. Одатан гӯсфандро ба саргаҳи об бурда, дар аввали мавсими обмонӣ қурбонӣ карда, худоӣ медоданд, то ки сол серобу пурфайз биёяд. Ин маросимро дар гузашта дар Язғулом ва Рушон «Сабзабуст» меномиданд. М. С. Андреев ин маросимро дар деҳаи Баррушон шахсан худаш мушоҳида кардааст. Баъди худоӣ шахсе, ки аз шогунайавлод аст, нахуст шуда, ба обмонӣ оғоз мебахшад[4]. Дар минбаъда обро байни сокинони деҳа мирҷуй (мироб) ба танзим медаровард. Оид ба тарзи гузаронидани худоӣ дар Рушон муфассалтар И. И. Зарубин маълумот додааст, ки худ иштирокчии ин маросим будааст[5]. Имрӯз ҷашни *«Savʒabust, ẋacvig, zivůrδed – sargaбed, sargazivest, яъне аз саргаҳ обро баровардан»* дар шакли пуррааш аз байн рафта, бисёр

---

[1] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 75.; По поводу прцесса образования примитивных среднеазиатских древних цеховых сказаний (рисаля) // Этнография. 1927. № 1 – 2. - С. 323.

[2]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Пасори водии Бартанги ноҳияи Рушон, Аълочии маорифи ҶШС Тоҷикистон Нуриддинов Бахталӣ, соли таваллуд 1945. Санаи сабти сӯҳбат 17.12.2022 с.

[3] Коржинский С. Очерк Рошана и Шугнана с сельскохозяйственной точки зрения. - СПб., 1898. - С. 12.

[4]Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Вып. 2. - Сталинабад, 1958. - С. 70 – 72; - С. 293.

[5] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника Музея антропологии и этнографии при Российской Академии наук. Пг., 1917. - С. 140 – 141.

маросимҳо вобаста ба он иҷро намешаванд. Тано ҷуйҳоро тоза менамоянду халос, дар деҳоти дурдаст бошад вобаста ба ҷашни мазкур қисман маросимҳо иҷро мегарданд.

Нақш ва аҳамияти об дар ҳаёти анъанавӣ ва ҳангоми иҷрои расму маросимҳои миллии тоҷикон ба таври пурра дар асари муҳаққиқ Д. Раҳимӣ оварда шудааст[1].

Мувофиқи таҳқиқоти саҳроии мо ин ҷашн то солҳои 80-уми асри XX дар деҳоти Бартанги Боло қайд гирифта мешуд. Ҳамсуҳбати мо Ниёзов Ниёз, ки худ иштирокчии ин маросим будааст, нақл кард, ки дар деҳаи Нисур ҳамин рӯз ҳамаи сокинон, ҳам мардҳо ва ҳам занон ҷамъ шуда, ба саргаҳи об мерафтанд. Ҳар як соҳибхоназан бо худ ду нон дар табақи чӯбин, баъзе бо ширруған болои нон ба саргаҳи об мебурданд. Ҳангоме, ки обро ба ҷӯйбори асосии деҳа сар медоданд, дар об *bum (yawj – орд)* пошида, ба хотири пири сароб дуо хонда, гӯсфандро кушта, дар ҳамон мавзеъ пухта медоданд. Яъне дуои махсус ба номи пири сароб будааст. Деҳаи Нисур низ аз камобӣ танқисӣ мекашид. Ва ҷашни мазкур ба хотири он доир карда мешуд, ки сол серобу пурфайз биёяд ва ҳосил фаровон шавад[2]. Вақту соати ҷашнро халифа аз рӯи илми нуҷум муайян мекард. Аз ин муайян мегардад, ки ҷашни мазкур бисёртар дар деҳаҳое таҷлил мешуд, ки аз об танқисӣ мекашиданд.

Дар водии Шоҳдара, аз ҷумла дар деҳаҳои Барвоҷ, Бадьом ба гуфтаи номзади илмҳои таърих, Ғуломшоев Силемоншо то солҳои 90-уми асри XX аввал дудӣ андохта, ба ҷои бум (орд) ба об ду кулула равғани маска, баъзе ҷойҳо сабза, партофта, гӯсфандро забҳ карда, пухта медоданд. Ду кулулаи равғани маскаро ба хотири замин ва осмон мепартофтанд. Дар ин ҷо на халифа,

[1]Ниг.: Раҳимӣ Д. Тиргон – ҷашни об.- Душанбе: Аржанг, 2019. – 144 с.
[2]Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.

балки ягон кас аз авлоди саидҳо дуо мехондааст. Дар дигар деҳот мардум фақат бо қурбонӣ кардани гӯсфанд қаноат мекарданд[1].

Мумкин ба хотири замин ва осмон партофтани равғани маска ба оби аз барфу пиряхҳои обшуда ва аз чашмаҳо ҷорӣ шуда рабт дорад. Зеро М. С. Андреев дар водии Хуф, ноҳияи Рушон таҳқиқот анҷом дода, ба хулосае меояд, ки дар миёни тоҷикони кӯҳистон оби дарёҳои кӯҳӣ, ки аз пиряхҳо манбаъ мегирад, хусусияти мардона дошта, обе, ки аз чашмаҳо ҷорӣ мешавад, хусусияти занона дорад. Оби якум аз осмон мефарояд, дуюмаш бошад, аз замин мебарояд[2].

Дар байни сарикулиҳо бошад, он ҳоло ҳам ҷашн гирифта мешавад. Айнан, чи тавре ки М. С. Андреев нақл менамояд, барои муайян кардани вақти гузарондани он халифаҳо хизмат мекунанд. Мувофиқи хулосаи муҳаққиқ Х. Ш. Кабиров сарикулиҳо барои он ин ҷашнро қайд менамоянд, ки дар хушксолӣ бе об намонанд. Онҳо низ ба саргаҳи об рафта, худоӣ дода, дуо хонда, аз Худованд ҳосили фаровонро хоҳиш менамоянд ва дар ниҳоят пойгадавонӣ ва бузкаширо ташкил медиҳанд[3]. К. С. Василсов менависад, ки дар оғози маросими тоза кардани ҷӯйборҳои асосии деҳот низ мардуми Помир қурбонӣ менамоянд[4].

Дар вақти оғози дарави алафҳо низ гӯсфандро қурбонӣ карда, баъди ҷамъбасти он иди «*uvd*» қайд карда мешавад. Оид ба ин ид М. С. Андреев ва дар боло ҳам қайд кардем И. И. Зарубин маълумот додаанд. Ҷашни «Увд» аз рӯшонии «*uvd*» гирифта шуда, ба форсии тоҷикӣ «Ҳафт» мешавад, ки ҳамон

[1]Аз сӯҳбати диссертант бо зодаи деҳаи Занинси н. Шохдара, н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ Ғуломшоев Силемоншо. Соли таваллуд 1969. Санаи сабти сӯҳбат 10.10.2021 с.

[2]Андреев М. С. О деление на мужское и женское начало различных предметов в природе по воззрениям таджиков в верховьях Оксуса. Из дарожных записей в экспидиции Таджикского филиала Академии Наук СССР, сделанных в долине Хуф, Рушан, в начале сентября 1943 г. // Бойгонии шуъбаи этнография ва этнологияи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ. В. 6 – 7.

[3]Кабиров Х. Ш. Этнолингвитсическое исслеодвание бытовой лексики языка таджиков Китая (на материале этнической группы сарыкольцев). Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. - С. 163 – 164.

[4]Васильцов К. С. Природные объекты культа: почитание воды в религиозной практике таджиков // Лавровский сборник. Материалы XXXIV – XXXV среднеазиатско-кавказских чтений 2010 – 2011 гг. Этнология, история, археология, культурология. - СПб., 2011. - С. 327 – 328.

иди ба муносибати рӯзи ҳафтум дар айлоқ сипарӣ намудани чорво доир карда мешуд. Асоси қайд намудани он яъне аз ҳифз нигоҳ доштани чорво аз рамаи гургон буда, он ҳафт рӯз идома доштааст. М. С. Андреев ҷашни мазкурро одати қадимаи ориёиҳо баҳогузорӣ намудааст[1].

Баъди дарави якуми алаф, ба ҷамъоварии ҳосили ғаладонагиҳо шурӯъ менамоянд. Дар оғоз намудани дарави ғаладонагиҳо низ ҳисоби вақт нақши муҳим бозӣ карда, онро халифаи ҳар деҳа муайян мекардаст. Яъне сокинони деҳот ҳама дар як вақти муайян бояд ба дарав оғоз бахшанд, ки онро халифаи мулк муайян кардааст. Вақте ки маросими дарави ғаладонагиҳо ҷамъбаст мекардад боз кишоварзон дуои махсусро мехонанд, ки онро мардумшинос М. С. Андреев аз бошандагони деҳаи Хуфи ноҳияи Рушон сабт намудааст[2]. Маросими ба итмом расидани даравро низ дар доираи хонавода бо оростани дастархон ҷашн мегиранд.

Дар бораи кӯфтани ғаладонагиҳо муҳаққиқон мушоҳида карда менависанд, одатан аз ду то панҷ барзаговро ба хирмангоҳ ворид намуда, дар ду рӯз 400 дарза гандумро мекӯбанд[3]. Усули кӯфтани ғаладонагиҳо аз хушаҳо тавассути барзаговҳо сурат гирифта, дар натиҷа дон аз хушаҳо ҷудо шуда, ба каҳ омехта мешавад. Баъд хирмани кӯфташударо шамол медиҳанд ва бод донро аз каҳ ҷудо менамояд[4]. Айни замон бошад, дар кӯфтани ғалла бисёртар аз комбайн истифода мегардад, танҳо дар деҳоти дурдаст ва ба он ҷойҳое, ки техникаи кишоварзӣ расида наметавонад, ғаладонагиҳоро бо усули бобогӣ мекӯбанд.

Пеш аз кӯфтани ғалла бошад, занакҳо аз замин чанд дарзаи гандумро гирифта, бо калтак мекуфтанд ва донҳои ҷудошударо ба осиёб бурда, орд карда,

---

[1]Коржинский С. Очерк Рошана и Шугнана с сельскохозяйственной точки зрения. СПб., 1898. С. 12. Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амудары). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 73.

[2]Ниг.: Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амудары). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 77.

[3] Коржинский С. Очерк Рошана и Шугнана с сельскохозяйственной точки зрения. - СПб., 1898. - С. 12.

[4]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Пасори водии Бартанги ноҳияи Рушон, Аълочии маорифи ҶШС Тоҷикистон Нуриддинов Бахталӣ, соли таваллуд 1945. Санаи сабти суҳбат 17.12.2022 с.

аввалин нонро аз ҳосили нав пухта тайёр мекарданд. Ва он низ байни мардум ҷашн гирифта шуда, мужда мерасонданд[1]. Ин усули дастӣ куфтанро ҷумачук меноманд.

Ин расм дар мардуми Дарвозу Рашт низ иҷро мешудааст. Тибқи таҳқиқоти мардумшиносони Шуравӣ бегоҳии рӯз аз орди ҳосили нав нон пухта, аз он таоми дӯстдошта – *ширруған тайёр* мекарданд. Ҳамаи аҳли хонавода нишаста якҷоя хӯрок мехӯрданд ва пас аз итмоми он калони хона чунин дуоро мехонд: «Арвоҳи бобои Деҳқон, арвоҳои калунун, ҳами ганҷи боқимондаро ба як хушиву хурсандӣ, ба тани сиҳату дили беғам бихурем. Дар ин ганҷ баракати илоҳира бирезуна, ҳазрати Хуҷа назари худша бирасуна. «Аллоҳ Акбар»[2].

Бинобар ин, дар айни замон ҳангоми куфтани гандум ва ҷав ҳар ду усулро дар як вақт ба кор бурда, арзан, зағир ва зироатҳои лубиёгиро танҳо бо усули куфтан ҷудо менамоянд.

Ғаллае, ки бо ин усул куфта шуд, бо табақчаи чубин куфта, онро ба сатҳи сар баланд бардошта, баъд аз он дон мерехт. Шамол каҳро ба як тараф бурд, гандум ба пеши бурдкунанда афтод. Дар ҳамин лаҳза баъзе аз деҳқонон ҳангоми ғалладаравӣ шабона деҳқонон таронаҳои махсус майда-майда месароянд. Ҳоло ин таронаҳо фаромӯш шуда, аз онҳо танҳо сатрҳои ҷудогона боқӣ мондаанд[3].

Дар деҳаи Хуфи Рушон расме маъмул буд, ки вақте ки кӯфтани ғалларо ба итмом мерасонданд, аз даҳ як ҳисаашро ҳамчун ҳиссаи «Бобои деҳқон» ҳатто ҳоло ба хона набурда, аз ҷойи хирманкӯбӣ ба эҳтиёҷмандон медоданд. Агар барои гирифтани ҳиссаи «Бобои деҳқон» ягон кас ҳозир намешавад, кишоварз метавонад онро гирифта ба хона барад[4]. Як қисми ғалла бевосита аз

---

[1]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Хуфи ноҳияи Рушон Одинаев Мавлодод, соли таваллуд 01.09.1947. Санаи сабти сӯҳбат 28.05.2019.

[2]Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск 1. Под редакцией Н. А. Кислякова и А. К. Писарчик. - Душанбе: Дониш, 1966.

[3]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Пасори водии Бартанги ноҳияи Рушон, Аълочии маорифи ҶШС Тоҷикистон Нуриддинов Бахталӣ, соли таваллуд 1945. Санаи сабти суҳбат 17.12.2022 с.

[4] Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амудары). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 86.

хирман барои пардохти андозу хироҷҳо мегирифтанд. Боқимондаашро соҳибхона кашида мебарад. Аз ҳосили овардашуда донро барои тухми ҷудо карда, дар қутиҳо ва сандуқҳои махсус нигоҳ медоштанд. Ғаллае, ки бевосита барои хӯрок пешбинӣ шуда буд, ҳоло ҳам тоза карда, дар дегҳои калон шуста, баъд дар болои хонаҳо хушк мешуд.

Маросими ҷамъбаст намудани кӯфтани гандум дар хирманҷоро маросими *«širavnzidig»* - *«тоза кардани хирманҷой»* мегуфтанд. Ин ба ақидаи М. С. Андреев чунон лаҳзаи хурсандибахш аст, ки ба муносибати он бегоҳ барра кушта, зиёфат меоростанд ва оид ба ҷамъбасти хирманкӯбӣ низ дуои махсусро баъди тановули хуроки махсус мехонданд[1]. Маросими ҷамъбасти кӯфтани ғаладонагиҳоро дар дигар деҳоти Рушон низ ҷашн мегирифтанд. Масалан, дар деҳаи Нисур дар ин рӯз ширруған тайёр карда ба хирманҷо бурда, дудӣ андохта, дуо хонда ғалларо ба ҷаволҳо пура карда, ғизо хӯрда ба хона бар мегарданд[2]. Зарур аст қайд карда шавад, ки дар Эрони Бостон низ ҷашни ҷамъоварии ғалладонагиҳоро бо тантана доир мекарданд[3].

Баъди ҷамъбасти кӯфтани гандум, акнун кишоварзон онро барои орд кардан аз хона ба осиёб мебурданд. Дар Рушон танҳо аз осиёбҳои обӣ истифода мекарданд, дар ин диёр дигар намуди осиёбҳо вуҷуд надоштанд. И. И. Зарубин менависад, ки дар як худи деҳаи Рошорв 11 осиёби обӣ амал мекарданд[4]. Имрӯз бошад, ҳам осиёбҳои обӣ ва ҳам барқӣ дар хизмати мардум мебошанд.

Барои бурдан ба осиёб ва орд кардани гандум низ вақту соати хубро муайян менамоянд. Одатан дар бисёр маврид ба кишоварзон дар муайян намудани соати нек халифа ёрӣ мерасонд. Раванди орд кардани гандум низ бо иҷро намудани маросимҳои махсус амалӣ мегардад. Аз орди нав нон пухта, дар

---

[1] Ниг.: Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амудары). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 87.

[2]Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.

[3]Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. - М., 1987. - С 44.

[4]Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника Музея антропологии и этнографии при Российской Академии наук. Пг., 1917. - С. 107.

осиёб мехӯранд, ки ин маросимро «хадӯрҷпухта» меноманд. Вақте ки орд кардани гандум дар Осиёб ба анҷом мерасанд, ордро ба хона оварда, онро зане, ки худро ҳаматарафа тоза (ғусл) карда, дар хона ҷо ба ҷо менамояд. Ин ҷашн дар вақти рехтани ҳосили ҷамъоваришуда ба анбор *verϑak* қайд карда мешуд. Анбор аз якчанд қисмҳо тақсим мешуд, ки дар ҳар яки он ғалла, дуюм – орди гандум, сеюм – орди ҷав, тупис ва ғайра нигоҳ дошта мешуд.

Барои рушониён, чун барои тамоми тоҷикон, нон муқаддас ҳисоб мешуд ва онҳо ҳатто ба нон қасам ҳам мехӯранд: «*garδa mu δiδd* – нон маро занад», «*ikim garδa maš šoid* – ҳамин нон шоҳиди мо аст», «*mu cam garδa te maδayt* – чашмам дигар нонро набинад», «*ikim garδa mu kur kix̌t* – ҳамин нон маро кӯр кунад», «*garδa ba gadoi virayum* – нонро бо гадоӣ ёбам» ва ғайра[1].

Баъди анҷом додани ин кор марди деҳқон аз корҳои кишоварзӣ озод мегардад ва ӯ то мавсими кишти тирамоҳӣ дам мегирад.

Ҳамин тавр, бисёр ҷашнҳои халқии анъанавии тақвимии кишоварзӣ мавҷуданд, ки ба ивазшавии фаслҳои сол гусел намудани зимистон, пешвозгирии баҳор, тайёрӣ ба кишти баҳорӣ, оғози корҳои саҳроии баҳорӣ, ҷамоварии ҳосили тирамоҳӣ, ба айлоқҳо баровардани чорво ва ғайраҳо алоқамандант мебошанд. Ин гуна ҷашнҳо бо тақвими халқии кишоварзӣ пурра мувофиқ буда, дар замонҳои қадим пайдо шудаанд. Сабабҳои пайдоиши чунин тақвимҳо ба хусусиятҳои таърихии ҳаёту фаъолият, омилиҳои иқтисодию иҷтимоӣ, шароитҳои иқлимию ҷуғрофии ин ё он халқ вобастагии зич доранд.

Ивазшавии фаслҳои сол барои деҳқонон аз қадим давраи муҳимми амалӣ намудани пайдарпайии корҳои саҳроии кишоварзӣ буд. Ба қатори ҷашнҳои кишоварзӣ, ки ба ивазшавии фаслҳои сол ва давраҳои табиат вобастаанд, Сада ва Меҳргон шомиланд, ки зиёда аз се ҳазор сол боз кишоварзон ботантана ҷашн мегиранд.

Соли нав ҷашни анъанавии фаророасии кишоварзӣ буда, тоҷикони Рушон бисёр бошукӯҳ ва оммаӣ қайд мекарданд. Дар қадим ду ҷашни соли навро қайд

[1]Аз мушоҳидаи ҳаёти ҳаррӯзаи рушониён аз ҷониби диссертант ва инчунин ниг.: Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амударьы). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 386.

мекарданд: *Сари сол* ва *Наврӯзи тирамоҳ*[1]. Вақти *ҷашни* якум он – рӯз эътидоли баҳорӣ (21 - 22 март) буда, дар шароити иқлими кӯҳистон қариб бо ибтидои корҳои саҳроии баҳорӣ мувофиқ меояд. Вақти ҷашни *Наврӯзи тирамоҳ – рӯзи* эътидоли тирамоҳии офтоб (21 – 22 сентябр) буд. Ду маротиба қайд намудани Соли нав мумкин, ки аз рӯи солшумории миллии «*ҳисоби мард*» ба вуҷуд ояд. Чунки дар як соли хуршедӣ *ҳисоби мард* ду давр дорад: якум аз 13 Далв то 16 Савр (1 феврал то 7 майи мелодӣ) ҳисоб аз *нохун ба мағзи сар* ҳисоб карда мешавад; дуюм аз 14 Асад то 18 Ақраб (7 август то 10 ноябри мелодӣ) ҳисоб ба самти муқобил, яъне аз *мағзи сар ба нохун.* Занҳо Соли нави баҳорӣ ва тирамоҳиро - «Наврӯз», мардҳо бошанд, Соли нави баҳориро – *«Сари сол»* меномиданд. Бо фарорасии соли нави тирамоҳӣ, кишти тирамоҳӣ оғоз меёфт. Бо ин ҷашнҳо одамон дар баҳор ҳамдигарро *«Muboraki bahor»,* дар тирамоҳ - *«Muboraki tiramo»* гӯён табрик менамуданд. Аҷибаш он аст, ки ҷашни соли нави баҳорӣ (21 – 22 март) ва тирамоҳӣ (21 – 22 сентябр) аз рӯйи *ҳисоби мард* ба нишони «*дил*» дуруст меомад[2].

Дар Рушон дар Наврӯзи тирамоҳ, ки калонтарин ҷашни ҷамъоварии ҳосил мебошад аҳолии деҳа дар майдони наздики саҳни мазор ё боми ягон хонаи калон ҷамъ меомаданд. Хӯроку таомҳои овардашударо тановул намуда, пас аз он халифа ё мӯйсафеди пир дуо хонда ва бо калимаи Бисмиллоҳ ва ҳама даст ба дуо бардошта аз Худованд ҳосилу боду ҳавои хуб, умри бобаракат ва сиҳат – саломатӣ барои ҳама одамон талаб мекарданд[3]. Мардҳо пас аз зиёфат ба бозиҳои миллии «*гӯйбозӣ*», «*бузкашӣ*» ва «*гуштингирӣ*» машғул мешуданд, ки то 3 – рӯз давом мекард. Оид ба доир намудани гуштингирӣ ва тарзу қоидаи гуйбозӣ дар Рушон муҳаққиқи рус И. И. Зарубин низ маълумот додааст. Мувофиқи маълумоти вай дар бозии мазкур аз 20 то 40 нафар иштирок менамоянд. Дар натиҷаи бозӣ тарафи мағлубшуда, ба дастаи ғолиб зиёфат, ба

---

[1] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Шукралиев Хоҷабек. Соли таваллуд 1941. Санаи сабти сӯҳбат 11.08.2018.

[2] Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Амударьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 167.

[3] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Мавлоназаров Ғоибназар. Соли таваллуд 1936. Санаи сабти сӯҳбат 6.08.2021.

мисоли куштани гӯсфанд ва ғайра, медод[1]. Имрӯз бозии мазкур ба ин тарз аз байн рафтааст. Аммо дар замони Шуравӣ ва ҳозир ҳам кӯдакон дар болои барф ва ях ба ҷавгонбозӣ, ба намуди хокейи ҳозира машғул мешаванд. Гӯйбозӣ (ҷавгонбозӣ) бошад, дар болои сабза иҷро карда мешуд, ки аз байн рафтааст. Он дар Рушон то солҳои 1950 амал мекард. Дар бораи чавгонбозии рушониён этнографи машҳур М. С. Андреев дар асари худ пурра маълумот дода, онро бозии қадимаи эронинажодон номидааст[2]. М. С. Андреев роҷеъ ба намуди ҷавгон ҳам маълумот медиҳад[3]. Ин бозиро низ дар байни тоҷикони Помир танҳо сарикулиҳо то ба замони мо пурра ҳифз нигоҳ доштаанд[4].

Роҷеъ ба Наврузи Тирамоҳ дар Кӯҳистони Бадахшон аввалин шуда, муҳаққиқи рус А. А. Семёнов иттилоъ додааст. Аз ҷумла вай менависад, ки ин ҷашн баъди ба охир расидани корҳои саҳроӣ таҷлил мегардад. Дар рӯзи аввали он ҳар як соҳибхона дар назди *oston* (мазор)-и наздиктарин гӯсфандро кушта, онро дар дег обпаз карда, ҳоло он пухта истода, мӯйсафедон алоҳида нишаста, халифа ягон китоби диниро ба онҳо мехонад. Ҷавонон бошад, ҳамин дам дар саҳрои наздики остон ба гӯйбозӣ машғул мешаванд. Агар саҳро калон бошад аз болои аспон савор шуда гӯйбозӣ мекунанд, агар масоҳати он танг бошад пои пиёда бозиро анҷом медиҳанд. Баъди он ба хӯрдани таоми пухта шуда машғул шуда, сонӣ халифа дуо мехонад. Дар рӯзи дигар ҷавонмардон ба бозии чавгонбозӣ (гӯйбозӣ) машғул шуда, бонувон бошад сурудхонию рақсу

---

[1] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника Музея антропологии и этнографии при Российской Академии наук. Пг., 1917. - С. 147.

[2] Ниг.: Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму-Дарьи). Выпуск 1. - Душанбе, 1953. - С. 114 – 117.

[3] Андреев М. С. О деление на мужское и женское начало различных предметов в природе по воззрениям таджиков в верховьях Оксуса. Из дарожных записей в экспедиции Таджикского филиала Академии Наук СССР, сделанных в долине Хуф, Рушан, в начале сентября 1943 г. // Архив Национальной Академии наук Таджикистана. Папкаи № 158. Masc Femen (мужской и женский род) в врeховьях Панджа (Хуф). 1943 г. Л. 5.

[4] Кабиров Х. Ш. Этнолингвитсическое исследвание бытовой лексики языка таджиков Китая (на материале этнической группы сарыкольцев). Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. - С. 194 – 197.

доиразанӣ мекарданд[1]. Яке аз муҳаққиқони аввалини рус А. Серебренников роҷеъ ба масъалаи мусиқии тоҷикони Помир сухан ронда, менависад, ки сабаб барои доир намудани он тӯй ва идҳо мегарданд, ки мардуми деҳа ҷамъ шуда сурудхонӣ ва рақсу бозиро ташкил медиҳанд[2].

Ин ҷашн дар солҳои 40 – 50-ум дар Рушон қайд карда мешудааст. Ҳамсуҳбати мо Ниёзов Ниёз ба мо ҳангоми таҳқиқоти саҳроӣ аз нақли мӯйсафедони деҳаи Нисур гуфт, ки вақте ки маросими ҳосилғундорӣ ҷамъбаст мешуд, дар деҳа ҳамаи мардум дар як ҷо ҷамъ шуда, халифа дуо хонда, пухта медоданд. Баъди пухта дар хона аввал мардуми сарҷамъ сурудхонӣ карда, баъд як қисми мардум ба саҳро баромада, гӯйбозӣ (ҷавгонбозӣ) мекарданд[3].

Хулоса, Наврӯзи тирамоҳ ҳамон ҷашни Меҳргон мебошад, ки дар Рушон таҷлил карда мешуд. Агар Наврӯз дар баробарии (эътидоли) баҳории шабу рӯз ҷашн гирифта шавад, пас гиромдидошти Меҳргон дар баробарии тирамоҳии сол сурат мегирад[4]. Танҳо дар замони Истиқлол ҷашни мазкури кишоварзӣ аз нав эҳё гардид. Бори нахуст Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бахшида ба 80-солагии Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур аз 8 октябри соли 2011 эълон намуд, ки минбаъд ҳар сол дар Тоҷикистон Меҳргон ҷашн гирифта шавад[5].

Меҳргон яке аз идҳои мардуми ориёиасл, бахусус кишоварзон буда, решааш аз умқи таърих маншаъ гирифтааст. Роҷеъ ба Меҳргон Абурайҳони Берунӣ маълумот медиҳад[6]. Агар ҷашни Наврӯз ба бедоршавии табиат, айёми киштукори Бобои Деҳқон ва кӯшиши он барои гирифтани ҳосили фаровон рост

---

[1]Семёнов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама. Т. 1. № 4. - СПб., 1912. - С. 553.
[2]Серебренников А. Очерк Памира. - СПб., 1900. - С. 79.
[3]Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.
[4]Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи ҷашнҳои миллӣ ва ҷаҳонишавии Наврӯз. - Душанбе, 2022. - С. 148.
[5]Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати 80-солагии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон // http://www.president.tj/node/662. Санаи мурочиат 20.12. 2021.
[6]Берунӣ А. Осор-ул-боқия. - Душанбе, 1990. - С. 242 – 244.

омада бошад, Меҳргон давраи ҷамъоварии ҳосил, дастранҷи марди деҳқон ва оғози ба хоби зимистона рафтани замин мебошад.

Оинҳои ҷашни Меҳргон дар масири таърих бо таҳаввулот миёни мардум, бахусус кишоварзон то кунун маҳфуз мондаанд. Дар ҷашнҳои миллӣ ва маросимҳои хоси мардуми ноҳияҳои мухталифи кишвар баъзан тибқи одат амалҳои ноогоҳонае анҷом дода мешаванд, ки далеле аз иртибот доштанашон ба ин ҷашни бузург мебошанд. М.С. Андреев қайд кардааст: «Соли нав ду маротиба ҷашн гирифта мешавад – Сари сол – иди баҳор ва пас аз панҷ моҳ Наврузи тирамоҳ, ки дар айни замон мардум якдигарро бо фарорасии ин ду ид «*muboraki buor*» ва «*muboraki tiramo*» гӯён табрик мекунанд[1]». Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки «Наврӯзи тирамоҳ» ҳамон ҷашни бостонии Меҳргон мебошанд, ки ҳангоми ба поён расидани ҷамъоварии ҳосили кишоварзон ҷашн гирифта мешуд. Гарчанде ки баъзе оин ва анъанаҳои марбут ба кишоварзӣ коста шуда бошанд ҳам, то кунун дар деҳаҳои дурдасти водии Бартанг ва водии Хуфи Рушон маҳфуз монданд.

Аз рӯйи маълумотҳои олимони машҳури мардумшинос М.С.Андреев ва М. Р. Раҳимов дар ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон ҳозира, аз он ҷумла, дар водии Хуфи Рушон ва Вахиё то миёнаҳои қарни XX боқимондаҳои ҷашни Меҳргонро мушоҳида кардан мумкин будааст[2]. М.С. Андреев менависад, ки дар водии Хуф дар мавриди гузаронидани Иди Меҳргон аз ҳосили нави гандум нон тайёр намуда, онро бо равғани зарди аз айлоқ овардашуда ва гӯшт барои ҳама ҷамъомадагон зиёфат мекарданд. Таоми аз ин ҷашн боқимондаро ба ҳамаи хоҷагиҳо тақсим карда медоданд[3].

Мардумшинос М.Р. Раҳимов қайд мекунад, ки дар Вахиё дар рӯзи гузаронидани Иди Меҳргон дар осиёб, орди аз гандуми ҳосили нав тайёр карда шударо дар ҷойи махсуси барои нигоҳ доштани орд пур намуда, онро сахт зер мекарданд, ки дар он ҳар чӣ зиёдтар ҷо гирад. Пас аз он соҳибхоназан онро бо

---

[1] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Под ред. Э. Кочумкуловой. Выпуск 1 – 2. Бишкек: «Джем Кей Джи», 2020. - С. 167.
[2]Ниг.: Раҳимов М.Р. Земледелие таджиков бассейна р. Хингоу. - Сталинабад, 1957.
[3]Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 2. Сталинабад, 1958. С. 83 – 96.

испанд дуд медиҳад. Бегоҳии ҳамон рӯз аз орди нав нони тунук – чаппотӣ пухта, хӯроки дӯстоштаи мардуми ҳамон минтақа – равғанчӯширо омода мекарданд. Аввалин шуда, шахси калонтарини хона ба хурдан шуруъ менамуд. Пас аз он, аъзоёни дигари оила низ ба ӯ ҳамроҳ мешуданд. Баъди хӯрок калонтари хона дуою фотиҳа мекард. Рӯзи дигар аз орди нав хӯроки умочи ба шир тайёр мекарданд, ки он ҳамчун хӯроки маросимӣ дар ин рӯз ҳатми буда, онро танҳо мардони деҳа ба хотири арвоҳи гузаштагон истеъмол менамуданд[1].

М.С. Андреев қайд мекунад, ҳамаи чорабиниҳои вобаста ба ҷамъоварии ҳосил бо ташкил намудани зиёфатҳо анҷом меёфтанд. Тарзи ташкил намудани зиёфат дар ноҳияҳои Тоҷикистон гуногунранг будааст. Аз рӯйи маълумотҳои М.С. Андреев сарвари хона дар ҳамин рӯз баъди анҷоми кор ба хона бар гашта, аз рӯйи имконият ягон чорворо қурбонӣ карда, тамоми аъзоёни хонавода ва наздиконро меҳмондорӣ мекард[2].

Дар маросими мазкур оин ва анъанаи хосе, ки ба он вобаста ҳастанд, ба ҷо оварда мешаванд. Дар оғоз мувофиқи русум соатбин рӯзу соати саъдро муайян мекунад. Сипас мӯйсафеди рӯзгордида барои баракатӣ ва фаровонии донаи гандум дуо мехонд. Расму русуме, ки дар ин маросим иҷро мегарданд саропо рамз буда, робитаи қавии инсон ва табиатро таҷассум намуданд, инчунин меҳру муҳаббат, некӣ кардан, дӯстӣ ва содоқат, талоши кишоварз барои баракат ва фаровонии ҳосилро нишон медиҳанд. Адабиёти илмӣ ва маълумотҳои шифоҳии дастрасшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки маросими мазкур таърихи хеле қадима ва унсурҳои боқимондаи ҷашни миллии Меҳргон буда, дар саросари кишвар бо баъзе тафовутҳо дар ҳар як минтақа ва маҳал ба ҷо оварда мешуданд.

---

[1]Юсуфбекова З., Шовалиева М. Аз таърихи ҷашнҳои Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон // Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 соли истиқлолият. Маводи конфронси илмӣ – назариявии Ҷумҳурӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатӣ ва 90-солагии Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. - Душанбе, 05 майи соли 2021. - С. 47.

[2]Андреев М. С. Таджики долины Хуф. Выпуск 2. Сталинабад, 1958. С. 83 – 96.

Ҷашни соли нав – ҷашни баҳории дигаргуншавии табиат ва оғози корҳои саҳроӣ буда, кишоварзон онро аз рӯйи ҳаракати офтоб муайян мекарданд[1]. Бо охир расидани корҳои ҷамъоварӣ, куфтану орд кардани ҳосили ғалладонаро кишоварзон ботантана қайд мекарданд.

Масалан, барои муқоиса, дар Дарвоз ва Рашт, вақте ки ягон хоҷагӣ дарав ё кӯфтани ғалларо тамом мекард, мардаки калони хона (*katanaki xona*) досро гирифта ба хона медаромад ва онро ба гардани зан мемонд. Вай бо ҳазл мегуфт, ки агар бегоҳӣ ягон хӯроки болаззат напазад, гарданашро ярадор мекунанд. Зан низ бо ҳазлу шӯхӣ ваъда медод, ки ягон хӯроки болаззат, ки онро «*гардандосӣ*» меномидаанд, тайёр мекунад. Одатан чунин таомҳо – «*равғанҷӯшӣ*» ё «*фатирмаска*» буданд. Ин таомҳо шабона тайёр шуда ба он ҳамсоягонро ҳам хабар мекарданд[2].

Рӯзи дигар аз орди ҳосили нав хӯроки маросимӣ – *«итоč»* тайёр намуда, «*дар ҳаққи арвоҳи гузаштагон*» мардони деҳаро зиёфат мекарданд. Деҳқонони қудраташон мерасида буз ё гӯсфанд кушта меҳмононро зиёфат медоданд. Бо ҷамъ овардани ҳосил ва захира кардани он, ҷашнҳо ва умуман соли тақвими кишоварзӣ ба анҷом мерасиданд[3].

Дар Рушон чунин анъана вуҷуд дошт, вақте ки гандуми нав пухта мерасид, дар аввал аз он танҳо якчанд дарза дарав намуда, баъдан дастӣ онро орд мекарданд ва ҳамон замон аз он нон пухта, қисми зиедашро ба айлоқ мефиристонданд, ва як қисми камашро ба хонаҳо бурда, ҳамаи хешу табори наздикро даъват карда, онро дар якҷоягӣ бо аҳли оила истеъмол мекарданд. Ба мақсади «эмин доштани ҳосили нав аз чашми бад» дар ин ҷамъомад одамони бегона, ҳатто ҳамсояҳо роҳ дода намешуданд[4].

---

[1] Холов Ш. М. Тақвимҳои кишоварзии тоҷикони кӯҳистон. - Душанбе: Ирфон, 2006. - С.128.
[2]Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск 1. Под редакцией Кислякова Н.А. и А.К. Писарчик. - Душанбе:Дониш, 1966. - С. 129.
[3] Холов М. Ш. Тақвимҳои кишоварзии тоҷикони кӯҳистон. - Душанбе: Ирфон, 2006. - С.129
[4]Юсуфбекова З., Шовалиева М. Аз таърихи ҷашнҳои Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон // Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 соли истиқлолият. Маводи конфронси илмӣ - назариявии Ҷумҳурӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатӣ ва 90-солагии Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. - Душанбе, 05 майи соли 2021. - С. 50.

Вақте ки корҳои кишоварзӣ бо таҷлил намудани ҷашн ба охир мерасанд, кишоварзон ба давраи зимистона баргашта, аввал дар боми устои оҳангар ва баъд хӯроки худоиро гирифта ба каргоҳ (ҷойи кори оҳангар) мераванд. Зеро акнун барои мавсими ояндаи кишоварзӣ бояд, асбобу анҷоми кориро аз нав омода мекарданд, ки аксарияташон, аз оҳан буданд[1].

Ҳамин тавр, ҷашнҳои кишоварзӣ яке аз унсурҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии инсон буда, аз замонҳои қадим то замони мо омада расидаанд. Лекин на ҳама ҷашнҳо чунин давраи тӯлониро тай намуда, анъанавӣ, умумӣ ва манфиатноки одамону ҷамъият шуда метавонанд. Фақат он ҷашнҳое то замони мо омада расидаанд, ки дар тарбияи инсон саҳм гузошта, меҳнат ва истироҳати ӯро пурратар мегардонанд ва ба беҳтарин орзую омоли иҷтимоӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ - ҳуқуқӣ ва ахлоқии одамони мувофиқ буданд. Ба ҷашнҳое, ки ба ин гуна хусусиятҳои мусбат ҷавобгӯ ҳастанд, ҷашни Соли нав – Наврӯз мисол шуда метавонад, ки дар баробари ин ҷашни кишоварзӣ ба шумор меравад.

Хулоса, ҷашну маросимҳои кишоварзии мардуми Рушон оғозашро аз ҷашни Офтоб дар мард ибтидо гирифта, то ба Наврӯзи тирамоҳ ҷамъбаст мегардиданд. Дар баргузории ҷашну маросимҳои кишоварзӣ муайян намудани вақту соат нақши асосӣ бозӣ кардааст. Имрӯз бошад, бисёр ҷашнҳои кишоварзӣ аз байн рафтаанд.

## 2.2. Ҷашнҳо, урфу одат ва маросимҳои чорводорӣ

Мардуми Рушон дар баробари зироаткорӣ ба чорводорӣ низ машғуланд. Чорводорӣ низ дар ҳаёти иқтисодии мардуми Рушон нақши мусоид дорад. Қариб дар ҳар як хоҷагӣ ба парвариши чорво аз қабили бузу гӯсфанд ва гов диққат дода, ин анъана аз қадим ривоҷ ёфтааст ва он аз як қатор ҷашну маросимҳо таркиб ёфтааст, ки ҳисоби вакт дар он нақш бозӣ менамояд. Асосан, ба парвариши гӯсфанд аҳаммияти махсус дода, мувофиқи маълумоти бойгонӣ

---

[1]Зарубин И. И. Сказание о первом кузнеце в Шугнане // Известия Академии наук СССР. 1926. - С. 1116 – 1117.

дар ибтидои асри XX дар хоҷагиҳои Помири Ғарбӣ 74 800 сар моли майда будааст[1].

Чорводориро рушониён *«posdoray» ё «moldoray», «žowdoray» ё «suturdoray»* меноманд. Дар Рушон ба парвариши чорвои калони шохдор, гӯсфанд ва буз машғул мебошанд. Танҳо дар Рошорв мардум баробари инҳо ба *Xaẋgovdoray* (қутоспарварӣ) низ шуғл доранд. То солҳои 40-уми асри XX дар хоҷагиҳо шутур (бо забони рушонӣ – *uẋtur, ẋtur*) ҳам мавҷуд буд, аммо дар замони муосир шутурпарварӣ аз байн рафтааст. Аз чорвои боркаш бошад, дар гузашта хар, хачир ва асп парвариш мекарданд, ки айни замон дар ҳар деҳот як ду хонавода ба парвариши маркаб шуғл доранду халос. Гарчанде ки аспро парвариш мекарданд ҳам, аммо дар мазҳаби исмоилия гӯшт ва қумиси онро хурдан раво нест[2].

Дар Рушони Афғонистон бошад, мисли давраҳои пеш ҳамаи ҳайвоноти зикршуда, ғайр аз *xaẋgov* (қутос) дар ҳаёти ҳаррӯзаи сокинон нақши калон бозӣ менамоянд. Қутосро рушониён «*xaẋgov»* ва говро дар фарқият аз он *«tojiki žow»* – гови тоҷикӣ, яъне гови ҷойдорӣ меноманд[3]. Дар гузашта барон А. Черкасов[4], М. С. Андреев ва дигар муҳаққиқон парвариши шутурро дар Рушон ба қайд гирифта буданд[5], имрӯз бошад, фақат калонсолон шутурпарвариро дар ёд доранд.

---

[1]Документ № 28. – Журнал совещания по вопросу о присоединении к России земель входящие в состав Шугнанского бекства // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед.хр. 12. Л. 256.

[2]Саидов А. Ишораҳое ба таърих ва оинҳои тоҷикони Хитой. - Душанбе, 2006. - С. 80.

[3]Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.

[4]Документ № 27. – Отчет о командировке в Памирские бекства Бухарского ханстве в 1904 // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед.хр. 12. Л. 229.

[5]Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2 - Сталинабад, 1958. - С. 115.

Тоҷикони кӯҳистон баҳорон чорвои худро ба чарогоҳҳои баландкӯҳ мебаранд ва тирамоҳ ба маҳалли зисти муқимии худ бар мегардонанд. Маҳз дар айлоқ мардум ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бисёртар машғул мешуданд[1].

Дар Рушон хӯрокдиҳии зимистонаи чорво вобаста ба иқлими ҳар минтақа ҳар хел мебошад. Мисол дар деҳаи Хуф, ки дар баландии кӯҳ ҷойгир аст он 7 моҳро ташкил медиҳад[2].

Мардумшиносон роҷеъ ба чорводории рушониён таҳқиқот бурда, ба хулосае омаданд, ки барои сокинон гӯсфанд ва гов муқаддас мебошанд. Гӯсфанд тибқи ривояти онҳо ҳайвони биҳиштӣ аст. Ҳатто дар замонҳои гузашта агар модагов мемурд, соҳибхоназан дар ҳаққи он гиря мекардаст. Тибқи анъана рушониён модаговро барои шир ва насл додан эҳтиром гузошта, онро то пир нашудан, забҳ намекарданд. Таваллудшавии ҳайвон дар фасли сарморо фоли хуб намедонистанд. Агар ҳайвон дар фасли сармо таваллуд шавад онро *«kanjakay»* мегуянд. Барои он хуб намепазируфтанд, ки оне ки дар фасли сармо таваллуд мешавад, инкишофи ҷисмонии он суст ҷараён мегирад[3]. Сабаби дигар хуб напазируфтан ба фикри мо дар камбуд будани ғизои чорво дар фасли зимистон низ мебошад.

Беҳтарин фасл барои наслгирӣ баҳорон дониста шуда, вақте ки модагов таваллуд мекунад, онро се рӯз дар оғил нағз нигоҳубин менамоянд. Баъди се рӯз дар хона дудӣ меафрохтанд. То дудӣ наандохтан додани шир аз хонаи мазкур ба дигар хонаҳо манъ будааст[4]. Тибқи одати дигар дар Рушон шабона ширро аз хона набароварда ба дигар хонавода намедоданд ва ин анъана сахт риоя мегардид. Агар шуду дар ҳолатҳои зарурӣ медоданд, пас дар даруни шир аз чӯби сӯхтаистода – лахчаи майдаяк ё барги дарахтро мепартофтанд.

---

[1]Пещерова Е. М. Молочное хозяйсто горных таджиков и некоторые связанные с ними обычаи // По Таджикистану. - Ташкент, 1927. - С. 42 – 59.

[2] Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 117.

[3]Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.

[4] Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 120 – 121.

Мардуми Рушон ҷашнҳои марбут ба рондани чорво ба айлоқро доир мекарданд. Маънои асосии он аз «чашми бад» муҳофизат намудани рамаву подаи ҳайвонот, нигоҳдорӣ ва ҷамъоварии ҳосили фаровон, дар ниҳоят ҳифз нигоҳ доштани некуаҳволӣ дар корҳои оилавӣ мебошад[1]. Ҳангоми рондани чорво ба айлоқ ба бузу гӯсфандон ва говҳо пӯсти партофтаи морро дар нон монда, медоданд. Ин расм ба хотири эмин мондани галаву рама аз ҳайвоноти даранда ва *miri miẋon, miri muẋon (мири мушон)* анҷом дода мешавад.

Тибқи одати рушониён баъди 20-30 рӯзи Наврӯз (тахмиман 22-апрел) чорводорон бо чорвои худ ба айлоқ раҳсипор мешуданд. Аз рӯйи тақвими ҳисоб аз рӯйи бадани одам ин ба қарор гирифтани офтоб дар «бинӣ», «чашм» ё «пешонӣ», яъне даҳаи охири моҳи апрел сурат мегирад[2]. Рушониҳо то равон шудан ба *айлоқ* якчанд расму маросимро қайд мекарданд.

Маъракаи ба айлоқ рафтан аз ду қисм иборат аст. Якум аввали баҳорон ба айлоқи дар назди тепаҳои деҳа баромада рамаро мечаронанд, давраи дуюм бошад, охири моҳи май, ки алафи сабз дар талу тепаҳои наздик хушк мешавад, мардум баъди он чорворо ба дараҳои дуртар, ки он ҷо барф акнун об шудааст, бурда, тобистони дароз нигоҳ медоштанд[3]. Дар давраи аввал дар гузашта аз 5 то 20 хонавода, дар давраи муосир бошад як маҳаллаи деҳа якҷоя шуда, ба навбат як рӯз як хонавода рама ва подаи мардумро мечаронанд, ки инро *«рос pet ё pos pet»*, айнан молбонӣ меноманд. Қисмати дуюм ин ба илоқ сафарбар намудани рамаву пода мебошад.

Яке аз он маросимҳое, ки дар миёни мардуми маҳаллии Рушон то замони имрӯза аҳаммияти таърихии худро гум накардааст, ин раҳсипор ба айлоқ мебошад. Айлоқ ба тамоми тарзи ҳаёти тоҷикони Рушон таъсири калон

---

[1]Снесарев А. Е. Религия и обычаи горцев Западного Памира // Туркестанские ведомости. 1904. № 93.; Давлатбеков Н. Освещение исмаилизма на Памире в трудах русских дореволюционных исследователей. -Душанбе, 1995. - С. 36 – 37.

[2]Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 303.

[3]Моногарова М. Преобразования в быту и культуре припамирских народностей. - М.: Наука, 1972. - С. 68.

мерасонданд ва яке аз хусусиятҳои хоси рӯзгори куҳнаи хоҷагидорӣ ба ҳисоб мерафт.

Капитан А. Г. Снесарев, ки одатҳо вобаста ба айлоқ сафарбар шудани тоҷикони Помирро мушоҳида кардааст, дар ин бора чунин менависад: «Баҳорон ҳангоми дар кӯҳҳо барфҳо об мешаванд, ҳайвоноти майда ва калони шохдорро ба илоқ мебаранд ва онҳо дар он ҷо дар тамоми муддати тобистон, то ҷамъоварӣ намудани ҳосили замин нигоҳ дошта мешаванд. Бо ба охир расидани дарави ғаладонагиҳо, рамаву пода аз илоқ фуроварда мешаванд»[1].

Ин афсари рус менависад, ки дар рӯзҳои аввале, ки рамаву пода ба айлоқи тобистона раҳсипор мешавад, онҳоро танҳо занон ва кӯдакон мебаранд ва танҳо як мард ҳамроҳии онҳо рафта, бо ҳамин як рӯзи мардакҳо ҳамдигарро иваз мекарданд. Ба саволи барои чӣ ҳамин хел одатро иҷро менамоянд А. Г. Снесарев ҷавоби аниқро нагирифтааст, баъзеҳо ҷавоб додаанд, ки бо пойи қадами мард гӯё гург бисёр пайдо мешавад, дигар ҳамсуҳбатонаш гуфтаанд, ки чашми бад мерасад ва муҳаққиқи мазкур ба хулосае меояд, ки маънии воқеии ин одатро мардум фаромӯш кардаанд[2]. Мардумшинос ва муҳаққиқи машҳури ҳаёти анъанавии рушониён М. С. Андреев низ менависад, ки ба айлоқ бурдан ва нигоҳубини чорво дар он ҷо кори занон мебошад[3].

И. И. Зарубин, ки солҳои 1914 – 1915 дар Помир таҳқиқоти этнографӣ мегузаронд, тавассути Мурғоб ба сарҳади Рушон ворид шуда, нахуст бо айлоқи сокинони минтақа рӯ ба рӯ шуда, оид ба тарзи зисти чорводорон маълумот медиҳад. Ӯ низ дар айлоқ фақат занон ва кӯдаконро вомехӯрад[4]. Этнографи машҳури Шуравӣ Е. М. Пешерова ҳам ба ин назар аст, ки қариб ҳамаи корҳо

---

[1]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. М., 1984. Л. 78.
[2]Ҳамон ҷо.- Л. 78.
[3] Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 132.
[4] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника Музея антропологии и этнографии при Российской Академии наук. - Пг., 1917. - С. 101 – 102.

вобаста ба нигоҳубини чорво дар айлоқ ба зиммаи занон ва кӯдакон мебошад[1]. Л. Моногарова ҳам, ки дар даврони Шуравӣ таҳқиқоти саҳроӣ анҷом додааст, менависад, ки бо рама ба айлоқ занон меравand. Тамоми чорворо тобистон ба айлоқ бурда, танҳо дар деҳа як-ду гов барои таъминоти оила, махсусан кӯдакон бо ширро мемонданд[2]. Ин анъана то солҳои 70-уми асри XX дар деҳаи Ирхт дар Бартанг иҷро шуда, аз деҳаи Нисур танҳо занон ва кӯдакон ба парвариши чорво машғул будаанд[3].

А. А. Семёнов маросими ба айлоқ гусел карданро як ҷашни алоҳида ба қалам додааст. Гарчанде ки муҳаққиқи мазкур роҷеъ ба ҷашнҳои тақвимии рушониён ва шуғнониён ихтисоран қайдҳои худро овардааст, аммо онҳо имрӯз аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд. Муҳаққиқи мазкур қайд менамояд, ки ҷашни ба айлоқ сафарбар намудани чорво номи махсуси худро надорад. Ӯ ҷашни мазкурро хусусияти занона дошта тавсиф намудааст. Ҳангоми кӯч бастан ба айлоқ занакҳо аз шир ҳалво тайёр карда, одамон дар як ҷо ҷамъ шуда, ин таомро мехӯранд. Баъд ба он ҷойе меравand, ки чарогоҳи ҳайвонот ҷойгир мебошад, бо расидан ба макони айлоқ нахуст шуда, дудӣ меафрохтанд. Акнун мувофиқи маълумоти ӯ дар ин маросим мардакҳо иштирок намекунанд. Баъди се рӯз занакҳо ҷашнро дубора такрор менамоянд. Боз такроран баъди як ҳафта ҷашнро баргузор менамоянд[4].

М. С. Андреев низ роҷеъ ба ҷашни мазкур иттилоъ дода менависад, ки вақти онро халифа дақиқ муайян менамояд ва сокинонро аз фарорасии он 2-3 рӯз пешакӣ хабар менамояд. Масалан, он дар деҳаи Хуф ботантана қайд карда мешуд. Тибқи ахбори ӯ мардум ба ин ҷашн чунон диққат медоданд, ки саҳар

[1]Пещерова Е. М. Молочное хозяйсто горных таджиков и некоторые связанные с ними обычаи // По Таджикистану. - Ташкент, 1927. - С. 42.
[2]Моногарова М. Преобразования в быту и культуре припамирских народностей. - М.: Наука, 1972. - С. 69.
[3]Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, санаи сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.
[4]Семёнов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама. Т. 1. № 4. - СПб., 1912. - С. 554.

барвақт хеста, кӯшиш мекарданд, ки аз пеши онҳо ягон кас набарояд. Пеш аз баромадан аз хона дар оташдон дудӣ андохта, ба роҳ мебароянд[1].

Е. М. Пешерова зикр менамояд, ки мардакҳо пеш аз бурдани чорво ба айлоқ рафта, ҷойи нигоҳубини рамаро аз назар мегузаронанд, таъмир мекунанд ва рафтани чорво ба айлоқ бо тантана қайд мешавад. Масалан, барои муқоиса дар Ванҷ тамоми деҳаҳо ба айлоқ дар як рӯз раҳсипор мешаванд[2]. Ба фикри мо нарафтани мардон ба айлоқ ин бо кори саҳроӣ банд будани онҳо будааст, то ки ҳосилро ғундошта, таъминоти хонаро афзун намоянд.

Таҳқиқоти саҳроии мо муайян намуд, ки ҳар сол дар моҳи майи тақрибан рӯзҳои 5 ё 6 мардум ба *yil (айлоқ)* раҳсипор мешаванд ва дар баробари ин аввал илчайзан ба *айлоқ* меравад. Пеш аз даровандани гӯсфандон аввал илчайзан дар айлоқгоҳ дудӣ андохта, баъд хӯроки махсус таритро тайёр мекард «Тарит», яъне нонро майда - майда реза карда, бо оби *tиx̌р – қурут* нони майдашударо омехта мекунанд. Ба ғайри ин боз «тарит»-ро бо намуди дигар ҳам тайёр мекунанд, яъне ба ҷойи тухъп (курут) ширро истифода мебаранд[3].

Хӯроки дигаре, ки барои мардум мекашанд, ин *«tačte garδa» - дар табақ кашидани хурок бо нон* мебошад. Баъди хӯрдани ғизо халифа ё шахси куҳансол дуо мехонад ва илчайзан калимаи «Бисмиллоҳ»-ро ба забон мегираду аввал ду се гусфандро ба *айлоқ* медароварданд. Илчайзанҳо як расми ба худ хосро доранд, ки онро «киш» мегӯянд. Яъне то се ё чор рӯз одамоне, ки бо онҳо шаб дар айлоқ монда буданд, намераванд. То охири моҳ ҳар як илчайзан дар *айлоқи* худ молҳои худро нигоҳ мекунанд[4].

Ба «айлоқ ё ил» рӯзи ҷумъа, ки халифаи мулк соати онро муайян мекунад, мераванд. Расидан ба *yil* халифаи деҳа, ё ягон муйсафеди куҳансол дуо мехонанд, ки мазмуни он чунин аст. «Корат пухта, муродат ҳосил, аз дами

[1]Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 134; 137.
[2] Пещерова Е. М. Молочное хозяйсто горных таджиков и некоторые связанные с ними обычаи // По Таджикистану. - Ташкент, 1927. - С. 47 – 48.
[3] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шучанди ноҳияи Рушон, Баранчутов Одина. Соли таваллуд 1946. Санаи сабти сӯҳбат 08.08.2019.
[4] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Нағзибекова Дурсултон. Соли таввалуд 1.01.1939. Санаи сабти сӯҳбат 3.08.2019.

гармии Пири Шоҳносир, тани сиҳат дили беғам. Омин. Барори кор насиби шумо гардонад». Баъди се рӯз маросими *«rev - ravan»* оғоз мегардад, яъне мӯйсафед ё дигар нафар хабаргирӣ меоянд. Ин корро одамони махсус иҷро мекарданд. Масалан, дар деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон ҳар сол ин расмро Худопано, Наврӯзбек, Ёғбек, Ширинбек, Дивлох, Улфатшоҳ, Бадавлат, Одина, Дарвоз иҷро мекарданд[1].

Дар байни мардуми деҳаҳои Дерзуд, Барзуд ва Вамар, ки чорворо барои тобистонгузаронӣ ба Вамардара мебаранд, расм буд, ки шахсони махсус бо ду нон ба остони *Шоҳ Толиб* меомаданд ва дар назди мазор оид ба беҳбудии офияти чорво дуо мехонданд. Роҷеъ ба таърихи Мазори Шоҳтолиб дар «Таърихи Рушон» маълумот оварда шудааст[2]. Дар водии Бартанги ноҳияи Рушон бошад се остон: «Мушкилкушо» дар Емс, «Хоҷаи Нуриддин» дар Басид ва «Хоҷаи Аламдор» машҳуртарин ба ҳисоб мерафтанд[3]. Баъди остони Шоҳтолиб ба остони Тоҷдор, ки дар Вамар ҷойгир аст, рафта, дудӣ меандохтанд. Мувофиқи ривояти мардумӣ дар ин остон пир ё шахси муқаддаси тоҷдор (соҳиби тоҷ) дар замонҳои басо дур зиндагӣ кардааст[4]. Баъд ба хонаҳо баргашта кулчаҳои махсус бо номи «yil sifid puxta – нони худоӣ барои барои рафтан ба айлоқ» мепазанд. Дар роҳи рафтан ба айлоқ дудӣ андохта ҳамаи ҳайвоноти худро ба хона даровварда, пеш аз ба сафар баромадан кам-кам ба танаи чорпоён орд мепошанд, то ки аз чашми ба два дигар қувваҳои бадӣ эмин монанд. Ҳангоми расидан ба айлоқ аз *«yil sifed puxta»,* яъне аз нони худоӣ барои рафтан ба айлоқ хӯроки *«x̊uvdašaw – ширруған»*-ро тайёр карда, мехӯрданд.

Ҳамин тавр, баъди мизи умумии тановул занон як косагӣ ширруған мегирифтанд. Ширравғанро бо чунин тарз омода мекарданд. Дар шири ҷӯшида нонро реза карда равғани зард ҳамроҳ мекарданд. Баъд дудӣ меандохтанд. Баъди бозгашт ба хона ордоб пухта кулчаҳои қурбонӣ барои будубош дар айлоқ

---

[1] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Рамхудоева Чайзан. Соли таваллуд 1937. Санаи сабти сӯҳбат 2.08.2019.

[2]Ниг.: Бахтиёров М. Таърихи Рӯшон. - Душанбе: Илм, 2013. - С. 25 – 26.

[3]Нуриддинов Б. Бадахшон дар масири таърих. - Душанбе, 2022. - С. 15.

[4] Саркоров С. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И.И. Зарубина) Диссертация кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 57.

мепухтанд. Кӯдакҳо барои ширро бо аломати хурсандӣ ва хушҳолӣ бо кабудиҳо мепечониданд. Барои он шохаҳои ҷавони маҷнунбедро гирифта, онҳоро тарзе тоза мекарданд, ки танҳо химчаҳо бо баргҳо монда дар гардани кӯза мебастанд[1].

Ҳангоми ба роҳ баромадан хушбӯйкунанда сӯзонда тамоми чорвоеро, ки ба айлоқ-чарогоҳи тобистона мебурданд ба хона медаровarданд. Пеш аз ҳай кардан ба чарогоҳ илчайзан ба айлоқ ба чорвоҳо орд мепошиданд, то ягон каси аз сари роҳ мебаромада чашми бад накунад. Баъди ба чарогоҳи тобистона расидан аз нонҳои оварда *«xủvdašaw – ширруған»* тайёр мекарданд. Баъди тановул ҳама ба деҳот бар мегаштанд ва рӯзҳои муқаддаси «*arayum – сеюм»* оғоз мешуданд.

*«Arayum»* маънои «серӯзагӣ»-ро дошт, дар тӯли се шабонарӯз бошандагон деҳаҳои Рушон ҳуқуқи ташриф овардан ба чарогоҳи тобистонаро надоштанд. Маросими анҷоми серӯзагӣ *«Arayum-verawoj – шикасти серӯзагӣ»* номида шуда, ба муносибати он зиёфат меоростанд. Мувофиқи тавсифи И. И. Зарубин баъди анҷоми расму русуми *arayum* маросими *uvdum* оғоз меёфт[2].

*«Uvdum»* маънои –«ҳафтрӯзагӣ»-ро дорад. Мувофиқи урфу одат дар тӯли ҳафт шабонарӯз сокинон ҳуқуқи ташриф овардан ба айлоқ надоштанд. Анҷом расидани манъкуниро *«uvdum-verawoj – шикасти ҳафтрӯзагӣ»* меномиданд. М. С. Андреев иттилоъ медиҳад, ки мардакҳое, ки барои ёрӣ расондан чизу чораро то айлоқ бо занҳо мебаранд, баъди ба охир расидани ҷашни ба айлоқ сафарбаркунӣ, онро тарк карда, ба деҳа мефароянд. Ва пас аз ин манъкунии «ҳафтрӯза» сар мешавад. Яъне сокинони деҳа ҳуқуқ надоштанд, ки дар ҳафт рӯз ба айлоқ раванд. Ба ҷузъ он касе, ки баъди ду рӯз аз деҳа барои илчайзанҳо ягон хӯрокворӣ мебурд ва ӯ ҳам уҳдадор буд, ки то ғуруби офтоб бояд айлокро тарк

---

[1]Пещерова Е. М. Молочное хозяйсто горных таджиков и некоторые связанные с ними обычаи // По Таджикистану. - Ташкент, 1927. - С. 48 – 49.

[2]Саркоров С. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И.И. Зарубина) Диссертация кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 57 – 58.

намояд. Агар касе ҳамин манъкунии ҳафтрӯзаро вайрон мекард, ӯро ҷарима мебастанд[1].

Имрӯз маросими серӯза ва ҳафтрӯза дар бисёр деҳоти поёни Рушон моҳияташро гум карда, риоя намешавад. Аммо дар баъзе деҳоти Бартанги Боло ин расмҳои ҳозир ҳам риоя мешаванд.

Ҳангоми таҳқиқоти саҳроӣ ҳамсуҳбати мо Ниёзов Ниёз роҷеъ ба ин масъала ба мо маълумоти ҷолиб дод. Ӯ гуфт, вақте ки мардум кучи чупонро бурда, ба айлоқ мерасанд, бо сабаби роҳ дур будан, онҳо як рӯз дар айлоқ меистанд. Саҳар онҳо ҳуқуқ надоранд, ки ҳар кас ё як гурӯҳ алоҳида ба хона баргарданд. Онҳо саф кашида, илчайзан яко - як пеши онҳо омада, дар дасти росташ *tvez (tivez) – чебаки калони чӯбин барои шир* ва дасти чапаш сател гирифта, шахси калонсол дуои кори хайри чупонӣ ба вай дода, он занак пеши ҳар кас рафта, бо ишора аз пои қадами ҳар яки саф ороста, гуё шир дар сател пур мекунад, ки гӯё қадами ҳар яки онҳо пурбаракат бошад. Сонӣ одамони сафкашида ба ҳаракат даромада, роҳ сӯи хона мегиранд. Илчайзан рафта, дар сател обро пур карда, боз аз қафои онҳо бо чебаки калон обро мепошад ва мегӯяд, ки худоё пои қадаматон хуш бошад, Шумо ба хушӣ омадед ва ба хушӣ рафтед, мо ҳам бо хушӣ мавсими айлоқ гузаронда, бо хушу хурсандӣ ба деҳа баргардем.

Маросими обпошӣ маънии покӣ ва фаровонии ризқу рӯзиро дар ин ҷо ифода мекардааст. Ин ҳамсуҳбат мо мушоҳидаи худро аз чарогоҳи Ирхт ба мо иброз дошт. Баъди ин ягон кас ҳуқуқ надорад се рӯз ба ҳамин айлоқ биёяд. Дар айлоқи Марҷаной бошад, маросими манъи ҳафтрӯза низ то имрӯз риоя карда мешавад. Расму русуми анҷомдодаи он низ мисли манъкунии серӯза буда, фақат фарқият дар шумораи рӯзҳо мебошад, яъне ҳафт рӯз рафтан ба айлоқ барои дигарон манъ аст[2]. Аз таҳлили маводи ҷамъоваринамуда ба хулосае

---

[1]Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 137.

[2]Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.

омадан мумкин, ки то инқилоб агар барои мардон манъ будааст, имрӯз барои ҳамагон ворид шудан ба айлоқ дар ин муддатҳо манъ аст.

М.С.Андреев қайд намудааст, ки дар водии Хуфи Рушон ҳам расму таомули *«arayut»* – «серӯзагӣ» ва *«uvdut»* – «ҳафтрӯзагӣ» амал мекард[1]. Чуноне ки қайд кардем, дар замони ҳозира *«серузагӣ» ва «ҳафтрӯзагӣ»* дар деҳоти болои Бартанг қисман риоя мешавад.

Аз рӯйи маълумоти И.И.Зарубин баъди аз айлоқ баргаштан дар бегоҳии якуми ба хона омадан *«yilčayzan – илчайзан»* зиёфат ташкил карда, гусфанд мекушт ё *«x̌uvdašaw - ширруған»* тайёр карда, мардумро нон медод. Инчунин баъди аз айлоқ баргаштан ва ҷамъ кардани ҳосил дар Рушон ҷашни махсусро қайд мекарданд[2].

Мувофиқи маълумоти ҷамъоваринамудаи мо ҷашни мазкурро 21 сентябр қайд мекарданд, ки Наврузи тирамоҳ мебошад.

М. С. Андреев низ менависад, ки баргаштани чорво аз айлоқро *«куч ят»* мегӯянд ва он ҷашн гирифта шуда зиёфат медоданд[3].

Айни замон дар деҳоти Бартанги Боло, вақте ки илчайзан аз айлоқ мефарояд, мардуми деҳа бо табрикот ба хонаи вай рафта, дастовардро ба сифати мевагиҳои хушк ё ягон матоъ туҳфа гирифта мераванд. Илчайзан бошад аз тарафи худ ё гӯсфанд кушта зиёфат медиҳад ё ширруған карда, мардуми омадаро меҳмондорӣ менамояд. Агар имконият бошад, ба ҳар хонадон як-ду килои равғанӣ маска, *«tux̌p – қурут»-ро* тақсим карда медиҳад[4]. Дар байни аҷдодони тоҷикон ҷашни аз айлоқ баргаштан маъмул будааст. Масалан муҳаққиқ М. Бойс менависад, ки дар давраи зардуштия байини эронитаборон аз

---

[1]Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 135.
[2]Саркоров С. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И.И. Зарубина) Диссертация кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 59.
[3]Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 138.
[4]Аз сӯҳбати диссертант бо Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе, сабти суҳбат аз 15 июли соли 2021 с.

айлоқҳои тобистона баргаштани чорво низ ҷашн гирифта мешуд ва он ба қатори ҳафт ҷашни бузурги мардуми ориёӣ дохил будааст[1].

Чорво, махсусан гусфанд барои кӯҳистониён аҳаммияти муҳим ва дар иқтисодиёти тоҷикон нақши калонро мебозиданд. Он ҳайвони муқаддас ҳисоб шуда, ҳатто дар ҷашни Батаём намудҳоро дар шакли *«tavojak – қучқорча»* ва «барзагов» омода карда, ба маразы тамошо мегузоштанд. Аз пашм ва пӯсти гусфанд либосу пойафзол барои худ тайёр мекарданд. Оид ба тарзи тайёр намудани пойафзол дар Рушони тоинқилобӣ дар мақолаи И. И. Зарубин маълумот оварда шудааст[2].

Насли калонсол ҳанӯз дар хотир доранд, ки дар он вақт аз ҷиҳати либосворӣ тоҷикони кӯҳистонӣ танқисӣ мекашиданд ва барои тайёр кардани либос аз пашми гӯсфанд истифода мебурданд, ғайр аз ин аз пӯстҳоро барои ҷойи хоб, либоси гарми зимистона ва дигар рӯзгори хона истифода мебурданд. Масалан, дар давраи тоинқилобӣ сокинони водии Бартанги ноҳияи Рушон либосвориро пурра аз пашми гусфанд тайёр мекарданд[3], зеро дар ин ҷо пахтаро парвариш намекарданд, либоси пахтагӣ танҳо аз дигар манотиқ оварда мешуд[4]. Ва ҳоло ҳам маҳсулоти пашмин аҳаммияти худро гум накардааст, аз пашми гӯсфанд ришта тайёр карда, намад, ҷуроб ва дигар либосвориро мебофанд. Аз пашми буз бошад дар гузашта палос мебофтанд[5].

Ҳамин тавр, маросимҳои чорводорӣ низ имрӯз дар Бартанги Боло бештар ҳифз гардидаанд. Махсусан таваҷҷуҳи мардум ба дуруст парвариш намудани модагови ширдеҳ ва барзагов барои шудгори замин зиёд буд. Пеш аз ба айлоқ

---

[1]Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. - М., 1987. - С 44.

[2]Зарубин И. И. Обув горных таджиков долины Бартанга (с двумя таблицами рисунков) // Отдельный оттиск из III тома Сборника Музея Антропологии и Этнографии при Императорской Академии наук. - Пг., 1915. - С. 89 – 92.

[3] Документ № 27. – Отчет о командировке в Памирские бекства Бухарского ханстве в 1904 // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. Л. 229.

[4] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника Музея антропологии и этнографии при Российской Академии наук. - Пг., 1917. - С. 137.

[5] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника Музея антропологии и этнографии при Российской Академии наук. - Пг., 1917. - С. 121.

равон кардани чорво барои муайян кардани рӯзи нек пеши халифа рафта, рӯзи сафар ба айлоқро муайян мекунанд. Барои мисол маросими ба айлоқ бурдани чорво дар деҳаи Пасор чунин одату анъана доранд: Тахминан мобайни моҳи май мардум рӯзи неки сафарро ба воситаи халифа деҳ муайян карда, чупон пухта (нони омехта бо рағану шир) карда, мардумро ба тановули пухта даъват менамояд. Аз ҳар хонаводa як нафар чорворо аз Пасор то айлоқҷойи ба мавзеи Девлохга мебаранд. Вақте чорворо ба мавзеи Девлохга мебаранд чӯпон як сар бӯз ё гусфандро нарзу ниёз мекунад. Баъди ҷо ба ҷо шудани чӯпон се рӯз мебоист аз деҳа ба ин айлоқгоҳ касе наравад. Баъди гузаштани се рӯз рафту омади деҳиён рӯхсат дода мешавад[1].

Ба айлоқ бурдани чорво барои мардуми Рушон як қатор имкониятҳо медиҳад: чорворо дар кӯҳҳое, ки чарогоҳҳо аз алафҳои серғизои кӯҳӣ мечаронанд, ки он пас аз зимистон қувваи худро барқарор намуда, ба зимистони дигар тоб меорад; киштзорҳои худро дар тобистон, ки дар атрофи деҳа ҷойгиранд, аз чорво эмин нигоҳ медоранд; дар «айлоқ» пору ҷамъ шуда, онро ба сифати нуриҳои органикӣ истифода мебаранд; барои зимистонгузаронӣ дар айлоқ равғани маска, зард ва “*тиx̌р – қурут*”- *го* истеҳсол менамоянд[2].

Ҳамин тавр, дар айлоқ занон дар баробари чарондани ҳайвонот ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, аз қабили *тиx̌р* (қурут), равған, инчунин пашм машғул мешаванд, ки барои зимистонгузаронӣ ин маҳсулот зарурӣ ба ҳисоб мерафт. Занҳо дар як ҷо ҷамъ шуда, маҳсулот омода мекарданд[3]. Занон «илчайзанҳо» аз моҳи июн сар карда, ба ҷамъоварии равған ва маҳсулоти ширӣ шуруъ мекунанд.

Хизматгори ҳомиёни асотирии истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ пир бибӣ Фотимаи Заҳро маҳсуб мешуд ва дар байни занон эҳтироми хоса

---

[1] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Пасори водии Бартанги ноҳияи Рушон, Аълочии маорифи ҶШС Тоҷикистон Нуриддинов Бахталӣ, соли таваллуд 1945. Санаи сабти сӯҳбат 17.12.2022 с.

[2] Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958.

[3] Пещерова Е. М. Молочное хозяйсто горных таджиков и некоторые связанные с ними обычаи // По Таджикистану. - Ташкент, 1927. - С. 49.; Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 138.

доштанд[1]. Дар ҳар хона одатан занҳо буданд, ки вазифаи аввалиндараҷаи онҳо кашидани дуғ буд ва ин кори онҳо аз насл ба насл мерос мемонд.

Хулоса, дар соҳаи чорводорӣ низ рушониён ҷашну маросимҳои хоси худро дошта, дар айни замон баъзе аз расму оин ва маросимҳои қадима марбут ба чорводорӣ, ки то вақтҳои охир иҷро мешуданд, аз муҳити тоҷикони кӯҳистонӣ қариб аз байн рафтаанд. Ҳамин тавр, яке аз масъалаҳои асосии таҳқиқи мо ҷашну маросимҳои вобаста ба касби чорводорӣ мебошад, ки таҳқиқоти саҳроии мо муайян кард, ки дар айни замон баъзе аз расму оин ва маросимҳои қадима оид ба ин соҳа қариб аз байн рафтаанд, онҳо қисман дар деҳоти дурдаст иҷро мешаванду халос. Дар замони ҳозира расмоҳи *«серузагӣ» ва «ҳафтрӯзагӣ»* дар деҳоти болои Бартанг қисман риоя мешавад.

[1]Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск 1. Под редакцией Н. А. Кислякова и А. К. Писарчик. - Душанбе, 1966. - С. 169.

# БОБИ III. МАРОСИМҲОИ ДОИРАИ ҲАЁТИИ МАРДУМИ РУШОН

## 3.1. Ҷашну маросимҳо дар алоқамандӣ бо таваллуд ва тарбияи кӯдак

Роҷеъ ба таваллуди кӯдак ва маросимҳо вобаста ба он муҳаққиқони тоинқилобӣ ва Шуравӣ маълумот додаанд, ки аз ҷумлаи онҳо М. С. Андреев, И. И. Зарубин ва дигарон мебошанд. Барон А. Черкасов бошад, дар гузориши худ муносиботи оиладорӣ ва тарбияи кӯдакони кӯҳистониёнро баррасӣ намуда, ба он баҳои баланд додааст[1].

И. И. Зарубин солҳои 1915-1917 дар Рушону Шуғнон маводи илмӣ ҷамъоварӣ намуд, ки ҳамсуҳбатони вай Саидшо аз деҳаи Вамар, Абдурраҳим ва Сафар аз деҳаи Нусур, ақсақол Қабул аз Рошорв ва аз Шуғнон бошад Ғулом Алӣ ном шахс аз деҳаи Поршинев буданд. И. И. Зарубин маълумоти ба даст овардашударо то ҳадди имкон тавассути мушоҳидаҳои шахсӣ ва бо маълумоти дигар манбаъҳо муқоиса ва таҳлил кардааст[2]. Ҷашну маросимҳо дар алоқамандӣ бо таваллуд ва тарбияи кудак дар байни шуғнониҳоро бошад, этнографи тоҷик З. Юсуфбекова дар таҳқиқоташ инъикос намудааст[3].

Маросимҳо дар алоқамандӣ бо таваллуди кӯдак ва нигоҳубини вай аз лаҳзаи фаро расидани вақти таваллуд оғоз мегарданд. Ҳамин, ки вақти таваллуди кӯдак фаро мерасад, зани ҳомиладор дар ҳол ба модар ва ё хешони дигари калонсол хабар мерасонад. Ин ҳолатро бемории чордард *(pucbimor ё ziryotdarδ)* меноманд. Дар ҳамин лаҳза мардоне, ки дар хона бошанд ба берун мебароянд ва ба ҷои онҳо занҳои калонсол медароянд ва чанде аз ҳамсояҳо он ҳам ҳозир мешаванд. М. С. Андреев бошад қайд менамояд, ки дар ҳамин лаҳза пеш бонуи ҳомиладор фақат модаркалон меистад, ки онро «пир-зича» мегӯянд[4]. Вақте ки ҳамсоязанҳо аз берун вориди хона мешаванд онҳо янчанд лаҳза пеши хона рост истода, баъд вориди ин хона мешаванд.

---

[1]Документ № 27. – Отчет о командировке в Памирские бекства Бухарского ханстве в 1904 // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед.хр. 12. Л. 225.

[2]Зарубин И.И. Рождение Шугнанского ребёнка и его первые шаги. - Ташкент, 1927. - С. 361.

[3]Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX – начало XX века). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - Л., 1987. - С. 11 – 15.

[4] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - С. 50.

Дар гузашта, вақте ки лаҳзаи таваллуд фаро мерасид, зани ҳомиларо дар *čalak* – ҷои махсус дар хонаҳои рушонӣ, мегузоштанд ва он ҷо раванди таваллудкунии кӯдак мегузашт. Имрӯз бошад дар беморхонаҳо ин раванд сурат мегирад.

Мусиқӣ ва суруд низ дар ин лаҳза мавқеи хоса дошта, дар маросими таваллуди кӯдак, пири хонадон рубоб дар даст дар даромадгоҳи хона нишаста, мусиқӣ навохта, суруди интизориро замзама мекунад[1].

Вақте ки кӯдак таваллуд мешавад нофашро ба теғ бурида, одатан онро бо латаи тоза мебанданд. Ба хотири миҷози гарм доштан, пашми гӯсфанди сиёҳро болои ноф мемонанд. Кӯдакро дар оби гарм пешакӣ мешӯянд. Баъд аз ғалтидани нофи кӯдак дар баъзе манотиқи Рушон риштаи сурхро кулула карда, дар болои он мемонанд ва бо матои сафед нофи кудакро дар муддати се чор рӯз мебанданд. Агар нофи кӯдак дер меғалтад он зане ки онро бурида буд, мегӯянд, ки *vazmin δost ya vij* – дасташ вазмин будааст -. Модар нофро гирифта, онро дар ягон ҷой нигоҳ медоранд. Дар ҳолатҳое, ки кӯдак сахт гиря мекунад, модар шири синаро ҷушонда нофро ба ният се бор аз болояш мегузаронад ва онро ба кӯдак медоданд, кӯдак аз гиря мемонад. Ҳатто пеш аз пӯшидани либоси кӯдаки навзод китфҳои ҳар ду даст ё ҳадди ақкал як дасти ростро бо риштаи сурх мебанданд. Ин ришта мақсади муайян надорад, то канда шуданаш бист рӯз ва баъзан аз ин ҳам зиёдтар мемонад. Ғайр аз ин, баъзан барои писарбачаҳо, одатан аз 3 то 7 мӯйи аз думи асп кашида дар гардани онҳо мебанданд. Ин мӯй барои 7 – рӯз боқӣ мемонад ва нақши тӯмори махсус бар зиди бемории кӯдакӣ, варами гулӯ ва забон , дар омади гап гӯё, аз он ки касе аз назди хона дар болои асп мегузараду кина мекунад.

Тифли навзодро дар паҳлуи модар мегузоранд. Дар давоми се рӯзи аввал зани таваллудкардаро танҳо намегузоранд. Тифлро дар матои пахтагӣ мепечонанд, ки онро *wuẋtak* мегӯянд ва дар назди модар мегузоранд. Одатан дар гузашта рушониҳо кӯдакро дар пораи матои аз куртаи куҳансолон канда,

---

[1]Маҳмадамонов Х. Созҳои мусиқии Бадахшон. - Душанбе, 2013. - С. 7.

мепечонданд. Ин расм ба хотири он анҷом дода мешуд, ки тифли навзод ҳам умри зиёд бинад[1].

Агар ҳангоми таваллуд бо модаркалон ягон каси дигар дар хона бошад, бо анҷом расидани таваллуд вай ба берун ба пеши шавҳари таваллудкарда баромада, ба ӯ хабар мерасонад.

Ҳангоми мужда расондан ба мардум оид ба кудак бо назардошти ҷинсаш мардуми Рушон дар гузашта, агар писар таваллуд мешуд муборакии тирандоз ва агар духтар ба дунё меомад муборакии алвопаз мегуфтанд ва дар ҷавоб падар мегӯяд «Худо муборак», «Худованд мададгорат бод». Дар баъзе манотиқи Кӯҳистони Тоҷикистон калимаи *юғ-* ро барои писар ва *дуғ*-ро барои духтарон истифода мебаранд[2]. Дар гузашта ҳангоми таваллуди писар падар дарҳол ба ҳаво се бор аз камон тир холӣ мекард, то ки кӯдакро аз қувваҳои бадӣ эмин намояд[3]. А. А. Бобринской ин анъанаро дар миёни вахониҳо ва ишкошимиҳо ҳам мушоҳида кардааст[4].

Вақте ки хабари хушро ба падар мерасонанд фарзанд агар якум бошад, ба *мудохогар (паёмрасон)* гусфандро ҳадя мекунанд. Дар водии Бартанги Рушон падар дарҳол баъди шунидани хушхабари таваллуди кудак равғани гови тару тозаро ба коса гирифта, ба назди халифа меравад. Ӯ дуо хонда се бор ба равған *пуф* карда, ба падар медиҳад. Баъди баргаштани падар он зане, ки барои ӯ *мудохо* расондааст равғанро ба хона мебарад ва тифли навзоде, ки дар хона қарор дорад се бор аз коса ба даҳони он бо ангушт равған мемоланд. Ин дар байни тоҷикон яке аз анъанаҳои муҳим ба шумор меравад[5].

Дар баробари ин барои ҳифз аз таъсири қувваҳои бад чораҳо андешида, пиёлаи равғандорро падар бо кафи худ мепӯшонад ва муборакбодгӯй ҳам онро зери остинаш ба хона медарорад.

---

[1] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - С. 52.
[2]Кабиров Х. Этнолингвистическое исследование бытовой лексики языка таджиков Китай. (на материале этнической группы сарикольцев). Диссертатсия доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. - С. 141.
[3] Зарубин И. И. Рождение Шугнанского ребёнка и его первые шаги. - Ташкент, 1927. - С. 335.
[4]Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). Очерки быта по путевым заметкам графа А. А. Бобринского. - М., 1908. - С. 94.
[5] Зарубин И. И. Рождение Шугнанского ребёнка и его первые шаги. - Ташкент, 1927. - С. 338.

Мардуми Рушон як расми хосе ба худ касб карданд, ки шахсе, ки бори аввал ба кӯдак равған медиҳад падару модараш дар қайди ҳаёт бошанд. Дар Рошорв табриккунанда бори аввал ба кӯдак се бор бо зикри номи худо барои раҳо аз мушкилиҳо ғизо медиҳад ва каме равған ба даҳони кӯдак мемоланд. Баъди таваллуд кӯдак вақте ки занҳо ҳама ҷоро ба тартиб оварда, тоза карда, бошанд, баъд мардонро даъват мекунанд. Дар даромадгоҳи хона пиронсолон дуо мехонанд, боқимонда ба суханони *muborak tamare – муборак ба шумо* гуфта, вориди хона мешаванд ва бо сухани баракат ёбед гуфта, аз хона берун мешаванд[1].

Рушониён ба номгузорӣ низ аҳаммияти махсус медиҳанд. Дар Рушон одаме, ки вафот кардааст, аҳлу оила ва хешони наздик уҳдадоранд, ки номи ӯро ба тифл гузоранд. Барои ҳамин шахс уҳдадор аст, ки ба фарзанди худ аввал номи гузаштагони худ – падар, модар, бобо, модаркалон ва ғайраро гузорад. Агар ягон гузашташударо надошта бошад, метавонад озодона ба фарзанд ягон ном гузорад. Номи одами дар қайди ҳаёт буда гузоштан манъ будааст, аммо дар баъзе ҷойҳо мемонанд.

Падари навзод ҳамзамон, бо нӯги ангуштони худ сарпӯши сари кӯдакро гирифта, ӯро се бор мебӯсад. Рӯйи кӯдакро бо *pecjulak – рубандак* пинҳон мекунанд.

Нигоҳбини кӯдаки навзод хусусиятҳои хос дорад, аз ҷумла дар як рӯз либоси кӯдакро се чор маротиба иваз мекунанд. Барои печонидани кӯдак чор *wuẋtak jul* зарур аст. Барои кӯдак аз матои пахтагин, ки дарозии онҳо 1,5 ё 1,56 см баробар бошад, истифода мебаранд ва онро *«wuẋtak»* мегӯянд. Модари таваллудкардаро дар муддати 10 – 20 рӯз аз баъзе хӯрокҳо парҳез мекунанд, баъди ин вай хуроки гандумӣ, шир, равған, гушт, тухм, чормағз ва ғайра истеъмол мекунад. Ба модар се рӯз танҳо ордоби ширдор ё ордоби бо равғани

---

[1] Зарубин И.И. Рождение Шугнанского ребёнка и его первые шаги. - Ташкент, 1927. - С. 339.

зард омода карда, ё бо донаки зардолӯ медиҳанд. Вақте ки барои фарзанд ном мегузоранд дар ҳамин лаҳза аз тиреза тир мезананд[1].

Дар гузашта одатан се рӯзи аввал модар ба кӯдак шир намедод, кӯдакро кам-кам равғани маска медоданд. Тибқи одат дар Рушон ҳолате ҳам мешавад, ки модар кудакро аз рӯзи аввал шири сина медиҳад, агар боварӣ дошта бошад, ки шири ӯ ягон бемориӣ надошта бошад. Одат будааст, ки тифлро на одами калонсол, балки кудаки тақрибан 6-7 сола равғани маска медод. Агар тифл писар бошад, пас писарбача, агар духтар бошад, дар ин ҳолат ӯро духтарбача ғизо медодааст. Риояи ин одат қатъӣ будааст. Ин одатро барои он иҷро мекардаанд, ки хусусияту характери манфии одамони калонсол тавассути додани ғизои аввалин ба тифл нагузарад. Барои ҳамин ғизодиҳанда шарт будааст, ки хурдсол бошад, ки аз гуноҳ ва рафтори бад тоза аст[2].

Се рӯзи аввали баъди таваллуди кӯдак вақти муҳим аст, ки кӯдак ва модари ӯро аз ҳаргуна қувваҳои бадӣ ҳифз намоянд. Тифл ва модари ӯро дар ин муддат ҷиддан нигоҳубин менамоянд. Баъди серӯза ба кӯдак таштов дода дар пешони миёни абрӯвон «*Эӯ̊v*» мемонданд. Айни замон анъанаи фьӯвмонӣ дар серӯзагӣ иҷро намешавад. Таштовро дар гузашта ҳатто дар лаҳзаи ба дунё омадан низ якум шуда қатрае ба даҳони кӯдак мерехтанд. Танҳо баъди анҷоми серӯзагӣ модар ва кӯдакро оббозӣ медароранд ва аз ҳамин лаҳза модар фарзанди навзоди худро бо шираш ғизо медиҳад. Маҳз аз ҳамин номи маросими ҷашнии *kalzined – шуштани сар* гирифта шудааст.

Оид ба ҷашни мазкури рушониён капитан А.Е. Снесарев маълумот дода, қайд менамояд, ки таваллуди писар ҷашн гирифта мешавад, аммо таваллуди духтарро қайд намекунанд[3]. Аммо дар замони Шуравӣ ва муосир новобаста аз ҷинси кӯдак рушониён ба дунё омадани тифлро ҷашн мегиранд.

---

[1]Кабиров Х. Этнолингвистическое исследование бытовой лексики языка таджиков Китай (на материале этнической группы сарикольцев). Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. - С. 142.

[2] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - С. 62.

[3]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. ЛЛ. 81 – 82.

Ҷашни калзинед дар Рушон дар гузашта баъди се рӯзи таваллуди кӯдак доир карда мешуд. Дар рӯзи сеюм баъди таваллуди кӯдак ҷашни *калзинед* «шустани сар» доир карда мешавад, ки мардум ба тамошои кӯдак меоянд. Дар ин рӯз дар хона зиёфат ороста, касоне, ки ташриф меоранд, дар таги сари ҷойи хоби кӯдак муборакбод гуфта, маблағ мемонанд. Одатан ин ҷашн характери занона дошта, ба он фақат занони деҳа даъват карда мешаванд. Маҳз дар ҳамин рӯз модар ва тифли навзоди ӯро дар хона дар об мешӯянд. Аз ҳамин ҷо мафҳуми *kalzined* баромадааст.

Ин корро модаркалон ва яке аз занон иҷро менамоянд. Одатан яке занон модари тифлро аввал шуста, баъд модаркалон расман тифлро мешӯяд ва акнун навзодро дар матои тоза мепечонанд. Маҳз баъди ин расм, чуноне ки гуфтем модар тифли худро бо шири худаш ғизо медиҳад. Меҳмононе, ки ба калзинед меоянд ҳатман бо худ ягон чизро ба кӯдак ва модари ӯ меоранд, ки онро *tabaqay vigo* мегӯянд. Овардани туҳфа ҳатмӣ аст, бо дасти холӣ бояд ба калзинед ягон кас наояд. Мувофиқи маълумоти М. С. Андреев дар Хоруғ дар фарқият аз Рушон ҷашни *kalzined* дар рӯзи 7-уми баъди таваллуди кӯдак доир карда мешудааст[1]. Шуғнониҳо ин ҷашнро «Муборакбод» меноманд ва вақти баргузории онро дар онҳо мардумшиноси тоҷик З. Юсуфбекова дақиқ нишон надода, 3 рӯз ё дар 7 рӯзи баъди таваллудро зикр кардааст[2].

Дар давраҳои пеш дар ҷашни мазкур мардум ҷамъ шуда, шухиҳо мекарданд, хурсандӣ менамуданд, аммо сурудхонӣ намекарданд. Аммо аз миёнаҳои асри XX то имрӯз ин ҷашн бодабдаба, агар якум фарзанд бошад, доир карда шуда, зиёфат ва сурудхонӣ доир карда мешавад. Дар ин рӯз бонувони дафнавоз бо зарбҳои махсуси мусиқӣ аз дуру наздик дафзанон ба хонаи ҷашндори «*kalzined*» меоянд[3]. А. Е. Снесарёв бошад илова мекунад, ки дар худи

---

[1]Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. С. 62.
[2]Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX – начало XX века). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - Л., 1987. - С. 13.
[3]Маҳмадамонов Х. Созҳои мусиқии Бадахшон. - Душанбе, 2013. - С. 8.

он хонае, ки ҷашни «*kalzined*» баргузоршуда занҳо ба бом баромада доирабазму дафсозро баргузор менамоянд[1].

Ҷашну маросими дигар ин *«Ar šinak vuбdo – гаҳворабандон»* мебошад, ки лаҳзаи муҳим дар ҳаёти ҳар инсон ба ҳисоб меравад. Ин ҷашн дар байни рушониён чунин аҳаммият доштааст, ки барои доир намудани он зарур будааст, ки розигии халифаро гиранд. Халифа бояд рӯзу соати некро муайян мекард ва баъд ин ҷашнро доир мекарданд. Давраи ба гаҳвора даровардани тифл вобаста ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодии хонавода аз 20 то 40 рӯзагии баъди таваллуд сурат мегирифт. Одатан дар гузашта баробари *«šinak – гаҳвора»* дар баъзе оилаҳо *«wulčak – олучак, дастбанд, аргунчак»* низ истифода мешудааст. Дар Рушон устоҳои махсус будаанд ва ҳозир ҳам ҳастанд, ки гаҳвораро тайёр мекарданд.

Ба ҷашни мазкур хонавода меҳмонҳоро низ даъват менамояд. Ин ҷашн дар вақт ва соати нек доир карда мешавад. Бори нахуст мондани кӯдак дар гаҳвора тибқи одат баъди ғуруби офтоб ва шурӯи торикӣ сурат мегирад. Дар ин маросим ҳам занон ва ҳам мардон баробар иштирок намуда, пеш аз даровардани тифл ба гаҳвора дудӣ меандозанд. Тифлро ба гаҳвора писарбачаи 6-10 сола мегузорад, ки ҳатман зарур буд, ки падару модари ӯ дар қайди ҳаёт бошанд[2]. Ин шарт барои он иҷро мешавад, то ки волидайни тифл низ умри дароз бинанд. Чун анъана писарбача тифлро ба даст гирифта, «Ба номи Худойи бахшанда ва меҳрубон»-ро талаффуз намуда, ӯро ба гаҳвора меандозад ва ба тифл муроҷиат карда мегӯяд: *«pir sa, ba kamoli pire firap – пир шав, ба камоли пири бирас»*. Падари тифл ба писарбача ба хотири ба гаҳвора мондани фарзанди навзодаш ё гӯсфанд ё гӯсоларо тақдим менамояд.

Баъди он ки кӯдакро ба гаҳвора мемонанд, дар таги сари ӯ ва дар поёни пойҳояш ду донагӣ кулча мемонанд. Онҳо дар он ҷо то рӯзи дигар мемонанд. Саҳар ягон мардак агар ба ин хона бо кадом коре биёяд, модари кӯдак ба ӯ

---

[1]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. Л. 82.

[2] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - С. 68.

мурочиат менамояд, ки ду дона кулчаро аз гаҳвораи кӯдак гирад. Ин ҳурмату эҳтироми калон нисбати ин одами ба хона омада дониста мешавад. Дар навбати худ ин одам ба хона рафта ё матоъ ва ё муҳраҳои махсус *«тоғ»*-ро гирифта, баргашта ба ҷои он кулчаҳое, ки аз гаҳвора гирифта буд, мемонад. Даъват намудани ду кулчаи боқимонда низ бо ҳамин тарз сурат мегирад, агар дигар мардак ба хона дарояд. Ин кулчаҳо ба мисли нонҳое, ки ба остон бурда мешаванд, «пухта» ном доранд.

Меҳмононе, ки ба ҷашни мазкур ҷамъ омадаанд, барои онҳо гӯсфанд кушта, зиёфат медиҳанд. Меҳмонон ҷашнро бо сурудхонӣ гарм менамоянд, ки он то соати 12 шаб идома меёбад.

Ва ҳамин тарз бо суруду мусиқӣ, ки саршор аз рақсҳои гуногун, бадеҳахонӣ, таронаҳои мардумӣ «Гаҳворабандон»-ро ҷамъбаст менамоянд. Дар ин рӯз ҳама бо туҳфаҳои хеш омада туҳфаро бо навои мусиқӣ ва суруд ба модари кӯдак тақдим менамоянд[1].

Бобо, модаркалон, модару падар вақти хобонидани кӯдак ҳатман суруди *«Lalayak, Lalay modak»*-ро сароида, бо рубоб, танбӯр ё най мусиқӣ менавозанд, то кӯдак осуда хобад ва бо ҳамин васила тамоми ҳастии тифлро бо мусиқӣ мепайванданд. Ҳамин тавр, дар вақти ба гаҳвора мондани тифл низ суруди махсуси «лалайяк» - ро мехонанд, ки мазмунаш бо чунин мисраҳо сар мешавад:

О Лай - лай;
Лалай модак лай,
Ху мо (д) пуцак лай.

Муҳиммияти дигар дар масъалаи таваллуди кӯдак ва маросимҳои вобаста ба он ин пур риоя намудани чил мебошад, ки дар ин муддат модари ӯро *«ziča»* меноманд. Дар чил рӯз бояд модар ягон кор накунад. Тибқи анъана чиллаи писарбача 20 рӯз буда духтарбача бошад, 40 рӯз. Дар муддати чил рӯз модари тифлро нағз нигоҳубин менамоянд ва вай бояд хӯрокҳои серғизоро истеъмол менамоянд. Одатан махсус барои вай ягон барраро заб менамоянд. Ҳар гуна ордобҳои равғандор омода менамоянд. Дар гузашта дар муддати 40 рӯз мардак

---
[1] Маҳмадамонов Х. Созҳои мусиқии Бадахшон. - Душанбе, 2013. - С. 8.

ба кӯдак наздик намешуд. Дар 40 рӯз шавҳар аз занаш ҷудо хоб менамояд. Модар ба кӯдак то дусолагӣ шир медиҳад. Агар модар боз бордор шавад, аз ҳамон лаҳза дигар ба кӯдак шири худро намедиҳад. Вақте ки маросими чилла (чилрӯзагӣ) ба охир мерасад, ба кӯдак курта (акта)-и нав мепӯшонанд. Пӯшоке, ки дар натиҷаи ҷамъбасти маросими чил аз кӯдак кашида мешавад, онро «*čilgaypuẋok*» меноманд ва он муқаддасу бахосият ҳисоб шуда, ба дигар одаме, ки тифл таваллуд кардааст медоданд, то ки тифли вай ҳам аз чилрӯзагӣ саломат барояд. Дар баробари ин, баъзе либосҳои чилро дар болои *aẋar* мепартоянд. Вақте ки кӯдак чилрӯзагиро пур мекунад, дар баъзе мавридҳо танаи ӯро аз пушт ва сина *kolak* мезаданд, то ки хуни мурда аз танаш берун барояд. Гӯё пас аз ин кӯдак боқувваттар ва донотар мешавад.

Бо анҷом расидани чилрӯзагӣ тибқи одату анъана ва бовариҳои рушониён ба инсон ба ҷои руҳи ҳайвонӣ руҳи инсонӣ ворид шуда, дар ин рӯз ҷашн барпо намуда, зиёфати калон медоданд. Одатан ба ин ҷашн бисёртар мӯйсафедон ва кампирҳоро даъват менамоянд. Баъди зиёфат дуо мехонанд. Дар ин рӯз ба кӯдак пушоки нав пӯшонда, пӯшоки кӯҳнаашро ё ба ягон каси нодор тӯҳфа менамоянд ё бурда дар боғи ҳавлӣ дар дарахт мемонанд.

Махсусан баровардани аввалин дандон, аввалин қадамгузорӣ низ бо хурсандӣ қайд карда мешуд[1].

Ба маросиму одате, ки ба таваллуди кӯдак марбутанд, бори нахуст аз хона баровардани кӯдак ҳам шомил мешавад. Агар кӯдак тобистон таваллуд шуда бошад, вайро озодона ба даст гирифта, берун мебароварданд. Агар тифл зимистон таваллуд шавад, то фасли сармо ба охир нарасад ӯро аз хона намебароварданд. Дар ин ҳолат кӯдакро танҳо бо фаро расидани фасли баҳор аз хона мебароранд.

Барои бори нахуст аз хона баровардани кӯдак низ вақту соати некро интихоб менамоянд. Пеш аз баровардани кӯдак аз хона дар оташдони хона дудӣ меандозанд. Баъди ин модар аввал кӯдаки худро ба остони марказӣ мебарад,

[1]Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX – начало XX века). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - Л., 1987. - С. 14.

албатта бо худ ду дона нон ё *xatlapa (чалпак)-ро* ба сифати пӯхта мегирад, ки онро *«ostonpuxta»* меноманд. Нонҳоро мардакҳо хӯрда, барои саломатӣ ва умри дароз ба кӯдак дуо мехонанд.

Маросими дигар ин бори нахуст бурдани кӯдак ба хонаи хешутабор ё ҳамсоягон мебошад. Дар ин маросим, вақте ки модар ё шахси ҳамроҳи он ба дари ҳамсоя ё хешовандон расида дарро кушода меистад ва баён менамояд, ки *«ти рис (ти rizen) ar рабеп navazd – писарам (духтарам) ба дар намеғунҷад»*. Дар ҷавоб ба ин, соҳиби хона ба онҳо тухфаро ба сифати матоъ, баррача ё гусоларо медиҳад. Баъди ин модар бо кӯдакаш ба хона медароянд. Одатан баррача ё гӯсоларо то калон шудан, дар ин хона нигоҳубин карда, вақте ки калон шуданд, ба хонаи тифл мебаранд.

Маросими дигар ин «*koltext, kaltext* – *«тарошидани мӯи сар»* мебошад, ки он дар вақти як солагиро пур кардани кӯдак доир карда мешавад. Ба ин муносибат низ одатан гӯсфандро кушта, зиёфат медоданд. Хешу табор ба ин муносибат ба кӯдак туҳфаҳоро мебиёранд. Тибқи қайдҳои М. С. Андреев, ин маросим одатан дар рӯзи ҷумъа ё панҷшанбе баргузор мегардад[1]. Одатан мӯйи сари кӯдакро шахсе метарошад, ки волидайнаш дар қайди ҳаёт бошанд. Ин ҷавон сартароширо оғоз намуда, баъд теғро ба ягон мӯйсафед медиҳад. Вай ҳам як теғ мӯйи сарро гирифта, боз ба дигар кас теғро медиҳад, ҳамин тавр ба навбат сари кӯдакро метарошанд. Хулоса 10-15 мӯйсафед дар сартарошии кӯдак ба навбат саҳм мегузоранд. Ин ба он хотир иҷро карда мешавад, ки кӯдак ҳам мисли онҳо умри дарозро бинад. Мӯйи сарро намемонанд, ки ба замин афтад, балки онҳоро дар лата ҷамъ намуда, маҳкам баста, дар дарахт бурда, овезон менамоянд. Ин расм барои он иҷро карда мешавад, ки кӯдак мисли фаришта пок аст ва набояд мӯйи сари ӯ ба замин афтида, ифлос шавад, дар болои дарахт бошад, он пок мемонад.

Ҷашни *koltext* як рӯзи пурра давом мекунад. Дар гузашта дар ин ҷашн бозиҳои варзишӣ, аз қабили бузкашӣ, гуштингирӣ, рақсу сурудхонӣ доир намуда, ғолибонро бо туҳфаҳо қадрдонӣ мекарданд. Танҳо бегоҳи мардум ба

[1] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - С. 90.

хонаҳояшон бар мегаштанд[1]. А. А. Бобринской низ менависад, ки ба муносибати бори аввал гирифтани мӯйи сари кӯдак ҷашн барпо намуда, мусиқӣ ва сайругаштро доир менамоянд[2]. Ҷашну маросимҳо вобаста ба бори аввал тарошидани мӯи сари кӯдак барои муқоиса миёни рушониён ва дигар тоҷикони Куҳистони Бадахшон дар мақолаи профессор Э. Ҳоҷибеков оварда шудааст[3].

Профессор Х. Кабиров дар диссертатсияи худ масъалаи мазкурро дар байни сарикулиҳо баррасӣ намудааст, ки он ба маросими рушониён хеле наздик мебошад[4].

Ҷашни дигар вобаста ба масъалаи мазкур, ки онро бо тантанаъ қайд мегардад, ин хатнасур мебошад. Мардуми Рушон, хатнасурро *buškivd* ё *xonasur* мегӯянд. Роҷеъ ба ин ҷашни рушониён бори нахуст шуда, муҳаққиқи рус С. П. Ванновский хеле мухтасар маълумот дода, қайд менамояд, ки хатна кардани кӯдакон дар рушониён ҳатмӣ мебошад[5]. Хатнасур дар синни 5 – 7 солагӣ, вале баъзан ҳатто пас аз 2 -солагӣ низ анҷом дода мешавад, аммо, мувофиқи таҳқиқоти И. И. Зарубин, бо сабабҳои иқлимӣ - гигенӣ дар давраи тоинқилобӣ танҳо дар фасли тирамоҳ рузи чоршанбе барои буридан рӯзи хуб маҳсуб мешуд[6]. М. С. Андреев бошад фасли тирамоҳ ва фасли зимистонро мувофиқ донистааст[7].

Пештар мардуми Рушон ба ин муносибат иди калонеро бо ташкили бозиҳои варзишӣ, аз қабили гуштингирӣ, бузкашӣ, пойгаҳ, аспдавонӣ, гӯйбозӣ ва ғайра доир мекарданд. Минҷумла, М. С. Андреев дар мисоли деҳаи Хуф қайд

---

[1] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - С. 90 – 91.

[2]Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). Очерки быта по путевым заметкам графа А. А. Бобринского. - М., 1908. - С. 96.

[3]Ҳоҷибеков Э. Маросими бори аввал тарошидани мӯи сари кӯдакони хурдсол дар Шуғнону Рушон, Вахон ва деҳаи Рини Ишкошими Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. № 3 (27). 2023. - С. 68 – 73.

[4]Кабиров Х. Этнолингвистическое исследование бытовой лексики языка таджиков Китай (на материале этнической группы сарикольцев). Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. - С. 142.

[5]Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 90.

[6] Зарубин И.И. Рождение Шугнанского ребёнка и его первые шаги. - Ташкент, 1927. - С. 340.

[7] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - С. 92.

менамояд, ки ин ҷашни калон ба ҳисоб рафта, як рӯз давом мекунад. Ва дар он рақсу сурудхонӣ, бузкашӣ, гуштингирӣ ташкил карда мешавад. Хушу хурсандӣ то додани зиёфат идома менамояд. Вақте ки зиёфат аз ҷониби соҳибхона дода мешавад, баъд ба меҳмонон иҷозат дода мешуд, ки ба хонаҳои худ баргарданд. Яъне зиёфат пеш аз иҷрои амали хатна доир мешавад. Баъди рафтани меҳмонон табиби мардумӣ ин амалиётро дар ҳузури хешовандони наздик иҷро менамояд[1]. Албатта усторо низ туҳфа дода, ба хона гусел мекарданд.

Ин ҷашн дар байни кӯҳистониён бо хусусиятҳои хос ва тантанаъ қайд карда мешуд. Масалан, муҳаққиқи империяи Россия Г. А. Арандаренко дар Дарвоз ин ҷашнро мушоҳида намуда, қайд менамояд, ки одамони шароити хуб дошта одатан онро се рӯз қайд мекарданд. Дар ин рӯз, новобаста аз ҷинс одамон ҷамъ шуда, баъди зиёфат бозии бузкаширо ташкил менамоянд[2].

Дар замони муосир бошад, ҷашни мазкур ва гаҳворабандон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо даъват кардани хешу табор, ҳамсояҳо ва дӯстони наздик сурат мегирад. Бо вуҷуди ин як гӯсфандро забҳ мекунанд ва ҳатман чанд кулчаи оддии ҳамвор мепазанд, ки аз ҷониби пухтаи қурбонӣ эҳтиром карда мешавад.

Мувофиқи мушоҳидаи этнографи машҳури рус А. А. Бобринской дар байни кӯҳистониён аз 15 солагӣ сар карда, аллакай даври кӯдакӣ ба охир расида, инсон ба балоғат расида ҳисоб карда мешавад[3].

Ҳамин тариқ, дар тарбия ва парвариши кӯдакон вақти синну сол нақши муҳим бозӣ карда, ҳатто барои машғул шудан ба бозӣ ҳам он риоя мешуд. Бозиҳои кӯдакони рушонӣ аз бозиҳои оддӣ сар шуда, то ба *jigonbazay, guybex̌t* – ҷавгонбозӣ мерасад. Имрӯз бисёр бозиҳо, аз ҷумла, гӯйбозӣ, аз байн рафтаанд. То ба синни никоҳӣ расидан давраи кӯдакӣ идома ёфта, баъди маросими никоҳ ҷавонон ба ҳаёти мустақилона қадам мегузоранд. Дар замони муосир маъракаҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, мӯйисаргирони тифл ва дигар ҷашну

---

[1] Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - С. 92.
[2] Арандаренко Г. А. Досуги в Туркестане 1874 – 1889. - СПб., 1889. - С. 469.
[3] Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). Очерки быта по путевым заметкам графа А. А. Бобринского. - М., 1908. - С. 96.

маросим вобаста ба таваллуди кӯдак тибқи қонунгузории ҷорӣ ба танзим даровarда шудаанд[1].

Хулоса, ҷашну марсимҳо вобаста ба таваллуди кӯдак ва тарбияи ӯ низ дар ҳаёти ҳаррӯзаи рушониён нақши муҳим бозӣ карда, дар таҷлили онҳо вақти муайянро риоя намуда, соати некро интихоб менамоянд.

## 3.2. Маросимҳо вобаста ба никоҳ ва тӯй

Расму оинҳои анъанавии мардумони мухталифи дунё, ки дар ибтидои таърихи башарият ҳамчун яке аз шаклҳои ташкил ва ҳамгироии ҷомеа ба вуҷуд омадаанд, имрӯзҳо ба суръати басо тез тағйири шаклу моҳият намуда, беш аз ин, дар ҷараёни ҷаҳонишавии босуръат бо як назари боэътино ба онҳо бархӯрд карда мешаванд. Бо аз байн рафтани расму русум ва анъанаҳои, системаи маъёрҳои эстетикӣ, ахлоқӣ, диниву фалсафии ҷомеа, ки дар тӯли таърих чандинҳазорсола ҷамъу ташаккул ёфтааст, низ нобуд мегардаду системаҳои нави ҷаҳонбинии муосир пайдо хоҳанд гардид. Вале бояд эътироф намуд, ки таҳаввулоти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ба тағйири шаклу расму оинҳои мардумӣ низ таъсири худро мерасонанд, бинобар ин пешгирӣ намудани чунин инкишофи тафаккуру муносибатҳои инсонӣ дар ҷомеаи муосир ғайриимкон ва ноoқилона пазируфта шудааст[2].

Яке аз муҳимтарин расму оинҳои мардуми Рушон баргузории тӯйи арусӣ мебошад. Маросимҳо оид ба тӯйи мардуми Бадахшон дар асарҳои як қатор муҳаққиони русу англис зикр шудааст[3]. Бояд зикр кард, ки вожаи тӯй туркӣ

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе, 2017. - С. 9.

[2] Айдаров Ҳ. С. Оид ба як ойини маросими тӯйи сокинони ноҳияи Шуғнони ВМКБ // Муаррих (Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ). № 4 (28). 2021. - С.134.

[3] Борнс А. Путешествие в Бухару. Часть 1. М., 1848.; Путята. Очерк экспедиции капитана Путяты в Памир, Сарыкол, Вахан и Шугнан 1883 г.// Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск 10. - СПб., 1884.; Семёнов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов// Мир Ислама. Т. 1. № 4. - СПб., 1912.; Сребренников А. А. Очерк Памира. СПб., 1900.; Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. Л. 80 – 81.; Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков (Долина Бартанга). - Пг., 1918.

буда, синоними калимаи тоҷикии *«сур»* мебошад, ки дар Рушон он мавриди истифода аст. Сури арусии тоҷикони Рушон аз расму русумҳои мухталиф иборат мебошад.

Оид ба маросими тӯйи арӯсӣ ва никоҳи мардуми Рушон низ як қатор муҳаққони тоинқилобӣ ва Шуравию муосир ахборот додаанд ва нақши ҳисоби вақтро дар иҷрои он муҳим арзёбӣ кардаанд. Масалан, капитан А. Г. Снесарев, ки дар минтақа хизмати ҳарбӣ иҷро намудааст ва то ба вазифаи сардори отряди Помир расида буд, менависад, ки ин маросим чанд давраро дар бар мегирад. Аввал расми *«pavsto – пурсидан ё xiẋay čigo – хеши кардан”* иҷро карда мешавад, ки одатан модари домод ба хонаи арӯс рафта, иброз менамояд, ки *zindagoni taleptoyam yač* (мо талабидани зиндагӣ омадем). Вақте ки розигии волидайни арӯсро мегиранд, баъди он маросими «*talabiʒ* - хостгорӣ” сар шуда, то зиёфати тӯёна ва одатҳои баъди онро дар бар мегирад[1].

Маросими тӯйи рушониён низ аз якчанд шарт ва иҷро намудани чанд силсилаоину расм иборат мебошад. Якум бояд ба синну сол аҳаммият дод. Пеш аз давраи инқилобӣ синну соли никоҳӣ дар рушониҳо ва дигар тоҷикони Помир якхела набуд: он барои писарон 15-19 солагӣ барои духтарон 10-15 солагӣ муқаррар гардида буд. Имрӯз бошад, тибқи қонунгузории Тоҷикистон синни никоҳӣ аз синни 18 боло муқаррар гардидааст. Анъанаи гаҳворабахш ҳам дар замони Шуравӣ аз байн рафта, имрӯз танҳо дар ёди калонсолон мондааст. Дар гузашта расми гаҳворабахш ҳам дар ҷомеаи рушониён ҷой дошт, аммо имрӯз он аз байн рафтааст.

Масъалаи вобаста ба маросими ақди никоҳи тоҷикони кӯҳистонро ҳанӯз мардумшиносони тоинқилобии рус ва шуравӣ омӯхта, оид ба он дар асарҳояшон маълумот додаанд. Масалан, Г. А. Арандаренко маросими никоҳро байни тоҷикони Кӯҳистони Бадахшон таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки онҳо ба никоҳи хеш як умр содиқ монда, ҳодисаи талоқ (аз ҳам ҷудошавӣ байни ҳамсарон), хеле кам ба назар мерасид ва ҳолатҳои вайрон кардани паймони

---

[1]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. ЛЛ. 80 – 81.

содиқ мондани ҳамсарон бошад қариб, ки ба назар намерасад[1]. Тибқи хулосаҳои аксарияти муҳаққиқони тоинқилобӣ, гарчанде ки дини Ислом иҷозат додааст, ки ҳар мард ҳуқуқ дорад чанд зан гирад, аммо дар Рушон ин расм маъмул набудааст[2].

Шарти дигари бастани никоҳ ин ба синну соли никоҳӣ расидан мебошад. Одатан то давраи Инқилоби Октябр дар ин самт қонуни мусулмонӣ амал мекард ва тибқи одату анъана ва шариат синну соли никоҳӣ муайян гардида буд. Масъалаи мазкур дар таҳқиқоти як қатор муҳаққиқон оварда шудааст[3]. Дар замони Шуравӣ бошад, тибқи кодекси оила ва дигар қонунгузории марбута синну соли никоҳӣ барои намояндаи ҳар ду ҷисм ин ба синни 18 солагӣ расидан муқаррар карда шуда буд. Дар Тоҷикистони муосир низ қонунгузорӣ синну соли муайянро барои бастани ақди никоҳ муайян кардааст. Ҳамин тавр, имрӯз барои бастани ақди никоҳ синну соли никоҳиро қонунгузории Тоҷикистон муайян намуда, меъёрҳои он дар тамоми миқёси ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар ноҳияи Рушон низ ҳангоми бастани ақди никоҳ риоя карда мешавад.

Дар гузашта никоҳ бо хешутабори наздик дар Рушон дар байни холабачаю амакбача бо розигии миёни волидайн, ки мехостанд мероси худ аз ҷумла заминро нигоҳ доранд, баста мешуданд. Имрӯз ин одат қариб, ки ба назар намерасад ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба танзим даровардааст. Дар байни сарикулиҳо бошад то се насл гузаштани никоҳи хешутаборӣ мумкин набудааст[4].

Аз рӯйи қайдҳои М. С. Айндреев дар Рушон хонадоршавӣ ба хешони наздик манъ будааст. Рушониҳо низ аз никоҳҳои омехта бо дигар мардум канораҷӯйӣ мекарданд[5]. Ин амал дар дигар тоҷикони помирӣ низ ҷой дорад.

---
[1]Арандаренко Г. А. Досуги в Туркестане 1874 – 1889. - СПб., 1889. - С. 466 – 469.
[2]Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 90.
[3]Арандаренко Г. А. Досуги в Туркестане 1874 – 1889. - СПб., 1889.
[4]Ниг.: Кабиров Х. Ш. Этнолингвитсическое исслеодвание бытовой лексики языка таджиков Китая (на материале этнической группы сарыкольцев). Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2017.
[5]Андреев М. С. Таджики долины Хуф. Выпуск 1.- Сталинабад, 1953. - С. 131 –135.

Масалан, сарикулиҳо низ, ки дар Чин зиндагӣ менамоянд, новобаста аз дӯстона ҳамзистӣ намудан бо дигар халқҳо бо онҳо никоҳ намебанданд. То ки тозагии нажоди худро аз даст надиҳанд[1].

Давраи дуюмро дар маросими тӯй расми хостгорӣ иҷро менамояд. Дар Рушон пеш аз он ки ба хостгории арус раванд волидайни тарафайн машварат мекарданд. Баъзан ба ин гуфтушунидҳои пешаки модарони онҳо замина мегузоштанд. Баъд падари домод хешовандони худро даъват карда, гусфанд кушта, онҳоро меҳмондорӣ хешовандони домод туҳфаҳо меоварданд якҷоя ба хонаи арус рафта, бо худ ғизои сабук, гӯшт, нон ва туҳфаҳо мегирифтанд. Дар Рушон хостгоронро бо даромадан ба хона дар китфашон орд пошида, дудӣ меандохтанд[2]. А. Г. Снесарев қайд менамояд, ки дар Рушони тоинқилобӣ ҳангоми маросими хостгорӣ падари домод ба волидайни арусшаванда як гӯсфанд ва як ё ду гилимро тӯҳфа медиҳад[3].

Пеш аз он ки ба назди волидони арус раҳсипор шаванд, кучаро аз назар мегузаронданд, то ки дар роҳ одаме вонахӯранд, ки ба чашми бад ба онҳо нигарад, зеро ин метавонист ба бадбахтиҳо нохушиҳо орад. Мувофиқи анъана барои хостгорӣ рузи нек интихоб карда мешуд[4]. Дар вақти хостгорӣ меҳмононро хушомадгӯйӣ карда, аз онҳо мепурасанд, ки бо кадом ният омадед? Хостгорон гуфтаҳои зерини маросимиро талаффуз мекарданд; *zindagoni taleptow am yat* – мо ба назди шумо ба умеди талаби ҳаёт омадем ё «*qavmat vidat qavmde savam* – хеш будем, бо хеши наздиктар шавем». Арус дар фотиҳа иштирок намекард ва дар ин вақт аз хона берун мебаромад. Тоҷикони Рушониҳо ба тӯй як ё ду сол тайёрӣ медиданд.

---

[1]Кабиров Х. Ш. Этнолингвитсическое исследование бытовой лексики языка таджиков Китая (на материале этнической группы сарыкольцев). Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. - С. 143.

[2]Давлатбеков Н. Освешение исмаилизма в трудах русских дореволюционных исследователей. - Душанбе, 1995. - С. 40.

[3]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. М., 1984. Л. 80.

[4] Андреев М. С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - С.192.

Масъалаи дигар барои баргузор намудани маросими тӯй ин хароҷотҳои домод ба тӯй буд, ки ин расмро *Jamgay* меноманд. Одатан *qarordod* айнан ҳосили ваколатдор ба назди волидони арус фиристода мешуд, то ки кай баргузор шудани тӯйро фаҳмида гирад. Баъди ташрифи *«қосид»* падари арус ба хонаи домод як ё ду намояндаи худро ҳамчун қабулкунандаи маҳсулотҳоро барои тӯй мефиристод. Дар ҳар ду ҳолат онҳоро аз ҳисоби хешовандони худ, як амак ва як тағои арус интихоб мекарданд. Ҳангоми аз хонаи арус баромадан ва ба хонаи домод даромадан ба рӯйи онҳо орд мепошиданд. Меъёри хароҷоти домод барои арӯс ҳангоми барпо намудани тӯй дар Рушони тоинқилобӣ дар диссертатсияи С. А. Саркоров нишон дода шудааст[1]. Имрӯзҳо бошад хароҷоти домод барои арӯс дар як ҳолати муайян нест ва он зуд-зуд тағйир меёбад. Либосворие, ки домод барои арӯс медиҳад онҳоро дар якҷоягӣ *newanʒox* меноманд.

Давраи дигари омодашавӣ ба тӯй ин тайёр намудани либосҳои арусу домод мебошад. Тибқи одати дерина либосҳои арусу домодро бояд дар рӯзи нек медӯхтанд[2].

Оид ба намуд ва сифати либоси мардуми Рушон муҳаққиқони рус Д. Л. Иванов[3], С. П. Ванновский[4], В. Банковский[5], барон А. А. Черкасов[6], И. И. Зарубин[7] ва М. С. Андреев[1] аз аввалинҳо шуда маълумот додаанд. Дар Рушон

---

[1]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006.-С. 71-72.

[2]Броимшоева М. Таҳлили этнолингвистикии эътиқодот ва таъбироти мардумии мансуб ба маросими тӯи арӯсӣ // Масъалаи помиршиносӣ. Барориши 6. - Душанбе, 2006. - С. 93.

[3]Иванов Д. Л. Путешествие на Памир // Известия Императорского Русского географического общества. Т. XX. 1884. - С. 209 – 252.

[4]Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе / Ванновский // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 73 – 125.

[5]Банковский В. С Памиров. С Шоджана в Рошан и обратно // Туркестанские ведомости. 20 февраля (4 март) февраля 1894 года. № 13. - С. 57.

[6]Документ № 27. – Отчет о командировке в Памирские бекства Бухарского ханстве в 1904 // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед.хр. 12. В. 226

[7] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника Музея антропологии и этнографии при Российской Академии наук. - Пг., 1917. - С. 134 – 137.

ҳафтае пеш аз тӯй дар яке аз рӯзҳои мусоид (дар рӯзи панҷшанбе ё ҷумъа) дар хонаи домод ва арус маросими *jomaburon* ороста мешуд. Дар рӯзи оростани урфу одати *jomaburon* модари домод дар ғалбер матоъҳоро барои духтани либосҳои домод мебаровард. Дар вақти ин маросим ду зан сурудҳои ошиқонаи *dargilak* мехонданд.

Аз рӯйи боварии рушониён ин расму таомул хусусияти афзунгарона дошт ва «ғалбел» ба серфарзандии домод ва арус мусоидат мекард зеро, ки ғалбел» барои тоза кардани ғалладонаҳо таъин шуда меваҳои хушк рамзи муҳаббат ҳаёти ширин ва хушбахтона дониста мешуд[2].

Дар замони ҳозира *Jomaburon* дар духтани либос барои домод на пора мекунанд ва на медузанд, балки либосҳоро аз мағозаю бозорҳо мехаранд: шиму костюм, гарданбанд ва куртаи сафед, ки дар ин таъсири фарҳанги европоӣ ба назар мерасид. Аз ҷиҳози домод, дар замони Шуравӣ танҳо тоқӣ боқӣ мондааст. Аммо хушбахтона имрӯз боз дар ҷомеаи рушониҳо эҳё намудани пӯшидани либосҳои анъанавӣ ҳангоми тӯй ба назар мерасад. Дар хонаи арус низ дар ин рӯз *Jomaburon* меоростанд, барзагов ё гусфандеро забҳ карда, зиёфат омода мекарданд. Барои арус аз матоъҳои аз хонаи домод оварда либосу ҷиҳоз тайёр мекарданд.

Дар Рушони тоинқилобӣ барои арус инҳоро медӯхтанд: ду курта, яке пахтагин дигаре аз чит, ду шалвор, як ҷуфт пойафзол, як рӯймол (шол), як рубандак, як рӯмолча, як сарбандаки сурх, як чодарпӯш, ду *laif*[3].

Маълумоти дар боло оварда шуда барои илми мардумшиносӣ хеле нодир мебошанд. Чунки дар онҳо маҷмуи архаистии ҷиҳози арусии рушониён инъикос шудаанд. Дар айни замон ба арус аз ҷониби хонаи домод ҳашт

---

[1]Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 243 – 254.

[2]Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX – начало XX в.). - Душанбе, 2001. - С.101 – 102.; Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006.-С 72-73.

[3]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006.-С 74.

порчаҳои гуногуни матоъҳои гаронарзиш сетага руймоли хурд ва калон дода ба, ҷойи сарбанд рӯймоли калони сурхро истифода карда, инчунин палто, свитер, туфли, мӯза ва ҷуроб мебаранд. Ин ҳама пешаки аз тарафи модар ва хешовандони арус тайёр карда шуда на дар як рӯз, чи тавре, ки пештар буд омода карда намешаванд.

Баъди маросим *jomaburon* падари домод *jatgar* – муждарасон ҷавонеро, ки ҳамаи хонаҳои деҳаро гашта, онҳоро ба тӯй даъват намояд, барои иҷрои ин кор мефиристонад. Вориди ҳавлӣ шуда, ӯ ифодаи махсусро барои даъват истода менамояд: *Salomolek maẋinak oš* – сулҳ ба шумо, оши нахудро хӯред ва дар ҷавоб чунин суханонро мегирифт: *walekum bar salom, pinjinak xaẋpa* – валекум бар салом, ордоби арзаниро чашидан гиред.

Дар ин ифода унсури фарҳанги аҳолии маҳаллӣ ба мушоҳида мерасад. Дар замони ҳозира чунин ифодаҳо кам истеъмол шуда, дар ҳади фаромуши мебошанд.

Ҳамин тариқ, давраи асосии маросими мазкур базми сурона фаро мерасад. Тӯй дар Рушон *“sur”* номида мешавад. Тӯйи рушониён бо чунин тарз мегузарад: домодро оббозӣ даровaрда, ришашро метарошиданд ва ин расмро хондани сурудҳои анъанавии «сартарошон» ҳамроҳӣ мекард. Аммо имрӯз дар Рушон хондани суруди саратрошон аз байн рафта, он иҷро намешавад.

Падари домод дар ғалбер аз анбор сару либосҳоро оварда, ғалберро се маротиба гирди оташдон мегардонданд, халифа бошад дар ин вақт дуои туёна мехонд. Мувофиқи расму таомулҳои идона, наврасе, ки падар ва модар дошт, домодро ҳамроҳӣ карда, шалвор ва остинҳои куртаи ӯро мебаст ва инчунин ҷомаи ӯро пӯшонда, пӯли гарав талаб мекард. Домодро дар хона муқобили оташдон мешинонданд.

Баъди иҷрои ин маросим домод подшоҳ ҳисобида мешуд. Ва дар паҳлӯҳояш дӯстни ӯ вазирро мешинонданд. Дар ин ҳол ҳофизон доиразанон суруди тӯёнаи шо муборак бод, табрикоти шоҳро мерасониданд. Аз рӯйи анъана дар ин вақт ба «подшоҳ» иҷозат дода мешуд ҳама кореро, ки ӯ мехост кунад ҳама хоҳишу дархости ӯ иҷро карда мешуд.

Подшоҳ назди оташдон сари таъзим фуруд оварда, дастони падар ва модарашро мебусид, ба китфи ӯ орд (*bum*) мепошиданд, сурудхонӣ карда, доира мезананд. Подшоҳ пеш-пеш ва аз қафои ӯ дӯстонаш мерафтанд, ҳамроҳони домод «лашкар» номида мешуданд, онҳо пиёда ба хонаи арус равона шуда дар ин ҳол сурудҳои тӯёна месароиданд. Модари домод дар хона мемонд. Дар назди хонаи ҳамсоя «лашкар»-и домодро манъ карда меҳмондорӣ мекарданд.

Мувофиқи анъана пеш аз омадани домод арус аз пагоҳӣ бо ёрии дугонаҳояш расму таомули ғуслро иҷро мекард, ки барои ин онҳо либосҳои то шустушӯ ба бар доштаи арусро мегирифтанд.

Дар наздикиҳои хонаи арус ба домод ширруған пешниҳод менамоянд. Барои ин хешовандон ва ҳамсояҳои арус аз домод, ягон чизро талаб мекарданд. Одатан домод, ангушташро ба коса тар карда, аз шир хӯрда, ба хона медаромад.

Рушониҳо ҳангоми баромадан аз хонаи арус барои вай маҳри «назди дар» - ро талаб мекарданд. Дар айнӣ замон низ гарав барои арӯс «назди дар» боқӣ мондааст. Дар назди дар пул талаб мекунанд. А. Г. Снесарев иттилоъ медиҳад, ки пеш аз тӯй домод ба волидони арус ба маблағи 100-150 рупий (баробар ба 50-70 рубли ҳамонвақтаи Россия) туҳфа медод[1].

Маросими хондани хутбаи ақди никоҳ низ хусусиятҳои хоси худро дорад. Аз рӯйи маълумотҳои И.И.Зарубин дар Рушон баъди омадан ба хонаи арӯс домод ва меҳмононро зиёфат медоданд, ва баъди ин дар соати мувофиқ оварда, ба никоҳкунӣ шуруъ мекарданд.

Маросими ақди никоҳи рушониён аз чанд давраи муайян иборат мебошад, ки иҷрои онҳо амри зарурӣ мебошад.

Давраи якум, ин интихоб намудани рӯзи нек барои бастани никоҳи навхонадорон мебошад. Тибқи анъанаи деринаи мардуми ориёитабор, ки рушониён як ҷузъе аз ин қавм мебошанд, тӯй (сур), маросими никоҳ, гирифтани ҳаққи шири модар ва «ҷомабурон» бояд дар рӯзи нек доир карда шаванд. Барои

---

[1]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов - М., 1984. Л. 81.

ҳамин рӯзи никоҳ, ҳатто муайян намудани соати онро халифаи деҳа тавассути китобҳои махсуси динӣ таъйин менамояд. Тибқи таҳқиқоти М. С. Андреев одатан барои бастани маросими ақди никоҳ рӯзи панҷшанберо интихоб мекарданд. Зарур аст зикр менамоем, ки дар Рушон мафҳуми «қалинг» мавриди истифода нест ва худи «қалинг» низ маъмул набудааст. Кӯҳистониён тибқи одати деринаи худ амал намуда, духтарони худро ба бахр, яъне ба қалинг намедоданд. Ба назари шоири тоҷик Салимшо Ҳалимшо дар ҷомеаи ориёитаборҳо муқаррароте будааст, ки тибқи он духтари фурӯхташуда, соҳибватан, инсони озод ва эҷодкор, пайғамбар, роҳбар ва паҳлавонро тавлид карда наметавонад[1]. Аз ин лиҳоз дар байни рушониён низ қалинг вуҷуд надорад.

Давраи дуюми омодагӣ ба маросими бастани ақди никоҳ тартиботи муайяни вақт барои баргузор намудани маросими никоҳ бо духтар ва бевазан мебошад. Мувофиқи хулосаҳои М. С. Андреев дар ин масъала анъанаи ҷиддан муайянкардашуда амал менамояд. Масалан, агар арус духтар бошад, маросими ақди никоҳи он рӯзона, ки доим хушу хурсандӣ аст, баргузор карда мешавад, агар арус бевазан бошад, маросими ақди никоҳи он баъди ғуруби офтоб доир карда мешавад[2].

Давраи навбатӣ ин омодагӣ дидан ба баргузории маросими никоҳ мебошад.

Дар ин вақт табақи чӯбинро гирифта, дар он се дона нон монда, дар болои онҳо косаи аз об пур кардаро мемонанд ва аз болои ҳамаи инҳо рӯймоли сафед монда, мепӯшонанд. Пеш аз ин бошад халифае, ки маросим ва хондани ақди никоҳро иҷро менамояд ва ҳуқуқи гузарондани тамоми маросимҳои тӯйгузарониро ба зимма дорад, се шахсро интихоб менамояд, ки яке аз онҳо намояндаи арус (вакил) интихоб карда мешавад, дутои дигарро ҳамчун шоҳид

---

[1] Салимшо Ҳалимшо. Дарахти ҷовидонхирад. Дар бораи рӯҳи умумибашарии фарҳанги миллии мо // Дарси хештаншиносӣ. Дафтари дуюм. - Душанбе: Ирфон, 1991. - С. 361.
[2] Андреев М. С. Таджики долины Хуф. Под редакцией Э. Кочумкуловой. Вып. II – I. Переизд. - Бишкек: ОсОО «Джем Кей Джи», 2020. - С. 161.

интихоб менамоянд[1]. Ҳарсеи онҳо дар пога дар миёни хона ба зону дар муқобили халифа ва вазир, ки дар нох нишастаанд, мешинанд. Вакил (намоянда), ки дар миёни шоҳидон мешинад, нақши нисбатан калонтарро иҷро менамояд, яъне маҳз ӯ рафта, арусро оид ба розӣ буданаш мепурсад, инчунин маҳз ӯ ҳамон табақи бо чизу чораи барои бастани никоҳ заруриро ба пеши халифа меорад.

Давраи навбатӣ ин гирифтани розигии арус барои баромадан ба шавҳар мебошад. Ин маросим аз он сар мешавад, ки аввал вакил дар назди халифа роҷеъ ба ростқавлӣ амал намудан ҳангоми бастани никоҳи навхонадорон қасам ёд карда, барои пурсидани розигии арӯс ба пеши вай меравад. Арус дар ҷои махсус дар кунҷи хона дар доираи занон мешинад, барои ҳамин ба вакил зарурият пеш меояд, ки тавассути онҳо ба назди арӯс расад. Вакил аз худи духтар розигиашро пурсида, ҷавоби онро ба халифа мерасонад. Дар ҳақиқат дар бастани ақди никоҳ розигии тарафайн хеле мухим буда, ба он эҳтиром гузошта мешавад. Муҳаққиқони тоинқилобии рус, ки дар Рушон байни аҳолии маҳаллӣ таҳқиқот бурда буданд низ дар асарҳояшон қайд кардаанд, ки аксарияти никоҳҳо байни кӯҳистониён тавассути муҳаббат ва розигии ду дилдода сурат мегифтанд[2].

Ҳамин тариқ, вақте ки омодагиҳо ба гузарондани ақди никоҳ пурра тибқи шарту талабот сурат гирифта, агар ягон монеа набошад, халифа ба гузарондани маросими ақди никоҳ иҷозат дода, раванди роҳбарӣ намудани онро пурра ба дӯш гирифта, дар бастани никоҳ ҳамчун қозӣ баромад менамояд. Тибқи одати маъмулӣ ва анъанаҳои деринаи кӯҳистониён барои барпо намудани оила пеш аз ҳама розигии тарафайн, розигии волидайн, ки он ба воситаи маросими хостгорӣ ба даст оварда мешавад, зарур мебошанд. Баъди ин, рӯзи никоҳ, сур ва дигар маросимҳои вобаста ба он муайян карда мешаванд. Дар ҳамаи ин маросимҳо,

---

[1]Андреев М. С. Таджики долины Хуф. Под редакцией Э. Кочумкуловой. Вып. II – I. Переизд. - Бишкек: ОсОО «Джем Кей Джи», 2020. - С. 162.

[2]Давлатбеков Н. Освещение исмаилизма на Памире в трудах русских дореволюционных исследователей. - Душанбе, 1995. - С. 38.

халифаи деҳа иштирокчӣ ва роҳбарикунандаи асосии ин расму маросим ва оинҳо ба шумор меравад.

Афсари рус С. П. Ванновский, ки дар байни муҳаққиқон бори нахуст шуда, роҷеъ ба рушониён маълумоти васеътарро пешкаши доираҳои илмии Россия ва Ғарб пешниҳод карда буд, марбути масъалаи мазкур зикр менамояд, ки духтарон ва занони рушонӣ ахлоқи ҳамида доранд, қариб ҳамаи мардони рушонӣ як зан доранд[1], дар идомаи фикри худ ӯ менависад, ки дар Рушон маросими ақди никоҳро ақсақол, ки аз ҷониби мардум ба муддати як сол интихоб мешавад, тасдиқ мекард[2]. А. А. Семёнов бошад, ки баъди С. П. Ванновский таҳқиқоти худро анҷом додааст, қайд менамояд, ки маросими никоҳ дар ҳузури қозӣ анҷом дода мешавад[3].

Бо ҳамин, халифа ба вакил амр медиҳад, ки оби никоҳро биёрад. Вакил (намоянда) оби никоҳро ба пеши халифа оварда, суханони зеринро такрор менамояд:

Ин обро ба наздики хатиб овардам,
Аз баҳри никоҳи анқариб овардам.
Бо ҳукми Худо ва ҳам Расул овардам,
Ин тӯҳфае ба шаҳмард насиб овардам.

Ҳамин тавр, раванди асосии маросими ақди никоҳи навхонадорон шурӯъ гардида, раванди он пурра дар асари бунёдии мардумшиноси номии русу шуравӣ М. С. Андреев сабт гардидааст[4].

Дар поёни маросими никоҳ халифа ба оби никоҳ дуо карда, се бор дар он пуф мекунад, сонӣ вакили косаи обро аз дасти халифа гирифта, ба пеши шаҳмард мебарад ва суханони зеринро ба забон мегирад:

---

[1] Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе / Ванновский // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 90.

[2] Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе / Ванновский // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 94.

[3]Семенов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама. Т. I. № 4. - СПб., 1912. - С. 560.

[4] Андреев М. С. Таджики долины Хуф. Под редакцией Э. Кочумкуловой. Вып. II – I. Переизд.- Бишкек: ОсОО «Джем Кей Джи», 2020.

Шоҳо, ки силсилаи об аст бихӯр,

Андеша макун оби никоҳ аст бихӯр.

Ин суннати Мустафо ва Авлоди вай аст,

Бар ҷумла махлуқ раво аст бихӯр.

Сипас шаҳмард аз оби коса се бор хӯрда, ҳамон вакил боз оби никоҳро гирифта, ба пеши арус мебарад ва вай ҳам чи тавре ки шаҳмард аз он об хӯрд, ҳамин тавр мекунад. Бо ҳамин, маросими ақди никоҳ ҷамъбаст мегардад. Халифа ва дигар иштирокчиёни маросим навхонадоронро бо бастани ақди никоҳ табрик гуфта, барои онҳо бахтро орзӯ менамоянд. Оби дар коса боқимондаро вакил гирифта, бурда, дар болои дарахти мевадиҳанда мерезад. Ин амал ба хотири он анҷом дода мешавад, ки муҳаббат навхонадорон низ мисли дарахт ба барги сабзу гул табдил ёбад. Агар дарахт набошад, оби боқимондаро дар бурҷи сохтмони наздиктарин мерезанд.

Баъди бастани ақди никоҳ, халифа боз соати некро барои баргаштан ба хонаи домод интихоб намуда, онро муайян менамояд. Вақте ки арусро ба хонаи домод меоранд, маросими рӯймолбардорӣ баргузор мегардад. Маросими мазкур танҳо дар сурате баргузор карда мешавад, ки агар арус духтар бошад, агар он бевазан бошад пас тибқи анъана ин маросим иҷро карда намешавад.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар маросими бастани ақди никоҳ тамоми расму русуми мусулмонӣ ва баъзе хусусиятҳои хоси этникии тоҷикони бостон риоя карда мешаванд. Яъне дар ҳангоми тайёрӣ дидан ва бастани ақди никоҳ чанд давраро бояд паси сар намуд[1].

Имрӯз бошад чун дигар исмоилимазҳабҳои Тоҷикистон дар ҷамоати рушониён низ ҳангоми бастани ақди никоҳ аз матни нави никоҳ истифода мебаранд.

Капитан А. Г. Снесарев менависад, ки одатан баъди 10-20 рӯзи хостгорӣ ва одамоне, ки нодор будаанд, баъди 1-2 сол марсими никоҳ ва зиёфати тӯй

[1]Дарвозиева Ҳ. Ш. Хусусиятҳои хоси маросими никоҳи рушониён ва нақши вақтмуайянкунӣ дар баргузории он // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2022. № 2 (97). - С. 299 – 302.

баргузор мегардид. Маросими базму тараби тӯй вобаста ба шароити хонадон аз 1 то 5 рӯз идома меёфт[1].

Арусро бо ҳамроҳии хоҳари модараш, ба сифати *pas-newanč* – «дугонаи арус» ба хонаи домод меоранд. Дар Рушон кушодани рӯйи арусро шахсе ба иҷро мерасонд, ки волидонаш дар қайди ҳаёт бошанд. Ин писарак «падар арус» ҳисобида мешуд. Ба дасти писар «камон» ва *tir* «пайкон»-и нугаш тез карда шударо медоданд. Писар сабук камонро мекашид гӯё, ки тайёрӣ медид бо нуги тезӣ камон паронад ва се маротиба ба нуги пайкон рӯйпушеро (чодареро), ки рӯй арусро мепушонд, мебардошт. Дар ин ҳол бо форсӣ талаффуз мекард, се падар, се модар, се маротиба ӯ чодарро ба қафо мебардошт. Пайконро дар *juftapul* – шифт фазои танги байни ду болор (шоҳтир) болои оташдон пинҳон мекарданд, то ки арӯс устувор ба хона пайванд шавад. Камон дар ин маросим ҳамчун воситаи қувваҳои бадиро пеш мекунад, маънӣ дошта, шохачаи дарахти ҳосилдиҳанда чун рамзи ҳосилхезӣ мебошад[2].

Дар рӯзи тӯй ҳамдеҳагон ҷамъ шуда, баъди хӯрокхӯрӣ сурудхониро ташикл намуда, рақсу бозӣ мекарданд. Дар давраи пеш дар тӯйҳо, пога, аспдавонӣ, бузкашӣ ва гӯштингирӣ ташкил мекарданд. То охири давраи Шуравӣ низ дар тӯйҳо гӯштингириро ташкил мекарданд, аммо дар замони муосир дар тӯё доир намудани бозиҳои мазкур аз байн рафтааст. Профессор А. Саидов, ки дар байни сарикулиҳо таҳқиқот бурдааст, менависад, ки дар ҷомеаи онҳо ҳоло ҳам тӯйҳо бо ташкил намудани бозиҳо, аз қабили гуштингирӣ, аспдавонӣ ва бузкашӣ барпо менамоянд[3].

Бо анҷоми ин расм ба назди арус модар, хоҳарон, хешовандони домод бо тухфаҳо барои арус меомаданд, ки ин расм *rubinak* – «дидани арус» номида мешуд. Дар соати мувофиқ ҷойгаҳ мепартофтанд ва якчанд лаҳза ҷавоноро

---

[1]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. Л. 80.

[2]Зарубин И. И. Дополнения к статье Н. И. Веселовского «Роль стрелы в обрядах и ее символическое значение» // Записки коллегии востоковедов при Азиатском музее Российской академии наук. Т. I. Л., 1925. - С. 92 – 93.

[3]Саидов А. Ишораҳое ба таърих ва оинҳои тоҷикони Хитой. - Душанбе, 2006. - С. 58.

пахлӯи ҳам ҷойгир мекарданд ва атрофиён бошад, ҳазлу шухӣ карда, механдиданд, онҳоро бедор мекарданд. Дар тули се рӯз ҷавонон дар паҳлӯи якдигар дар тахтаҳои асоси, муқобили оташдон нишаста, дар қабати якдигар хоб мерафтанд гарчанде арус пурра либосҳояшро набароварда буд. Зани шавҳардор акнун тибқи одат мӯйҳои сарашонро ду зулфа мебофанд, на чор зулфа мисли духтарони бокира, то ки аз онҳо вайро фарқ намоянд, ки шавҳардор аст[1].

Аз рӯйи тавсифи И.И.Зарубин дар рӯзи сеюм аз пагоҳи барои холаи арӯс зиёфат меоростанд, яъне ҳиссаи худро ҳамчун хоҳари модари арус айнан «ҳиссаи дугонаи арӯс»-ро мегирифт. Дар гузашта он аз ду буз, як гусфанд иборат будааст. Баъди як ҳафта модари арус салом омада, бо худ сандуқ, оина, собун, шона меовард ва барои ин ба вай 2 ду гусфанд медоданд. Ташрифи модар ба назди духтар *kalzined* ва ташрифи домод ба назди хушдоман *xoẋsalom,* айнан табрикоти хушдоман номида мешаванд.

Бевамард ва бевазан бо рушонӣ *бева* номида мешаванд. Аз рӯйи тавсифи И.И.Зарубин дар Рушон барои бевамард, ки ба никоҳ бо духтар медарояд, маросими туёнаи *Jomaburon* иҷро карда мешуд. Агар бевазан ба никоҳ бо ҷавон дарояд пас барои домод тамоми маросимҳои тӯй иҷро карда мешуданд.

Мувофиқи расму одат агар дар натиҷаи марги як тараф ягон тараф бева монад, то ба анҷом нарасидани муҳлати муайян барои мотам бо дигар кас ниоҳ намебастанд. Одатан муҳлати мотам як сол буд. Ин одат дар дигар тоҷикони бадахшонӣ низ вуҷуд дорад. Масалан, профессор Х. Ш. Кабиров дар таҳқиқоти худ инро дар ҷомеаи тоҷикони сарикулӣ низ мушоҳида намудааст[2].

Дар давраи тоинқилобӣ дар байни рушониҳо масъалаи ҷудошавӣ-ро қозӣ ҳал мекард. Умуман, дар байни рушониҳо мафҳуми талоқ мавриди истифода қарор намегирад, онҳо ҷудошавӣ мегӯянд. Дар ҳолати ҷудошавӣ бо талаби зан

---

[1]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. Л. 81.

[2]Кабиров Х. Ш. Этнолингвитсическое иследование бытовой лексики языка таджиков Китая (на материале этнической группы сарыкольцев). Диссертация доктора филологических наук. - Душанбе, 2017. - С. 143.

(ҳамсар) қозӣ пардохти подоши шавҳарро аз тарафи хешовандони зан ё шавҳари нави ӯ дар ҳолати талоқ бо хоҳиши ӯ талаб мекард. Одатан, зан ҳам ҳуқуқ дошт бинобар хиёнати шавҳар, муносибати беҳрамона нисбати вай содир шавад, барои талоқ муроҷиат мекард. Оид ба расми талоқи рушониҳо капитан А. Г. Снесарев низ маълумот додааст. Ӯ менависад, ки зан ҳам ҳақ дорад, ҷудошавиро талаб намояд[1].

Кӯдакон баъди ҷудошавӣ бо падар мансуб доштанд, агар кӯдаки ширмак бошад уро барои хурондан ба модар медоданд ва падар уҳдадор буд ӯро то калон шуданаш таъмин намояд. Дар айни ҳол баррасии масъалаи ҷудошавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад.

Ҳамин тавр маросимҳои тӯёнаи рушониҳоро ҷамъбаст намуда, метавон хулоса намуд, ки маъхазҳо, адабиёти илмӣ ва мушоҳидаҳои мо муайян менамоянд, ки маросимҳои вобаста ба тӯй равандҳоро дар худ муттаҳид менамояд:

-муҳиммият доштани интихоб рӯзи нек, вақту соат барои рӯзи тӯй ва бастани ақди никоҳ;

-ҷиддан риоя намудани тақсимоти вақти муайяни рӯз барои бастани никоҳ бо духтар ва бевазан;

-ҳатмӣ будани розигии тарафайн ҳангоми бастани ақди никоҳ.

### 3.3. Маросимҳои марг ва азодорӣ

Роҷеъ ба расму русуми дафн ва азодории рушониён дар асарҳо ва маводи бойгонии олимони соҳа мавод ҷой дорад. Албатта набояд, фаромӯш кард, ки маросимҳои анъанавии вобаста ба мазҳаб ва маргу озодорӣ ҳам дар давраи ҳукмронии афғонҳо, манғитҳо ва ҳам солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ дар хатар қарор дошта буданд. Масалан, барон Черкасов дар ҳисоботи худ қайд менамояд, ки амалдорони афғону манғит маросиму анъаноти тоҷиконро эҳтиром нагузошта, дар иҷро намудани маросимҳои динию мардумӣ монеа

[1]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. ЛЛ. 80 – 81.

эҷод мекарданд. Ин масъаларо дар гузориши худ Агенти сиёсии Россия дар назди амири Бухоро Я. Я. Лютш низ зикр гардидааст[1].

Ин ҳолат аз солҳои 80-уми асри XIX то соли 1904 идома дошт, то замоне ки Помир ба идораи бевоситаи маъмурияти Россия ворид карда шуд. Махсусан таъсири низоми манғитҳо дар Рушон бисёртар эҳсос карда мешуд. Зеро маркази маъмурии бекигарӣ маҳз деҳаи Вамар, маркази Рушон ҳисоб мешуд. Барон А. А. Черкасов дуюмбора соли 1906 ба Помир сафар карда, бевосита бо аҳолии Рушон сӯҳбатҳо доир намудааст, ки дар вақти вохӯрӣ тоҷикон барои озод намудани онҳо аз зулми манғитҳо изҳори сипос намудаанд, ки акнун мо метавонем озодона расму маросимҳои мардумию диниамонро иҷро намоем[2]. Аз ин вақт сар карда, рушониён боз метавонистанд, озодона расму русуми динию мардумии худро иҷро намоянд.

Роҷеъ ба масъалаи марг ва маросимҳои вобаста ба он А. Г. Снесарев аз нақли аҳолии маҳалӣ менависад, ки марг барои тоҷикони минтақа гузариши руҳ аз як ҳолат ба ҳолати дигар дониста мешавад[3]. Раванди иҷро намудани маросимҳо оид ба марги тоҷикони Помир дар асарҳои академик А. А. Семенов низ зикр шудааст[4].

Дар рушониҳо ҳам мисли дигар мардумон марги инсон ба пайвандон ва наздикон ғаму андуҳи зиёд меоварданд. Вақте ки инсон дар ҳолати пеш аз марг қарор мегирифт, хешовандон ва наздикон барои хабардор шудан саломатии ӯ рӯзи панҷшанбе меомаданд. Тибқи расму русум хабаргирии бемор кори савоб

---

[1]Документ № 3. – Из донесения Российского политического агнета в Бухаре Я. Я. Лютша дирегктору первого департамента Министерства иностранных дел Н. Г. Гартвигу о необходимости наблюдениями за исмаилитскими эмиссарами, прибывающими из-за рубежа на Западный Памир. 6 декабря 1903 г. // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. - Л. 109.

[2]Документ № 17. – Из отчета А. А. Черкасова о вторичной поездке в Припамирские бекства. Позднее 17 октября 1906 г. // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. ЛЛ. 162 – 164.

[3]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. Л. 82.

[4] Семёнов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама. Т. 1. № 4. - СПб., 1912. - С. 556 – 558.

дониста мешавад[1]. Дар рӯзҳои чоршанбе ва ҷумъа рушониҳо барои фаҳмидан саломати бемор, аз паи аёдати ӯ намешаванд, зеро аз рӯйи ақидаи онҳо дар он рӯзҳо агар маризро хабар гиранд, беморӣ метавонист авҷ гирад. Масалан, исломшинос ва этнографи русу Шуравӣ А. А. Семёнов менависад, ки агар ягон кас бемор шавад, ҳамсояҳо ҳар шаб дар хонаи мариз ҷамъ мешаванд ва яке аз саводноктарин одамон дар назди ӯ Қуръон, Каломи Пир ва Ваҷҳи Динро хонда дигарон гӯш мекунанд. Агар бемории мариз шиддат гирад, ба хона халифаро даъват менамоянд[2]. Чун анъана одаме, ки дар ҳолати ҷон додан аст, метавонад, васъияти худро изҳор дорад[3].

Вақте ки одам дар дами марг қарор гирад, халифа дар назди ӯ нишаста, дуоҳои «шаш калима» ва «се имон»-ро мехонд. Баъд, бо мақсади ором шудани шахси мурда истода, ба руйи ӯ пуф мекард ва бо ҳамин ҷондиҳии ӯро сабук гардонда, баъдан як чанд маротиба халифа бо овози баланд сураи Ёсин мехонд. Вақте ки марг мерасад, чун одат мегӯянд, ки ҷонаш баромад[4]. И. И. Зарубин соли 1915 дар маркази Рушон, деҳаи Вамар ин дуоҳоро сабт кардааст, ки онҳоро С. А. Саркоров дар диссертатсияи худ ба сифати замима ҷой додааст[5].

Аз рӯйи шарҳи И. И. Зарубин, аломатҳои марг ашкҳои аз чашм баромада истода ва даҳони кушода дониста мешуданд. Вале аксар вақт чашмон ва даҳон пӯшида ҳам шуда метавонистанд. Одамеро, ки руҳаш ба воситаи чашмон мебаромад, ӯро *baix̌tay* - «биҳиштӣ» меномиданд. Инчунин, дар миёни мардум

---

[1]Лашкариев А. З. Похоронно - поминальная обрядность бартангцев (конец XIX – XX вв.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - М., 2007. - С. 16.
[2]Семёнов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама. Т. 1. № 4. - СПб., 1912. - С. 556 – 557.
[3] Саидов А. Ишораҳое ба таърих ва оинҳои тоҷикони Хитой. - Душанбе, 2006. - С. 66.
[4]Лашкариев А. З. Похоронно - поминальная обрядность бартангцев (конец XIX – XX вв.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - М., 2007. - С. 15.
[5]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 144 – 146.

эътиқоде вуҷуд дорад, ки ҷон (рӯҳ) инчунин ба воситаи даҳон ва гӯшҳо ҳам мебарояд[1]

Дар соли 1915 ақсақол Қабул ба И.И.Зарубин нақл кардааст, ки рӯҳу ҷон то намози дафн дар наздикиҳо монда, баъд ба амон мераванд. Баъди қироати сура манаҳи мурдаро бо латаи пахтагин *lixojul* (*lixo*-манаҳ, *jul*- лата,) мебанданд. Ҳамон рӯзе, ки хабари марги одам мерасад, ба хонаи ӯ зану мардакҳои деҳа, ҳатто аз дигар деҳаҳои атроф низ хешовандон ва дӯстони мурда ҷамъ мешаванд[2].

Вобаста ба анъаноти мазҳабии исмоилиён, аслан дар вақти вазнин шудани ҳолати бемор халифа ё нафаре, ки аз русумот ва дониши динӣ бархурдор аст, дар сари беморе, ки дар сакароти фавт қарор дорад, анъанотро ба таври зайл анҷом медиҳад: Ба гӯши рости бемор шаҳодатро мехонад. Агар бемор тавоноии такрор карданро дошта бошад, хуб аст ва агар натавонад маҷбур кардани бемор зарур нест. Дар Рушон ҷасади марҳумро дар «*lošnox*»-и хона мегузоштанд.

Тибқи анъана, мурда бояд ҳарчи зудтар дафн карда шавад. Эҳтимол бо он мақсад, ки зиндаҳо аз зарари сироятии марҳум ҳифз карда шаванд. Аммо, дар бисёр маврид агар хешони наздик аз ҷои дур ба маросими дафн шитофта, дар роҳ мебошанд, онҳоро интизор мешаванд.

Намози ҷаноза дар ҳар як водии ноҳияи Рушон ҳар хел гузаронида мешавад. Аз ҷумла дар деҳаи Шуҷанд намози ҷанозаро дар қабристон ба ҷо меоранд ва дар баъзе манотиқи Рушон дар берун аз хона дар ҷойи пок, ё худ дар худи қабристон анҷом мегирифт. Дар аксар маврид дар замони муосир маросими ҷаноза дар боғи шахси фавтида иҷро мегардад. Халифа бояд, дар ҷаноза ҳама вақт дар мобайн бошад. Ин барои анҷом додани амали салом аст. Ҳангоми мусаллоро гузоштан халифа ба панҷаҳои худ онро зер мекунад, вале пошнаҳои ӯ бояд болои хок бошанд. Ин маънои онро дорад, ки халифа ақди

---

[1]Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX – начало XX в.). - Душанбе: Шарқи озод, 2001. - С. 132.

[2]Семёнов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама. Т. 1. № 4. - СПб., 1912. - С. 557.

никоҳи ӯро ба хок мебандад, ки хок ӯро қабул кунад. Чун пошнаи ӯ дар замин аст ин бад он маъно аст, ки худи ӯ низ дар ақди никоҳи хок аст[1].

Хотиррасон менамоем, ки дар Рушон ниҳоди махсуси мурдашӯён ва ниҳоди навҳагарӣ (*nivgaren*) дар ҳаққи марҳум вуҷуд надорад. Мурдаро хешони наздики марҳум мешӯянд. Агар мурда мард бошад мардон, агар аз ҷинси латиф бошад, занон дар ин маросим иштирок мекунанд. Дар духтани кафан ҳам ҳамин хел, барои мард мардҳо ва барои зан занҳо медӯзанд[2].

Дар Рушон кафан бо чунин тарз духта мешавад: ду мард аз чап ба рост *(lunge)* порчаи матои сафед «салла» медухтанд. Барои зан *paitova* – «ҷуроби сафед» то зонуҳо аз матои сафед *poijoma* – «шалвор то зону», салла, курта бо остинҳои кӯҳтоҳ (дарозиаш то зону) духта ба чодар мепечонданд.

Ба саллаи марҳум аз тарафи рост растании хушбӯй (*ẋacpiruxm)* мегузоштанд. Агар аз хонаи марҳум ягон одами ҷавон бандагиро пеш аз ин ба ҷо овард гули сурхро гирифта дар бари сари марҳум мемонанд. Эҳтимол ин бо урфу одати тоисломӣ алоқамандӣ дошта бошад. Л. Бахтоваршоева менависад, ки кафани тоҷикони Помир нишонаҳои архаистии либоси қадимаро нигоҳ доштааст[3]. Хулоса, кафан ин нахустин либосест, ки аҷдодони тоҷикон духтани онро ёд гирифтанд.

Дафн дар Рушон баъди ғуруби офтоб ба иҷро расонда намешуд. Бо химчаи дарахти бед қади маҳрумро чен карда, ба қабристон рафта, ба андозаи он қабр меканданд. Аввалин шуда, аз одамони наздиктарини марҳум хокро мекандад ва баъд дигарон ин корро иҷро мекунанд. Инчунин барои пушонидани қабр аз чор то шаш *тахтасанг* тайёр мекарданд. Сарро дар қабр ба ситораи қутбӣ равона мекарданд, то ки рӯйи мурда сӯй каъба нигаронида шуда бошад.

---

[1]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Ширинхоноа Амонулло. Соли таваллуд 1947. Санаи сабти сӯҳбат 11.08.2020.

[2]Давлатюеков М. Освещение исмаилизма на Памире в трудах русских дореволюционных исседователей. - Душанбе, 1995.

[3] Бахтоваршоева Л. Саван таджиков Шугнана и Хуфа // Тезис докладов Сессии, посвященные итогам полевых этнографических и антропологических вследствие в 1974 – 1975 гг. - Душанбе, 1976. - С. 130.

Аз чӯби бед *šatak (тобут)* тайёр мекарданд. Чун қоида барои ҳар як шахс тобути алоҳида мекарданд ва онро баъди маросими дафн дар гӯристон мемонданд. Мувофиқи таълимоти рушониён одам, вақте ки таваллуд мешавад, дар *šinak (гаҳвора)* хоб мекунад, вақти бурдан ба гӯристон низ барои ӯ *šatak* (монанд ба сохтори гаҳвора) омода карда мебурданд.

Баъд ҷасадро аз кати муқобили даромадгоҳи хона гирифта, се маротиба онро бардошта мегузоштанд ва мегуфтанд: Пайғамбари Худо, саловот бар Муҳаммад. Дар назди дари хона ҷасадро боз се бор пеш ва қафо бурда, баъд ба боғ бо ҷойи тозакард шуда, барои аз рӯйи расму русуми мусулмонӣ ҷаноза мебурданд.

Моҳияти ин расм ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Баъзеҳо чунин мешумориданд, ки ин бо мақсади дур сохтани зарару зиён аз одамон, ки марҳумро барнагардад, ба иҷро расонда мешуд. Бархе гӯё ин маънои онро дошт, ки Пайғамбар Муҳаммадро оиди он ки ба ӯ хабар расонда шавад, ки назди ӯ мурдаро ҳамчун пайрави ӯ мефиристанд[1].

Ҳангоми ҷаноза болои тобути марҳум матои сафед мепартофтанд, як кунҷи онро халифа зер карда, дуо мехонд. Боқимонда ҳозирин дасташонро назди рӯ нигоҳ дошта, аз тарафи чап ва рости халифа ҷойгир мешуданд. Баъд марҳумро ба тобут гузошта кафани синнашро бо порчаи матои сафед пушонда, се маротиба бардошта, боз поён карда, баъд болои кифтҳо тобутро ба қабристон мебаранд. Дар Рошорв ҷаноза дар қабристон гузаронида мешуд. Тобути марҳуми ҷавонро *«гаҳвораи ноз»* номида, бо матоъҳои равшан гуногунранг мепушонданд. Ба андешаи забоншинос ва мардумшинос А.З. Розенфелд «гаҳвораи ноз» боқимондаи замон хеле куҳан мебошад[2]. Вақте ки мурдаро ба қабр медароранд, аввал шуда се бели хокро наздикони ӯ болои қабр мепартоянд, баъд дигарон қабрро пур мекунанд.

---

[1]Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX – начало XX в.). - Душанбе: Шарқи озод, 2001. - С. 140

[2]Розенфельд А. З. «Гавораи ноз» - древний погребальный обряд на Вандже (Тадж. ССР) и траурное рубои // Фольклор и этнография. - Л., 1974. - С. 251 – 253.

Дар вақти шуштани мурда дастҳо ва пойҳои бастаи марҳум ва манаҳи бастаи ӯро мекушоданд. Моҳияти ин кор аз он иборат буд, ки дар шаби аввалин ғайр аз рӯзи панҷшанбе ба ҷумъа наздики ӯ ду малоики-мункир ва накир ҳозир мешуданд. Онҳо дар ғилоф бо худ рӯҳи мурдаро оварда муваққатан онро зинда карда оиди эътиқод ба пайғамбар ва рафтору амалҳои ӯ пурсон мешуданд.

Дар Рушон болои қабрро уфуқӣ карда, дар болои қабри зан *arδonak* – *«оташдони майда»* сохта, ва дар болои қабри мард санги кулула мегузоранд. Тобут (*šatak*)-ро дар қабристон мегузоштанд ва рӯйпушҳои он ҳиссаи халифа ҳисоб мешуд. Халифа метавонист ба ҳар шахси дилхоҳ ҳам онро диҳад.

С. П. Ванновский аввалин шуда, дар Рушон маросими дафнии *poyamol* - ро ба қайд гирифтааст[1]. Дар сурати марги ногаҳонии ҷавон, новобаста аз ҷинс, ин маросимро ҳатто падари марҳум ҳам ҳамчун нишонаи андӯҳ иҷро мекунад, аммо иҷрои мардона аз занона каме фарқ мекунад[2].

Ба гуфтаи сокини деҳаи Шуҷанд Азизбеков Асадбек дар гузашта дар рақси дафнӣ панҷ ё шаш зан иштирок карда, онҳо мӯйҳояшонро кушода, остинҳои куртаҳояшонро мефуроварданд ва онҳоро бомаром алвонҷ дода, дар атрофи маит (ҷасад) давр мезаданд[3]. Дар гузашта рақси дафнӣ дар Шуғнон низ иҷро мешудааст, вале он танҳо дар Рушон боқӣ мондааст[4]. Роҷеъ ба иҷро намудани рақси мазкур дар таҳқиқоти А. З. Лашкариев васеътар маълумот оварда шудааст, аммо ба фикри ӯ, ки он танҳо дар водии Бартанг боқӣ мондааст, набояд розӣ шуд[5].

---

[1]Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 88 – 89.

[2]Сайнаков С. П. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение этнографии Горного Бадахшана (Памира). Диссертация кандидата исторических наук. - Душанбе, 2015. - С. 72 – 73.

[3] Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Азизбеков Асадбек. Соли таваллуд. 1965.Санаи сабти сӯҳбат 18.08.2022.

[4]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 86.

[5]Лашкариев А. З. Похоронно - поминальная обрядность бартангцев (конец XIX – XX вв.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - М., 2007. - С. 21.

Рақси *роуатоl* ба боқимондаҳои маросимҳои тоисломии тоҷикон мансуб мебошад. Мувофиқи шарҳи муҳаққиқ Наталя Велетская маънои асосии рақсҳои дафнӣ – ин барқароркунии алоқаҳои байни ҳамдигарӣ миёни аҷдодон ва авлодон буда, иловакунии арвоҳи мурда ба арвоҳи аҷдодон аст[1]. Дар замони Шуравӣ ин расму оин ва сурудҳои мотамии мардуми Бадахшони Кӯҳӣ борҳо аз тарафи мардумшиносон М. С. Андреев, И. Л. Моногарова, А. К. Писарчик, А. З. Розенфелд таҳқиқ гардида буданд[2].

Хонаи азодор маъракахона номида шуда, дар он хешовандони аз дуру наздик иштирок намуда, азодорӣ менамоянд[3]. Аз рӯйи расми қабулшуда шарт аст, ки иштирокчиёни маросим баъди дафни фавтида ба маъракахона пас мегарданд ва дуои аз оятҳои Қуръон хондаро мешунаванд[4]. Тибқи боварихои мардумӣ баъди хондани дуо, касоне, ки дар гӯру чӯб иштирок карданд, пок шуда, аз онҳо ба ягон кас офат намерасад. Саҳарии барвақти рӯзи дигар аъзои хонавода бо ҳамроҳии халифа ба сари қабр меравaнд, ки аз ҷумла аъзоёни ҷинси латифи хонавода ҳам иштирок менамоянд.

Мувофиқи маълумоти А. Г. Снесарев баъди дафни мурда дар муддати се рӯз ҳамаи сокинони деҳа ба хонаи мотамзада касе чизе метавонад меорад: либос, нон, тухм ва ғайраро меоранд, дар рӯзи сеюм бошад, соҳиби хона барраро кушта худоӣ медод[5]. Инчунин, дар муддати се шаби аввал, дар хонаи марҳум маддоҳхонӣ, қиссахонӣ аз ашъори адабиёти ирфонии тоҷикон, хондани порчаҳо аз Қуръон ва дигар адабиёти динӣ сурат мегирад.

---

[1]Велецкая Н. Н. Языческая символика славянских архаических ритуалов. - М.: Наука, 1978. - С. 151.

[2]Андреев М. С. К характеристике древных таджикских семейных отношений // Известия Академии наук Таджикской ССР. 1949. - С. 6 – 7.; Моногарова Л.Ф. Архаичный элемент похоронного обряда у памирских таджиков (ритуальный танец) // Полевые исследование Института этнографии 1979 г. - М., 1983. - С. 155 – 164.; Розенфельд А. З. «Гавораи ноз» - древний погребальный обряд на Вандже (Тадж. ССР) и траурное рубои // Фольклор и этнография. Л., 1974. - С. 251 – 254.

[3]Андреев М.С., Половцов А. А. Материалы по этнографии иранских племен. Ишкашим и Вахана - СПб., 1911. - С. 19.

[4] Андреев М.С., Половцов А.А. материалы по этнографии иранских племен. Ишкашим и Вахана – СПб., 1911. - С. 19 – 20.

[5]Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. - Л. 83 с.

Дар шаби сеюм баъди дафн одамон дар хонаи марҳум барои маъракаи *«cirůwpaбid - чароғравшан»* ҷамъ мешаванд. Роҷеъ ба маросими мазкур аз муҳаққиқони рус бори нахуст шуда, капитан В. Н. Зайтсев маълумот додааст[1]. Ин маросимро халифа роҳбарӣ мекунад. Дар раванди он гӯсфанд мекушанд ва яке аз ҳозирин, ки ходим унвон дорад, аз гӯшти он ва гандум хӯроки махсус мепазад, ки он «боҷ» ном дорад. Аз равғани ин гӯсфанд истифода карда аз пахта шамъ тайёр мекунанд.

Азодории тоҷикони Рушон то як сол идома меёбад. Дар ин муддат пӯшидани либосу ороишҳои дорои ранги сурх ва умуман дурахшдор манъ аст. Занони ҷавон гӯшвора, дастпона, ангуштарин ва ғайраро бо худ намегиранд ва худро ороста намекунанд. Дар давоми 40 рӯз ба онҳо шустани сар ва пӯшидани либоси нав мамнуъ аст. Мардон инчунин риш ва мӯй наметарошанд. Дар давоми се рӯзи аввал дар хонаи марҳум либос шустан манъ аст. Дар байни мардум як расме мавҷуд аст, ки баъди ин дар хонаи марҳум шустани либос се рӯз ва шикастани донаи зардолу ва чормағз дар шаб дар муддати як ё ду сол ғайримумкин мебошад. Агар одам тавассути шаҳодат ҷон аз даст диҳад, яъне шаҳидшуда бошад, ба авлоди ӯ шикастани донаки зардолу дар шаб умрбод мумкин нест[2]. Дар давоми се рӯз баъди дафн дар хонаи марҳум таом намепазанд, онро ҳамсоягон ва хешовандон меоранд. Дар давоми аз як то ду сол дар ин хона тӯю маъракаҳои дигар гузаронида намешавад. Се рӯз барои он намепазанд, ки тибқи одат гӯё ҳангоми баромадани ҷон аз бадан хуни инсон ҳам мебарояд, ки онро чашми одами зинда намебинад. Барои ҳамин гӯё хона пур аз хун аст.

А. А. Семёнов низ қайд менамояд, ки дар муддати се рӯз баъди гӯру чӯб дар хонаи марҳум пухтани ҳамагуна хӯрок манъ аст, чизе ки барои хӯрдан зарур аст, гӯшти пухта, нон ва равған аз дигар хона ба хонаи мотамзада

---

[1]Ниг.: Зайцев В. Н. Памирская страна – центр Туркестана. Историко-географический очерк (с картой) подполковника В. Н. Зайцева. – Г. Новый Маргелан, 1903. - С. 55.; Сайнаков С. П. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение этнографии Горного Бадахшана (Памира). Диссертация кандидата исторических наук. - Душанбе, 2015. - С. 94.

[2]Аз сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Дерзуд, собиқ агроном Бозидов Муродмамад, соли таваллуд 1937. Санаи сабти сӯҳбат 25 майи соли 2021.

меоранд. Се рӯз хешовандони шахси фавтида либосҳои сиёҳ мепушанд. Баъди се рӯз ҳамсоязанҳо омада, тамоми либосҳои дар хонаи мурда бударо мешӯянд[1]. Мардумшинос А. А. Шишов бошад иброз менамоянд, ки дар он хона аз се то ҳашт рӯз хӯрок намепазанд. Дар ин муддат барои аҳли оила дар дигар ҷой хӯрок мепазанд. Бегоҳии рӯзи охир ба хона халифа омада, барои ӯ хӯрок омода карда, вай худ як луқма хӯрда, як луқмаи дигарро ба даҳони вориси фавтида мегузорад. Баъди ин ҳамаи аъзои оила ба хӯрокхӯрӣ оғоз менамоянд[2]. Аммо мувофиқи маълумоти ҳангоми таҳқиқоти саҳроӣ ҷамоваринамудаи мо дар гузашта ҳафт рӯз дар хонаи мусибатзада хӯрок намепухтанд[3].

Албатта А. А. Семёнов ва А. А. Шишов масъалаи мазкурро дар давраи тоинқилобӣ баррасӣ кардаанд, имрӯз бошад дар масъалаи мазкур баъзе дигаргунӣ ба назар расида, баъди як рӯзи марг, саҳарии рӯзи дигар ҳамсоязанҳо ба хонаи мурда омада, тамоми либосҳои хонаро мешӯянд. Ин маросим *loqzined – либосшӯӣ*, яъне тозагии хонаи ном дорад. Либосҳое, ки вақти марг дар бадани марҳум буданд худи ҳамон рӯзе, ки маросими ғусли маит баргузор мегардад, берун аз хона дуртар бурда месӯзонанд. Ин расм ба фикри мо барои бехатарии гигиенӣ сурат мегирад.

Бо гузашти се рӯз аз марги марҳум, хешовандони наздик ӯ ва ҳамсоягон дар рӯзи муайян, дар хонаи марҳум ҷамъ мешаванд. Дар ин рӯз одатан, дар ҳар як хона се нон мепазанд, ки ҷуфт набошанд. Ғайр аз ин, дар идҳои мусулмонӣ - Рамазон ва Қурбон, хешовандони марҳум ба қабристон, ки дар он марҳум дафн шудааст, мераванд ва дуо мехонанд. Наздикони маҳрум аз танаи хушкшудаи растание, ки *«pilak»* ном дорад чароғ омода карда, дар сари қабр мегузоранд[4].

Рӯзи чилум худоии марҳумро медоданд. Илми муосир исбот кардааст, ки то 40 рӯзи баъди мурдан генҳои организм зиндаанд ва бо пур кардани 40 рӯз

---

[1]Семёнов А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама. Т. 1. № 4. - СПб., 1912. - С. 557.
[2] Шишов А. Тоҷикон (тадқиқоти этнографӣ). - Душанбе: Андалеб, 2015. - С. 328.
[3]Аз сабти сӯҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон Мавлоназаров Ғоибназар, соли таваллуд 1936. Санаи сабти суҳбат 20 июли соли 2021.
[4]Андреев М.М., Половцов А.А. Материалы по этнографии иранских племен. Ишкашим и Вахан. - СПб., 1911. - С. 21.

генҳо пурра мурда, ҷисм пурра озод шуда, ба хок пайвастшавии он сар мешавад. Барои ҳамин ин ҳам яке аз фалсафаи ҳаёти рушониён аст, ки баъди 40 рӯзи марг худоӣ медоданд.

Агар одам дар моҳи Сафар мемурд, ба даруни қабр пеш аз даровардани мурда аввал хурӯсро даровarда, баъд онро бароварда, сар медоданд. Чун тибқи анъанаи кӯҳистониён моҳи Сафар вазнин ҳисоб мешуд, тамоми вазнинӣ ва бало гӯё ба он парранда мегузашт. Маросими мазкурро “*zori*” мегуфтанд. Ин маросим то охири солҳои Шуравӣ иҷро мешуд, имрӯз бошад, он амалӣ намешавад[1].

Абурайҳон Берунӣ хабар медиҳад, ки дар рӯзи аввали моҳи Сафар сари имом Ҳусайнро ба шаҳри Шом оварданд ва Язид он сарро пеши рӯйи худ гузошта, суханони қабеҳ дар ҳаққи Паёғамбар ва хонадони ӯ гуфта буд, имом Зайд бинни Алӣ дар ин рӯз кушта шуд ва дар канори Фурот ӯро ба дор овехтанд, сипас колбудашро сӯзонданду хокистарашро дар об пошиданд, дар рӯзи шонздаҳум нохушии Пайғамбар шурӯъ шуд ва ин мараз боиси марги ӯ шуд, дар рӯзи бистуми моҳи мазкур сари имом Ҳусайнро ба баданаш пайваст карданду дафн карданд[2]. Мумкин барои ҳамин рушониён моҳи мазкурро вазнин ҳисоб мекарданд. Аммо дар маросими дафни тоҷикони Помир расму русуми пешазисломӣ низ боқӣ мондаанд[3].

Муҳаққиқон қайд карданд, ки дар хонаи марҳум, ки онро «ғамхона» меномиданд, фалаки мотамӣ мехонданд. Дар рӯзи сеюми баъди марг тоҷикони Рушон маросими поксозӣ, яъне саҳар ҳамсояҳо ҷамъ омада, ба шустан ва тоза кардани хона шурӯъ менамоянд. Инчунин, дар ин рӯз дар хонаи марҳум чорворо забҳ мекунанд ва хӯрокро омада мекунанд.

Дар Рушон одат аст, ки дар деҳа ягон кас фавтида бошад, ҳамсояҳо тӯйро муддати муайян баргузор намекарданд. Аммо агар хешу табор ва наздикони

[1] Ҳамон ҷо.
[2]Берунӣ А. Осор-ул-боқия. - Душанбе, 1990. - С. 380 – 381.
[3]Ниг.: Шоинбеков Ф. Н. Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1946 – 2020). Автореферати диссертатсияи номзади илмҳои таърих. - Душанбе, 2023. - 32 с.

марҳум ба гузарондани тӯй эътироз накунанд, шахси азодор ба маконе, ки ҷашни арусӣ баргузор мешуд, даъват карда, сарашро бо саллаи сафед (салла) мепечониданд, ба ӯ тӯй медоданд.

Аз рӯйи расм пагоҳӣ то иҷрои маросими «чароғравшан» расми тозакунии хона *loqzened* – шустани либосҳо ташкил карда мешуд. Баъди намоз кардан хурӯсро забҳ мекарданд. Аз рӯйи эътимоди рушониҳо хуни рехта хонаро тоза мекард ва баъди он акнун дар ин хона таом тайёр кардан мумкин буд[1]. Гӯштро пухта ҳозиринро зиёфат медоданд ба ҷузъ аз аъзоёни оила. Баъд халифа дуои иди *Қурбонро* қироат мекард.

Бегоҳӣ дар рӯзи марг ва се бегоҳӣ баъди ин дар ҷойи шустани марҳум шамъ дар мегиронданд. Баъд аз се рӯзи фавт дар Рушон маросими ёдбуди марҳум *cirůwpaбid* - дар гирондани чароғ даргиронд ё *davate fano* – даъвати фано меоростанд. Ва дар ин вақт халифа аз пашми пахта ришта месохт ва ҳамзамон намоз мехонд ва барраро дар назди оташдон мекуштанд. Гушти ҳайвони кушташуда дар дег меҷӯшонанд, ки дар он гандуми майдакарда илова карда, «боҷ» мепазанд. Ҳатто калапочаро ҳам мепӯхтанд ва устухонҳои онро ҷамъ карда, дар як ҷойи тоза гур мекунанд. Ин таоми расмиро пирамарде, ки намозхон аст мепӯхт.

Дар баробари ин чароғро дар чароғдон фурӯзон карда, онро ба назди халифа, ки дуо мехонд меоварданд ва онро навбат ба навбат то анҷом расидани маросим даст ба даст мегирифтанд ва ба балои анбор мемонданд. Пас аз ин ба хӯрдани хӯрок ки онро «боҷ» мегуфтанд сар мекарданд ва наздикони марҳум онро намехӯрданд.

И. И. Зарубин дар Рушон, маросими чароғравшанро мушоҳида карда, ба ақидаи ӯ онро барои он иҷро мекарданд, ки руҳи мурда дар торикӣ намонда, равшан ва соф бошад. Тибқи мушоҳидаи тоинқилобии олими мазкур маросими *чароғравшанро* бо чунин тарз иҷро мекарданд: дар хона гӯсфандро кушта, дар дег мепӯхтанд. Аз хонаи ҳамсояҳо ва хешовандон орд ҷамъ карда, нони зиёд

---

[1] Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - С. 309.

мепӯхтанд. Тамоми деҳа ҷамъ меомад ва занон аз донаҳои куфтаи гандум кулча тайёр мекарданд. То бегоҳ халифа сураи *al-Malak* -ро қироат карда, баъдан *чароғдонро* ба равғани зард пур карда, ба он пилтаро, ки аз латтапора омода шуда буд, ғутонда дар мегиронд. Халифа бо овози шунаво «китоби чароғнома»-ро мехонд. Минбаъд «чароғ»-ро ба хешовандон медоданд, онро бо навбат ба ҳамдигар медоданд. Сипас онро ба анбор мебурданд[1].

Дар Рушон дар ҳолати марги кӯдак хурус мекуштанд хуни онро ба девор пош намедоданд, онро партофта, хӯроки махсус *«x̌uvduтоč»* мепӯхтанд. Дар гузашта, рушониҳо дар ҳолати марги кӯдаки 4-5 сола, ӯро шуста дар чодар печонда дар даст ба қабристон мебаранд, расму маросими *ciruwpaδid* иҷро карда намешуд. Сураи *al-Malakro* мехонданд ва маросими ёдбуди *ciruwpaδid* дар гирондани чароғ гузаронида намешуд. Аммо ҳозир ба хотири кӯдакон ҳам ин маросим иҷро мешавад.

Зарур аст, қайд карда шавад, ки баъди ду- се рӯзи мурдани инсон дар ҳамон хона хурӯсро кушта, хунашро дар хона мерехтанд. Тибқи бовариҳои мардумӣ гӯё руҳан баъди марги инсон хуни ӯ дар *«čod – хона»* буда, хона пури хун аст. Бо куштан ва рехтани хуни хурӯс хона гуё аз он хун тоза мешудаст. Баъди иҷрои ин амал пухтани хӯрок дар он хона иҷозат мебошад[2].

Дар Рушон дар солгарди фавт марҳум худоиро бо номи *ošdodi* барпо мекарданд. Нони зиёд мепӯхтанд, то ки ба ҳама ҳамдеҳагон расад ва ғизо омода мекарданд.

Дар давраҳои пеш рушониён бо аломати мотами марги одами наздик либоси сиёҳ ба бар мекарданд ва мӯй сарашонро намегирифтанд ва инчунин, дар муддати 40-60 рӯз ё соли пурра ришро низ намегирифтанд. Занон рӯймоли сиёҳ ва куртаҳои сиёҳ ба бар карда, зулф намемонданд. Ин расми мотами *ter injivdow* номида мешуд. Дар давоми мотам аз хурсандиҳо ва бозиҳо худдорӣ

---

[1]Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006.

[2]Аз сӯҳбати диссертант бо собиқ халифаи деҳаи Вамд Метаров Қамбар Мирзонаботович, зодаи деҳаи Вамди н. Рушон санаи таваллуд 15.06.1976. Санаи сабти суҳбат 15.08.2022 с.

мекарданд. Қатъ кадани расми мотам *ter zeẋt* бардоштани сиёҳӣ номида мешуд. Имрӯз бошад, баъди як ҳафта ришро мегиранд.

Мувофиқи маълумотҳои калонсолон рушониҳо дар гузашта дар давраи дар ҳаёт будан, расми *dawati baqo* – даъват ба абадият меростанд[1]. Этнографи тоҷик З. Юсуфбекова роҷеъ ба масъалаи мазкур дар байни шуғнониҳо таҳқиқоти алоҳидаро анҷом додааст[2]. Масъалаи мазкур дар таҳқиқоти А. З. Лашкариев муфассалтар оварда шудааст[3]. Рушониҳо ҳам ёдбудиҳои давраи ҳаётии худро бо наздик шудани пиронсолӣ баргузор мекарданд.

Аз рӯйи маълумот дигар чунин расм дар байни тоҷикони водинишин низ доир карда мешуданд ва он синни Пайғамбарӣ номида мешудааст. Мувофиқи ривояти халқӣ гӯё пайғамбар Муҳаммад чунин ёдбудҳоро дар арафаи маргаш мeopoст. Мувофиқи ин ривоят инсонҳо то 62-63 солагӣ умри пайғамбарӣ ба сар бурда, ба ҳудуди ҳаёти заминӣ мерасид ва аз ин зиёд солҳои зиёдатӣ мераванд.

Баъди ба иҷро расондани ёдбуди давраи ҳаётӣ онҳое, ки ин таомулро иҷро мекунанд, ё онҳое, ки дар ин маъракаҳо ширкат доштанд, уҳдадор буданд, ки аз ҳама гуна васвасаҳо дуруғгӯй фиску фучур амали туздию, дашномдиҳӣ, ҷангу xapxaшa худдорӣ намоянд[4].

Дар миёни насли пешини рушониҳо чунин эътимоде ҳукмфармоӣ дошт, ки руҳи одаме, ки дар давраи ҳаёт буданаш ёдбуд ташкил карда буд, баъди марги ӯ бешубҳа ҳатман бояд ба биҳишт афтад. Барои ёдбуд гусфанди сафед ё хокистаррангро интихоб мекарданд. Рӯзҳои панҷшанбе, ҷумъа ё шанбе барои ин кор мувофиқ ва нек дониста мешуданд. Дар ин ёдбудҳо танҳо одамони пиронсоли деҳа иштирок мекарданд. Шахсе, ки нияти гузаронидани ёдбуди худро дошт баррачаи навзоди сафед ё хокистаррангро интихоб карда, онро

---

[1]Ниг.: Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 93 – 97.

[2]Юсуфбекова З. Прижизненный поминки в Шугнане // Краткое содержание докладов Среднеазиатско-кавказских чтений. - Л.: Наука, 1980. - С. 25 – 26.

[3]Лашкариев А. З. Похоронно - поминальная обрядность бартангцев (конец XIX – XX вв.). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. - М., 2007. - С. 18.

[4] Аз суҳбати диссертант бо сокини деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рушон, Шукралиев Хоҷабек. Соли таваллуд 1941. Санаи сабти сӯҳбат 14.08.2022.

парвариш карда, ба камол мерасонд. Касоне, ки дар ин маросим иштирок мекарданд онҳоро *«davatnišin»* мегуфтанд. Гусфанде, ки таъин шуда буд, *dawati jondor* айнан – гӯсфанд барои «даъватнишинон» номида мешуд. Ёдбудиҳо охирҳои тирамоҳ ё дар аввалҳои зимистон дар шаби панҷшанбе, ҷумъа гузаронида мешуданд. Ба ёдбуд Пир ё халифа ва ҳамдеҳагон даъват карда мешуданд. Барои зиёфати умумӣ гов забҳ мекарданд. Барои Пир бошад, гусфанд мекуштанд. Ҳангоми намози шом мадҳияхонӣ ташкил мекарданд.

Пир ба онҳо муроҷиат карда, ба муҳиммият ва оқибатҳои иқдоми ба амал баровардаш дастур ва дуои махсуси кӯтоҳеро қироат мекард, онҳо дастони Пирро бӯса карда, ба ҷойҳои худ бармегаштанд. Халифа ба назди оташдон меомад, косаро мегирифт, ки бо гандуми куфташуда пур карда шуда, буд намак ва ордро ҳам мегирифтанд. Баъд халифа бо ин коса ба назди Пир омада бо овози баланд дуо мехонд. Дар ин вақт дарҳоро маҳкам мекарданд ва Пир дуои дарозро қироат мекард.

Пир пилтаро аз тахти хоб дода, як нуги онро ба халифа дода, тоб додани пилтаро давом дода, дуои дуру дароз мехонд. Баробари дароз шудани пилта халифа аввал ба фарш ҳаракат карда, баъд ба кати муқобили хона мебаромад. Вақте ки халифа ба ин ҷо меомад Пир тоб додани пилтаро қатъ мекард ва дар кати муқобили оташдон нишаста пилтаро аввал ду қабат баъд се тоб медод, то он вақте ки ба як навъ калоба табдил наёбад ин корро давом медод. Баъд Пир кордро гирифта қироати дуо мекард: «Бигзор забони ҳама бадгӯёни Шоҳ Носир бурида шавад, фиристодаи Худо дуоҳои Муҳаммад». Баъди калбаро аз мобайн мебурид ва бисту ҳафт пилта тайёр карда Пир ба як нуги онҳоро ба чароғ, то нисф айнан меғутонд, ки он бо равғани зарди гармкарда пур карда шуда буд. Дигар пилтаҳоро дар канори чароғ овезон мекард. Чароғ дар назди Пир, дар як канораи кат муқобили оташдон, назди дар меистод. Халифа пилтаро дуои кӯтоҳе мехонд. Дар назди Пир дар косаи гилин равғани зард меистод гоҳ-гоҳе

бо қошуқи чубин равған гирифта ба чароғ илова мекард. Барои он ки равғани зиёдати рӯйи фарш нарезад, зери чароғ косае мегузоштанд[1].

Пир дар равшании чароғ бо овози баланд китоб мехонд ва ҳама онҳое, ки дар хона буданд қироати ӯро гуш мекарданд. Баъди қироат Пир назди чароғ таъзим карда, дар ин вақт халифа кафи дасти чапаашро бо нони гандуми ба зери чароғ гузошта, бо дасти рост дастаи онро дошта, назди оташдон рафта, чароғро ба шахси калонсолтарин, ки ёдбуди худро мегузаронд, медод. Ёдбудшаванда дар назди оташдон, истода чароғро дар дасташ чанд муддат нигоҳ дошта, баъд онро ба дигар иштирокчиёни ин маросим, ки мехост ёдбуди худро доир кунад, медод. Ба анҷом ёфтани ёдбуд чароғи то ба охир носухтаро ба анбор (ганҷур) мебурданд ва онҷо то тамом шудани равған сухта меистод.

Хулоса, таҳлили маросимҳо, урфу одатҳои марг ва азодории рушониҳоро ҷамъбаст намуда, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки:

-дар иҷро намудани маросимҳо вобаста ба марг ва азодорӣ низ ба назар гиифтани ҳисоби вақт нақши муҳим иҷро менамояд;

- маросими дафнии *poyamol (malaqδed)*, ки бори нахуст зиёда аз сад сол пеш аз тарафи муҳаққиқи рус С. П. Ванновский ба қайд гирифта шуда буд, дар Рушон боқӣ мондааст ва он имрӯз дар дараҷаи азбайнравӣ қарор дорад;

-маҷмуи кафани «рушониҳо» то ба имрӯз тағйир наёфта, он аломатҳои архаистии либоси қадимаро нигоҳ доштааст;

-маросими *davati baqo* – ёдбуди даври ҳаётӣ дар миёни рушониҳо то охири солҳои Шуравӣ гоҳ-гоҳ иҷро мешуд, аммо имрӯз аз байн рафтааст.

---

[1] Саркоров С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина). Диссертация на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - СПб., 2006. - С. 93 – 97.

# ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқи масъаларо ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадем, ки ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикон таърихи қадима дошта, имрӯз ҳам дар инкишоф буда, бо таҳаввулот аз як зина ба зинаи дигар рушд ёфта истодаанд, умуман гирем, дар зинда нигоҳ доштани анъанаҳо ва маросимҳои миллии тоҷикон нақши мардуми Кӯҳистони Бадахшон, аз ҷумла, мардуми Рушон намоён мебошад.

Ҳангоми таҳлили маводи маъхазҳо муайян гардид, ки рушониҳо ҳисоби махсуси худро аз рӯйи қисмҳои бадани инсон (одам) доранд. Дар рафти омӯзиши мавзуъ муайян гардид, ки тақвимҳои мардумӣ, ҷашну маросимҳо, анъана ва расму оини мардуми Рушон бо ҳаёти кишоварзию чорводории сокинон зич алоқаманд будаанд [5-М; 14-М]. Солшумории халқии кишоварзие, ки дар бораи он сухан меравад, хело қадимаву аҷоиб буда, танҳо ба халқи тоҷик хос аст. Мардум онро то ҷорӣ шудани ҳокимияти Шуравӣ истифода мебурданд ва насли калонсол имрӯз ҳам аз он баҳра мебардорад. Дар Рушон тақвими қадима, ки вақти корҳои асосии кишоварзиро муайян мекарданд, боқӣ мондаанд [7-М; 14-М].

Маводи дар диссертатсия пешниҳодшуда муайян менамояд, ки дар асоси тақвими анъанавии миёни рушониён, асосан чор ҷашни миллӣ-анъанавӣ (Офтоб дар мард, Батаём, Наврӯз, Наврӯзи тирамоҳ) ва ду иди асосии динӣ (Рамазон ва Қурбон) маъмул будааст. Ҷашнҳои миллӣ-анъанавии таърихи қадим дошта, аз лиҳози он ки Кӯҳистони Бадахшон дар бунбасти табии қарор дошт ҳуҷуми аҷнабиён ба фарҳанги мардуми он камтар таъсир расонд ва расму русуми тоҷикон маҳз дар ин минтақа пурра ба замони муосир расидаанд.

Ҷашну маросими аҷдодони тоҷикон ин таърих ва фарҳанги зиндаи мост ва бояд онро донем, ҷиҳатҳои тарбиявии онҳоро истифода намоем. Хусусан, Наврӯз ҷузъи аз фарҳанги қадимаи мост, ки имрӯз ҷаҳониёнро ба беҳтар зистан даъват мекунад, дилҳо, андешаҳо ва дастҳо метавонанд, аз ин рӯз ва дар ин рӯз ба ҷониби якдигар майл кунанд, некӯйиро пеша кунанд [1-М; 7-М].

Ҳамин тавр, дида баромадани идҳои тақвимӣ ва расму маросимҳо аз рӯйи маъхазҳо, асарҳои олимон ва таҳқиқоти саҳроии мо нишон дод, ки дар рушониҳо чор ҷашни мавсимӣ: Oftob dar mard (Сада), Батаём Наврӯз, Наврӯзи тирамоҳ (Меҳргон) бо расму таомулҳои сершумор баргузор гашта, аз замонҳои қадим то ба замони мо расиданд. Баъди қабули ислом ба идҳои тақвимӣ ҷашни Қурбон ва Рамазон илова шуданд. Ғайр аз ин ҷашнҳо боз идҳои дигари қӯчактаре ҳастанд, ки мардуми Рушон онҳоро ҷашн мегирифтанд [1-М; 7-М, 12-М].

Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ муайян гардид, ки дар байни рушониён чанд ҷашни асосӣ буданд, ки миёни онҳо Наврӯз мақоми марказиро ишғол менамояд. Вақти таҷлили идҳои мардумӣ муайян буд ва ҳамасола дар ҳамон вақту соат қайд карда мешуданд. Аммо идҳои динӣ, ки баъди қабули Ислом ҷашн мегирифтанд, вақти ҷашни онҳо аз рӯйи тақвими моҳтобии мусулмонӣ доимо иваз мешаванд. Новобаста ба ин дар таҷлили ҷашнҳои динӣ, баробари маросими динӣ маросимҳои зиёди мардумӣ низ иҷро мешаванд, ки ба ҷашнҳои мазкур ранги дигар бахшидаанд, ки аз дигар халқҳо ба куллӣ фарқ доранд [5-М; 8-М].

Наврӯз, чуноне ки мо гуфтем рӯйдоди марказӣ мебошад, ки дар атрофи он дигар ҷашну анъана ва маросимҳои кишоварзии мавсими баҳорию тобистонӣ ва тирамоҳӣ қарор мегиранд. Наврӯз ба гурӯҳи идҳои аҷдодӣ шомил буда, дар байни соҳири дигар халқҳо низ паҳн гаштааст. Дар Рушон онро бо тамоми расму русуми архаистӣ қайд менамоянд. Дар диссертатсия ба ҷо овардани маросимҳои наврӯзии рушониёнро бо дигар тоҷикони Кӯҳистони Бадахшон ва тоҷикони водинишин муқоиса намуда, мо ба хулосае меоем, ки дар шакли том он як реша дошта, ҷузъан бошад, аз дигар манотиқи Тоҷикистон фарқ менамояд. Фарқияти ҷузъӣ дар он зоҳир мегардад, ки аз сабаби ҳазорсолаҳо дар бумбаст қарор доштани минтақа, бисёре аз анъанаҳои бостонии ҷашни мазкур дар Рушон ҳифз нигоҳ дошта шуданд. Масалан, дар Рушон аз ҷашни «Офтоб дар мард» сар карда, мардум аллакай ба омад-омади Наврӯз омодагӣ мебинад. Он аввал дар ҳар маҳал, баъд ҳар деҳа ва оқибат дар деҳаи Баррушон ҷашн

гирифта мешавад. Ҷашни он дар замони Шуравӣ низ аз байн нарафт [1-М]. Таҷлили дигар идҳои мардумӣ бошанд, дар Шуравӣ аз байн рафтаанд. Масалан, ҷашни Офтоб дар мард (Сада), Батаём, Наврӯзи тирамоҳ (Меҳргон) ҳамчун ҷашн мавқеашонро аз даст дода, танҳо дар муҳити хона аз онҳо ёдрас мешуданду халос.

Таҳлили маъхазҳо нишон дод, ки аз ҷашнҳои динӣ бошад Рамазон ва Қурбон маъмултар буда, онҳо дар Рушон дар давраи тоинқилобӣ се рӯз таҷлил мегардиданд. Дар замони Шуравӣ ин идҳо мамнуъ эълон гардиданд. Танҳо дар замони Истиқлол боз аз сари нав мардум имконият ба даст овард, ки маросиму идҳои мазҳабиро озодона иҷро намояд. Бо сабаби дар замони Шуравӣ манъ кардани ҷашнҳои мазкур бисёр маросим ва анъанаҳо вобаста ба онҳо аз байн рафтаанд. Таҳлили маводи этнографӣ нишон дод, ки фарҳанги мардумӣ қариб, ки ҷашнҳои диниро низ пурра фаро гирифта, дар таҷлил намудани идҳои мардумӣ ва динӣ фарқият кам ба назар мерасид. Яъне унсурҳои мардумӣ пурра ба ҷашнҳои динӣ ворид шуда буданд. Яъне баъзе нишонаҳо, маросимҳо дар ҳар ду намуди идҳо як хел буданд ва ин аз фарҳанги бойи тоҷикон шаҳодат медод. Масалан, ташкил ва гузарондани бозиҳои варзишӣ, гаштак, тухмҷанг, доиразанӣ ва ғайра ҳам дар иди Наврӯз ва ҳам дар таҷлили иди Қурбон ва Рамазон ба назар мерасид [7-М].

Бисёр аз расму таомулҳо, ки дар вақти идҳои тақвимӣ ба иҷро мерасонанд, хусусияти этникӣ-парастишӣ ва мазҳабӣ буда, бо ҳосилхезӣ алоқамандӣ доштанд. Дар боби муайян намудани оғози таҳқиқи расму русум, анъанаҳои мардумии Рушон ва давраҳои асосии он ба хулосае омадем, ки аксарияти онҳо дар Рушон ҳифз монда, айни замон ба ҷо оварда мешаванд [7-М].

Дар диссертатсия ҷашну маросимҳои хоси кишоварзии мардуми Рушон низ баррасӣ гардида, муайян гардид, ки онҳо аз ҷашни “Офтоб дар мард” ибтидо гирифта, то ба Наврӯзи тирамоҳ ҷамъбаст мегардиданд. Дар баргузории ҷашну маросимҳои кишоварзӣ муайян намудани вақту соат нақши асосӣ бозӣ кардааст. Бисёр ҷашнҳои маросимҳои кишоварзӣ имрӯз моҳияташро аз даст додаанд, ё аз байн рафтаанд [1-М, 4-М, 5-М, 8-М].

Масъалаи дигаре, ки дар диссертатсия таҳқиқ гардид, ин ҷашну маросимҳои вобаста ба касби чорводорӣ мебошад, ки таҳқиқоти саҳроии мо муайян менамояд, ки дар айни замон баъзе аз расму оин ва маросимҳои қадима оид ба ин соҳа қариб аз байн рафтаанд.

Дар диссертатсия ҷашну марсимҳо вобаста ба таваллуди кӯдак ва тарбияи ӯ низ таҳқиқ гардида, ба чунин хулоса расидем, ки дар миёни онҳо ҷашну маросимҳои *kalzined (шуштани сар), "гаҳворабандон"*, маросими риоя намудани чил, маросими бори нахуст бурдани кӯдак ба хонаи хешутабор ё ҳамсоягон, *«koltex̌t – мӯи сар тарошидан»* маъмултар будаанд ва имрӯз ҳам иҷро мешаванд [8-М].

Масъалаи дигаре, ки метавонад мутахассисонро ба тарафи худ кашад ин расму маросимҳои тӯёнаи рушониён мебошад, ки аз иҷро намудани чанд силсилаоину расм иборат мебошад. Таҳқиқот нишон дод, ки аксарияти маросимҳои туёна имрӯз ҳам иҷро шуда, дар онҳо дигаргунӣ ҳам ба назар мерасад, аммо имрӯз дар Рушон хондани суруди сартарошон аз байн рафта, он иҷро намешавад [6-М].

Дар диссертатсия дар асоси маълумоти маъхазҳо маросимҳои вобаста ба марг ва азодорӣ низ таҳқиқ гардида, муайян гардид, ки дар Рушон ниҳоди махсуси мурдашӯён ва ниҳоди навҳагарӣ *(nivgaren)* дар ҳаққи марҳум вуҷуд надорад. Маросими чил иҷро карда мешудааст [4-М].

Дар натиҷаи таҳқиқот ба хулосаи ниҳоӣ расидем, ки дар таҷлили ҷашну маросимҳои миллӣ-анъанавӣ, динӣ, кишоварзию чорводорӣ, ҷашну маросимҳо вобаста ба таваллуди кӯдак, инчунин иҷрои маросимҳо вобаста ба азодорӣ нақши тақвим ва ҳисоби вақт асосӣ ба шумор рафта, он дақиқ риоя карда мешудааст.

Мо бо боварии қатъӣ гуфта метавонем, ки нақши маросиму анъанаҳои мардумӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти гузашта ва имрӯзаи тоҷикон ниҳоят калон буда, омӯзиши таърихи он аз аҳаммияти назариявию амалӣ холӣ нахоҳад монд ва тавассути онҳо ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон ва ба роҳ

мондану инкишоф додани туризми этнографӣ, этнолингвистикӣ, этномаданӣ дар минтақа аз аҳаммият холӣ нахоҳад монд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи мавзуъро ҷамъбаст намуда, оид ба мақсад ва вазифаҳои асосии пажуҳиш ба хулосаҳои зерин расидем:

1. Аз нигоҳи ҷуғрофӣ Рушон дар байни Язғулом ва Шуғнон, дар ҳар ду соҳили дарёи Панҷ ва водии дарёи Бартанг ҷойгир буда, то истилокории афғонҳо як мулки мустақил будааст, аҳолии минтақаро рушониён ташкил медоданд, ки худро дар се категорияи этнонимӣ: рушонӣ, тоҷикони рушонӣ ва тоҷикон муаррифӣ мекарданд;

2. Рушониҳо ҳам тақвими худиро дошта, онро ҳисоб дар мард меноманд. Дар ҳаёти кишоварзону чорводорон тақвим нақши асосӣ бозӣ карда, тамоми расму маросим, ҷашн ва анъанаҳои рушониён тибқи он сурат мегирифт. Он бо баъзе ҷузъиётҳо на танҳо аз тақвими тоҷикони дигар манотиқ, ҳатто баъзе деҳаҳои худи Рушон низ фарқият дорад;

3. Дар Рушон ҷашнҳои анъанавӣ ва мазҳабиро бо хусусияти хоси маҳаллӣ ҷашн мегиранд. Имрӯз Офтоб дар мард, Батаём дар сатҳи зарурӣ таҷлил намешаванд ва онҳо танҳо дар деҳоти дурдаст ҷашн гирифта мешаванд. Аксарияти маросимҳои вобаста ба ин ҷашнҳо дар ҷашни Наврӯз иҷро карда мешаванд. Наврӯзи тирамоҳ (Меҳргон) бошад, дар замони истиқлол аз нав эҳё гардида, чанд сол мешавад, ки таҷлил карда мешавад;

4. Ҷашну маросимҳои кишоварзии мардуми Рушон оғозашро аз ҷашни *Oftob dar mard* ибтидо гирифта, то ба Наврӯзи тирамоҳ ҷамъбаст мегардиданд. Дар баргузории ҷашну маросимҳои кишоварзӣ муайян намудани вақту соат нақши асосӣ бозӣ кардааст. Имрӯз бошад, бисёр ҷашнҳои кишоварзӣ аз байн рафтаанд;

5. Чорводорони рушонӣ низ ҷашну маросимҳои хоси худро дошта, дар айни замон баъзе аз расму оин ва маросимҳои қадима қариб аз байн рафтаанд. Аксарияти маросимҳо вобаста ба он иҷро намешаванд, ё аз байн рафтаанд;

6. Ҷашну марсимҳо вобаста ба таваллуди кӯдак ва тарбияи ӯ низ дар ҳаёти ҳаррӯзаи рушониён нақши муҳим бозӣ карда, дар таҷлили онҳо вақти муайянро риоя намуда, соати некро интихоб менамоянд;

7. Дар баргузории маросимҳои тӯёна интихоб рӯзи нек, вақту соат барои рӯзи гузарондани тӯй ва бастани ақди никоҳ муҳиммият доштааст;

8. Маросими дафнии *poyamol (malaqδed)*, дар Рушон дар дараҷаи азбайнравӣ қарор дорад. Расми *davati baqo* – ёдбуди давраи ҳаётӣ то охири солҳои Шуравӣ гоҳ-гоҳ иҷро мешуд, аммо имрӯз аз байн рафтааст. Дигар маросимҳо бошад, дар асоси қонунгузории расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо сурат мегирад.

**II.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ**

Дар натиҷаи таҳлил ва ҳалли мавзуи таҳқиқотӣ як қатор тавсияҳоро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия дар шакли зер пешниҳод менамоем:

1. Натиҷаҳои таҳқикро метавонанд, мардумшиносон ва соҳаи фарҳангшиносон дар раванди омӯзиш ва эҳё намудани ҷашну маросимҳои миллии тоҷикон мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳанд;

2. Фарҳанги этникӣ ва хусусиятҳои хоси этномаданӣ дар умум ҳастии миллат ба шумор меравaнд. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки аксарияти маросимҳо ва бархе аз ҷашнҳои кӯчаки этникиро худи рушониён низ аз ёд бароварда, имрӯз онҳоро таҷлил ва иҷро намекунанд. Маводи диссертатсия барои барқарор ва эҳё намудани ин қабил ҷашну маросимҳо кӯмак хоҳад кард;

3. Раванди қайдгирии ҷашнҳо ва иҷрои маросиму оин ва анъанаҳои тоҷикони рушониро дар наворҳои видеоӣ сабт ва оид ба онҳо албомҳои тасвирию шарҳдиҳандаро тартиб дода, тавассути онҳо ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон ва ба роҳ мондани туризми этнографӣ, этнолингвистикӣ, этномаданӣ дар минтақа аз аҳаммият холӣ нахоҳад монд;

4. Ҷиҳати дифоъ ва ҳифзи ҷашну оин ва маросимҳои мардумӣ, инчунин ба роҳ мондани ташвиқоту тарғибот миёни аҳолӣ мақомоти дахлдори соҳаи фарҳанг чораҷӯӣ намуда, ҳамасола дар ин самт чорабиниҳои оммавӣ, конференсияҳои илмӣ ва фестивал-намоишҳо доир намоянд;

5. Маводи диссертатсияро метавон, дар рафти навиштани асарҳои илмӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, таърихи фарҳанги тоҷикон ва мардумшиносӣ, инчунин дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ роҷеъ ба этнография, этнология ва антропология истифода кард.

# НОМГӮИ МАЪХАЗҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

## СУХАНРОНИҲО, МАЪРӮЗАҲО ВА АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН:


1. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 128 с.

2. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 372 с.

3. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар таҷлили дуюми ҷаҳонии ҷашни Наврӯз. 27.03.2011 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: // http://prezident.tj/node/384. (санаи мурочиат 11.05.2022)

4. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, аз 20.04.2011 с. [Манбаи электронӣ]: – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/193. (санаи мурочиат 15.05.2022)

5. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати 80-солагии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]: - Низоми дастрасӣ: // http://www.president.tj/node/662. (санаи мурочиат 20.12. 202)

6. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон. Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Зафар Шералӣ Сайидзода [Матн] / - Душанбе, 2017. - 420 с.

7. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017. [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2017. - 48 с.

8. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 21.12.17 с. [Манбаи электронӣ]: - Низоми дастрасӣ: // http: // www.president.tj / node / 16771. (санаи мурочиат 20.09.2022).

9. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Сада

28.01.2024 с. [Манбаи электронӣ]: - Низоми дастрасӣ: // http: // www.president.tj / node / 32446. (санаи муроҷиат 29.01.2024 с.)

**САНАДҲОИ МЕЪЁРӢ ВА ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН:**

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” [Матн]. - 2 августи соли 2011. - № 753.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”[Матн]. - 8 июни соли 2007.- № 272.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо [Матн]. - Душанбе: Шарқи озод, 2007. - 32 с.

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн]. - Душанбе: Шарқи озод, 2017.- 16 с.

**МАВОДИ БОЙГОНӢ:**

14. Андреев М. С. О деление на мужское и женское начало различных предметов в природе по воззрениям таджиков в верховьях Оксуса. Из дарожных записей в экспедиции Таджикского филиала Академии Наук СССР, сделанных в долине Хуф, Рушан, в начале сентября 1943 г. // Архив Национальной Академии наук Таджикистана. Папка № 158. Masc Femen (мужской и женский род) в врехововьях Панджа (Хуф). 1943 г. Рукопись. 11 л.

15. Андреев М. С. Таджики / отдельные предварительные наброски / Архив Национальной Академии наук Таджикистана. Ф. 1. Опись 2. Связка 8. ЛЛ. 1 – 19.

16. Андреев М. С. «Таджики Верховьев Оксуса (Аму-дарьи). Долина Хуф, быт и язык». 2-е предисловие, предпологаемое к помещению после 1 - го, написанного в 1931 г. // Архив Национальной Академии наук Таджикистана. ВА – ВЕ. Фонд – 1. Опись 2. Связка 8. От № 332 по 337. ЛЛ. 9 – 11.

17. Документ № 1. Доклад Императорское Российское консульства в Кашгаре от 12 сентября 1883 года Господину начальнику Азиатского департамента от 12

сентября 1883 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. ЛЛ. 1 – 14.
18. Документ № 1. – Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. М., 1984. ЛЛ. 57 – 86.
19. Документ № 3. – Из донесения Российского политического агнета в Бухаре Я. Я. Лютша дирегктору первого департамента Министерства иностранных дел Н. Г. Гартвигу о необходимости наблюдениями за исмаилитскими эмиссарами, прибывающими из-за рубежа на Западный Памир. 6 декабря 1903 г. // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. М., 1984. Л. 109 – 110.
20. Документ № 17. – Из отчета А. А. Черкасова о вторичной поездке в Припамирские бекства. Позднее 17 октября 1906 г. // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. М., 1984. ЛЛ. 162 – 167.
21. Документ № 23. Зякат в Западном Памире // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно - Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп.3. Ед. хр. 12. ЛЛ. 174 – 193.
22. Документ № 27. Отчет о командировке в Памирские бекства Бухарского ханстве в 1904 // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. ЛЛ. 194 – 244.
23. Документ № 28. – Журнал совещания по вопросу о присоединении к России земель входящие в состав Шугнанского бекства // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед.хр. 12. ЛЛ. 245 – 257.
24. Документ № 30. – Отчет коллежского ассесора барона Черкасова о командировке на Памирские бекства Бухарского ханства в 1905 – 1906 гг. Декабря 1906 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.).

Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. ЛЛ. 266 – 289.

25. Свидетельство № 5825 // Аз бойгонии шахсии Ниёзов Ниёз, соли таваллуд 18.07.1958, зодаи деҳаи Нисури ноҳияи Рушон – омӯзгори фанни биологияи Гимназияи № 74 шаҳри Душанбе.

**МАЪХАЗҲОИ НАШРШУДА:**

26. Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму-Дарьи) [Текст] / М. С. Андреев. Выпуск 1. - Сталинабад, 1953. - 247 с.

27. Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму-Дары) [Текст] / М. С. Андреев. Выпуск 2. - Сталинабад, 1958. - 522 с.

28. Андреев М. С. Таджики долины Хуф. Под редакцией Э. Кочумкуловой [Текст] / М. С. Андреев. Вып. II – I. Переизд. - Бишкек: ОсОО «Джем Кей Джи», 2020. - 794 с.

29. Андреев М. М., Половцов А.А. Материалы по этнографии иранских племен. Ишкашим и Вахан [Текст] / М. М. Андреев., А. А. Половцов. - СПб., 1911. - 41 с.

30. Арандаренко Г. А. Досуги в Туркестане 1874 – 1889 [Текст] / Г. А. Арандаренко. - СПб., 1889. - 465 с.

